**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ**
**БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

***Ба ҳукми дастнавис***

**ТДУ 37.035+137-053.81(575.3)**
**ТКБ 74.90+87.715/ 2 тоҷик.**
**Д-47**

**ДИЛАФРӮЗ РАҶАБЗОДА**

# ХУСУСИЯТҲОИ АНЪАНАИ ОМОДА НАМУДАНИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯи ихтисоси 13.00. 01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ: Иброҳимов Г. -**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**

**ДУШАНБЕ- 2022**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.............................................................................3-15**

**БОБИ 1. ҶАНБАИ ФАЛСАФӢ-РАВОНӢ ВА ТАЪРИХӢ-ПЕДАГОГИИ ОМОДА НАМУДАНИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ ДАР АСОСИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ОИЛАДОРӢ ……….......16-64**

1.1. Шароити таърихӣ-педагогии масъалаи ба ҳаёти оилавӣ тайёр намудани хонандагони синфҳои болоӣ дар оилаи тоҷик........................16-33

1.2. Мазмун ва мундариҷаи анъанаҳои оиладории халқи тоҷик дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ.............33-47

1.3. Нақш ва аҳамияти анъанаҳои миллии оиладорӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ.........................47-62

Хулосаи боби якум................................................................62-64

**БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ ОМОДА НАМУДАНИ ҶАВОНОН БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ ДАР АСОСИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ОИЛАДОРӢ …………………………..………………………………………...65**

2.1. Имкониятҳои иҷтимоию педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ.............65-88

2.2. Ҳамкории падару модарон ва фарзандон дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ.....................................88-109

2.3. Ҷамъбасти корҳои озмоишию таҳқиқотӣ оид ба муайян намудани дараҷаи омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ.............................................................................................109-137

Хулосаи боби дуюм………………………………………………137-140

**ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ...........................................................141-150**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..............................................................151-168**

**ЗАМИМАҲО …………………………………………………169-172**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бо дарназардошти раванди навсозии ҷомеа ва мухолифати ҳаёти маънавии халқ ба арзёбии фарҳангҳои миллӣ, анъана ва расму оинҳо, зарурурати эҳё ва баназаргирии анъанаҳо ва урфу одатҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мураккаб дар муносибатҳои оиладорию никоҳӣ ва омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба миён омад. Дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷамъият, ҷаҳонишавии арзишҳо, бӯҳрони фарҳангиву иқтисодӣ дар тамоми кишварҳои олам, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор кардани иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, коҳиш ёфтани арзишҳои фарҳангӣ дар ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар оила ва оиладорӣ, равандҳои мураккабтарини таназзули тарзи ҳаёти оилавӣ, коҳишёбии мақоми оила, зарурати доштани кӯдак, афзоиши ҷудошавии оилаҳо, зӯроварӣ дар оила, афзоиши босуръати аҳолӣ, ворид намудани арзишҳои тамаддуни бегона дар низоми оила ва оиладорӣ, масъалаи омили инсонӣ ва мустаҳкам кардани оила, эҳёи анъана ва урфу одатҳои миллӣ ва дигар мушкилоту масъалаҳои мубрам аҳамияти мавзӯи тадқиқоти илмии моро муайян намуданд.

Илова бар ин, истифодаи анъанаҳои миллӣ дар корҳои идеологию таълимӣ ва меҳнатию оиладорӣ, ки дар рафти бунёди ҳаёти нав анҷом дода мешаванд, аз зарурати худ дарак медиҳад. Ин амал таҳлили амиқ ва фаҳмиши назариявии нақш ва аҳамияти анъанаҳо ва урфу одатҳоро дар ташаккули насли наврас талаб мекунад. Масъалаҳои маърифати оиладорӣ ва беҳтар намудани шароитҳои таълиму тарбияи фарзанд, инчунин омодагии онҳо ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ аз ҷумлаи мушкилотҳое мебошанд, ки таваҷҷуҳи тамоми мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва ҳамаи аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб кардаанд.

Бо дарназардошти муҳимияти падидаи оила дар рушду ташаккули давлату давлатдорӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ таҳкими асосҳои

ташаккули оила ва оиладорӣ дар заминаи арзишҳои фарҳанги миллӣ, анъана ва урфу одатҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар ин самт ба шумор меравад, ки дар ин самт аз ҷониби давлату ҳукумат корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимияти ин масъаларо ба назар гирифта, пешниҳод намуданд, ки соли 2015 - Соли оила эълон карда шавад. Ҳадаф аз ин пешниҳод баланд бардоштани нақши оила дар ҷомеа, рушди фарҳанги оиладорӣ ва таҳкими муносибатҳои оилавӣ, инчунин ҳифзи фарҳанги оиладорӣ чун таркиби доимии фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад. Аммо дар ин замина мушкилиҳо низ ҷой доранд, ки боиси нигаронӣ мебошанд. Хусусан мушкилоти ҷудошавии оилаҳо, ки ин раванди манфӣ ҳамасола афзоиш меёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин падидаи номатлуб дар соли 2010 дар 5818 ҳолат, дар соли 2011дар 6797 ҳолат, дар соли 2012 дар 7608 ҳолат, дар соли 2013 дар 8919 ҳолат ва дар соли 2014 дар 9132 ҳолат мушоҳида шудааст. Бино ба маълумоти расмӣ, теъдоди аҳолии кишвар беш аз 9 миллион нафар буда, 45% онро кӯдакони синни то 18-сола ташкил медиҳанд. Ҳамасола дар кишвар 2,5-3 ҳазор нафар кӯдакони маъюб ба қайд гирифта мешаванд ва теъдоди онҳо ба ҳолати 1 январи соли 2015 - 26043 нафар ё 0,8% аз шумораи умумии кӯдакони синни то 18 соларо дар бар гирифт. Мувофиқи хулосаи коршиносон, дар 30-35% ҳолатҳо сабаби таваллуди кӯдакони маъюб издивоҷи хешутаборӣ ё никоҳи хешутаборӣ мебошад.

Чунин масъалаҳои мубрам, ки ҷамъияти моро фаро гирифтанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯи рисолаи илмии мо “Хусусиятҳои анъанаи омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ва татбиқи он дар замони муосир”-ро муайян намуданд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи таърихи пайдоиш ва ташаккули анъанаҳо ва урфу одатҳо дар заминаи омӯзиши осори мутафаккирони форсу тоҷик, ба мисли Ибни Сино, Берунӣ, Фирдавсӣ,

Унсурмаолии Кайковус, Носири Хисрав, Саъдии Шерозӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон ба роҳ монда шудааст. Инчунин, дар бораи таърихи пайдоиш ва ташаккули анъанаҳо ва урфу одатҳо олимони Юнони қадим Арасту, Афлотун, Сенека, Гомер, Фукидид, Еврипид ва дигарон ақидаҳои арзишманди худро баён доштаанд.

Этнографон Снесарев Г.П., Андратенко Г.А., Андреев М.С., Кисляков Н.А ва дигарон масъалаҳои тарбияи кӯдаконро дар оилаҳои тоҷикони кӯҳистонӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX баррасӣ намудаанд. Олимони этнограф Кандауров А.Н., Розенфелд А.З., Моногарова Л.Ф., Раҳимов Р.Р., Маҷидова Б., Нуров А., Муҳиддинов И., Турсунов С., Юсуфбекова З., Мардонова А. ва дигарон ба ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи истифодаи анъанаҳои иҷтимоӣ ва оилавии тарбияи кӯдакон дар шароитҳои гуногун диққат додаанд.

Ҷиҳатҳои хоси масъалаи анъана ва урфу одатҳо, тарбияи кӯдак дар оила дар осори адибони тоҷик Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Бобоҷон Ғафуров, Пӯлод Толис, Пайрав Сулаймонӣ ва адибони дигар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар таълифоти этнографӣ, фарҳангӣ, фалсафӣ ва педагогии олимон М.Назаров, М.Раҳимов, З.Дустмуҳаммадов, Ғ.Ашуров, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Б.Раҳимов, Б.Маҷидова. А.Нуров, С. Сулаймонов, Ш.Абдуллоев ва дигарон анъана ва урфу одатҳо, таҷриба ва механизмҳои интиқоли онҳо ба наслҳои оянда таҳқиқ гардидаанд. Ҷанбаҳои педагогии анъана ва урфу одатҳои мардуми тоҷик дар корҳои илмиву таҳқиқотии олимон М.Орифӣ, М.Сайфуллоев, С.Исоев, А. Маннонов ва дигарон баррасӣ шудаанд. Ҷиҳатҳои тарбиявии анъана ва урфу одатҳо дар асару корҳои илмии олимон С.Исоев, М. Иззатова, Б. Раҳимов, И. Арабов, Х. Раҳимов, А.Нуров, Б.Маҷидова ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Дар корҳои илмии олимон М. Ғафуров, И. Давлиев, А. Ҳошимов, А.Раҳимов, А.Нуров, Ш. Шоҳисматуллоев, М. Маҳмудов ва дигарон паҳлуҳои гуногуни масъалаи оила ва оиладорӣ, тарзу усулҳои зиндагии мустақилона, таърихи оилаи тоҷик, омодагии фарзандон ба ҳаёти оилавӣ, анъанаҳои мардумии оилаи тоҷик ва аҳамияти онҳо дар омода намудани хонандагону ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар таърихи педагогикаи халқи тоҷик як зумра олимони маъруф, ба мисли М. Лутфуллоев, К. Қодиров, М. Орифӣ, И. Обидов, Б. Раҳимов, А.Нуров, С.Исоев, М. Иззатова, Х. Раҳимов, Ф. Шарифов, А. Миралиев, А. Паҳлавонов, Х. Авзалов, Д. Расулов, Г. Иброҳимов ва дигарон оид ба тарбияи кӯдакон дар оила асарҳои зиёдеро иншо намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи далатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи “Ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-маънавии донишҷӯён дар заминаи арзишҳои миллӣ” ва муқаррароти асосии Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 801) иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот** – таҳлили илмию педагогии шаклу усулҳои самарабахши омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъанаҳои миллии оиладорӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста ба мақсади илмии пешниҳодшуда вазифаҳои зерини таҳқиқот гузошта шудаанд:

1. Омӯзиш ва таҳлили таърихи пайдоиш ва ташаккули анъанаҳо ва урфу одатҳои миллии халқи тоҷик дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ;

2. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ муайян намудани хусусиятҳои анъанаи омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ бо мақсади истифодаи самаранокии ин хусусиятҳо;

3. Ошкор ва муайян намудани аҳамияти педагогии анъана ва урфу одатҳои миллӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳайёти оилавӣ;

4. Ташкили ташхиси озмоишию таҷрибавии тарзу усулҳои омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъанаҳо ва урфу одатҳои миллии оиладорӣ;

5. Таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳо оид ба истифодаи анъанаҳо ва урфу одатҳо ҷиҳати омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ва истифодаи амалии онҳо.

**Объекти таҳқиқот** – анъана ва урфу одатҳои миллии оиладорӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот –** истифодаи роҳу усулҳои самараноки анъанаҳои миллии оиладории тоҷик дар ҷараёни омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар замони муосир.

**Фарзияи таҳқиқот:** омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъанаҳои оиладорӣ ба шарте дуруст ба роҳ монда мешавад, ки **агар**:

- дар тарбияи оилавӣ зимни омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ анъанаҳои миллии оиладорӣ ба назар гирифта шаванд;

- дар тарбияи оилавӣ падарону модарон ба анъанаҳои миллии омода намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ такя кунанд;

- педагогикаи оиладории халқи тоҷик, ки имконияту мазмуни ғанӣ дорад, дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ истифода бурда шавад;

- таҳқиқ ва омӯзиши анъана ва урфу одатҳои миллии оиладории халқи тоҷик дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар заминаи анъанаҳои пешқадам ва мусбат, ки аҳамияти педагогӣ ва назариявию амалии такмили низоми таълиму тарбияро дар оила, муассисаи таълимӣ ва дигар институтҳои оила доро мебошанд, ба назар гирифта шавад;

- омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъанаҳои миллии оиладорӣ ва зимни таъмини алоқаи зичи оила, мактаб ва ҷамъият ба роҳ монда шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила анҷом дода шуд:

**Марҳилаи якум** (2015-2016) – ҷустуҷӯию омӯзишии масъала. Омӯзиши адабиётҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологию педагогӣ, таърихӣ, этнологӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаи анъана ва урфу одатҳо дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ. Асоснок намудани аҳамияти мавзӯи интихобшуда, муайян намудани дастгоҳи илмию таҳқиқотӣ, нашри мақолаҳои илмӣ бахшида ба мавзӯи таҳқиқот.

**Марҳилаи дуюм** (2017-2019) – назариявӣ, тавзеҳи вазифаҳои илмӣ, методӣ, ибтидоӣ, таҳлили адабиётҳо, татбиқи маводи омӯзишӣ дар таҷрибаи педагогӣ, муайян намудани ҳолати истифодаи анъанаҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, таҳияи нақша ва усулҳои таҳқиқоти илмӣ.

**Марҳилаи сеюм** (2019-2021) – ҷамъбастию таҳлилӣ, танзим ва муттаҳид намудани маводи таҷрибавӣ, таҳияи хулосаҳо; гузаронидани мушоҳидаҳо, сӯҳбатҳо, анкета, саволу ҷавоб, таҳияи кори озмоишию таҳқиқотӣ; нашри натиҷаҳои фосилавии тадқиқот, лоиҳаи рисолаи илмӣ, омода ва пешниҳод намудани рисолаи илмӣ ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро таълимоти файласуфон, бостоншиносон, равоншиносон, этнографҳо ва педагогон дар бораи оила ва нақши он дар ҷамъият, анъанаҳо ва урфу одатҳо дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, нақш ва мақоми онҳо дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ақидаҳои таърихии рушди муносибатҳои оиладории никоҳӣ ва оилавию моддӣ, осори мутафаккирони форсу тоҷик бахшида ба оила ва оиладорӣ, тарбия ва омода намудани фарзандон ва насли наврас ба ҳаёти оилавӣ, асарҳои муосири олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар таълиму тарбия ва омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, қонуну консепсияҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (соли 2005), “Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (соли 2006), “Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (соли 2015), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” (соли 2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон” (соли 2014), Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо таҳрири нав, соли 2016), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” (соли 2011), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (соли 2017) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои метологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро омӯзиш ва таҳлили адабиёти фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ аз рӯи мушкилоти мавҷуда, омӯзиш ва муттаҳид намудани ҳамкорӣ дар байни мактаб ва оила, корҳои таҷрибавию озмоишии психологию педагогии дорои ҷанбаи тарбиявӣ, мушоҳидаҳои педагогӣ, сӯҳбатҳои фардӣ ва коллективӣ бо волидон, омӯзгорон, ҷавонон ва дигар намояндагони ҷамъият, таҳлили вазъияти педагогӣ, саволу ҷавоб

(анкета), таҳлили корҳои санҷишӣ ва иншоҳои мавзӯӣ, омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ, маводҳои бахши сабти асноди шаҳрвандӣ ва судҳо вобаста ба муносибаҳои оиладории никоҳӣ ташкил мекунанд. Дар кори илмӣ инчунин принсипу усулҳои умумиилмӣ истифода шудаанд: принсипҳои мунтазам, маҷмӯӣ, таърихӣ, принсипҳои илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ, ба мисли таҳлил, синтез, индуксия, тарҳ ва ғ.

**Сарчашмаи маълумот.** Осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи фарзанд", Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории бевоситаи амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷаъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ - арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғ.; дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандахои сифатӣ, усулҳои микдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди окилонаи онҳо рӯи кор омадаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 1, 5, 8-и ш. Кӯлоб (135 хонанда), №№ 2, 20, 54- н.Ҳамадонӣ (179 хонанда), № 8 ва гимназияи “Боғи Ҳабиб”-и н. Муъминобод (82 хонанда) анҷом дода шудаанд. Дар таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ беш аз 45 омӯзгор ва 396 хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11) ҷалб карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқотро нуктаҳои зерин** ташкил медиҳанд:

а) шароитҳои таърихию педагогии мушкилоти ба ҳаёти оилавӣ омода сохтани хонандагони синфҳои болоӣ дар оилаи тоҷик назариявӣ муайян карда шуд;

б) мазмуну мундариҷаи анъанаҳои оиладорӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ошкор ва муайян карда шуд;

в) нақши анъана ва урфу одатҳои оиладорӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар муносибат бо арзишҳои миллӣ нишон дода шуда, дар ин замина мақоми анъанаҳои миллӣ, урфу одат ва расму оини оиладорӣ дар ташаккули шахсият ва омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ инъикос гардиданд;

г) имкониятҳои иҷтимоию педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик, зарурат ва истифодаи анъанаҳои оиладорӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ, имконият ва аҳамияти ин анъанаҳо ошкор ва муайян карда шудаанд;

д) алоқаи зичи анъанаҳои миллии оиладорӣ, ҳамкории падару модарон бо фарзандон дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ, ҷиҳати таъмини рушди минбаъдаи давлат илман асоснок намуда шуд;

е) истифодаи маҷмӯаи хусусиятҳои анъанаҳои миллии оиладорӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ дар мактаб, инчунин ҳамкории мактаб, оила ва ҷамъият дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ дар замони муосир дар шакли корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ ба амал оварда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- маҳз оила ҳамчун воҳиди сохтории ҷомеа ба ташаккулёбии шахсият ҳанӯз аз синни хурдсолӣ замина мегузорад ва ба он таъсир мерасонад, зеро оила бо робитаву муносибатҳои ҳаётӣ ва хешу таборӣ, зану шавҳарӣ алоқаманд буда, волидон ва фарзандонро дар доираи худ муттаҳид месозад. Аллакай дар айёми кӯдакӣ оила ба ташаккулёбии шахсияти кӯдак таъсири калон мерасонад. Гарчанде оила гурӯҳи хурди иҷтимоӣ бошад ҳам, бар зиммаи он дар тарбия ва омодасозии наврасону ҷавонон ба зиндагии оилавӣ, яъне издивоҷӣ, иҷроиши вазифаҳои муҳиму азими ҷамъиятӣ вогузор шудааст. Аз ин рӯ, дар тамоми низоми тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, омодасозии онон ба издивоҷ дар оилаи волидайн яке аз ҳалқаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад;

- дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар мавриди ҷаҳонишавии манфиатҳо ва омезиши анъанаҳои миллии мардумони ҷаҳон масъалаи рушду эҳёи анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ, махсусан анъанаҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ яке аз мушкилотҳои муҳими ҷомеа ба шумор меравад;

- анъана ва урфу одатҳои миллии оиладорӣ имконият ва иқтидори бузурги таълимию тарбиявӣ ва аҳамияти назаррасу таъсири зиёди маънавӣ дошта, онҳоро барои омода намудани ҷавонон ва хонандагони синфҳои болоӣ ба оиладории мустақилона самаранок истифода бурдан мумкин аст;

- анъана ва урфу одатҳои миллии оиладорӣ дорои таърихи бою ғанӣ буда, таҷрибаи гузаштагон, хусусиятҳои ҳаёти рӯзмарра, шарту шароитҳои иқлимиву ҷуғрофӣ ва ҷанбаҳои дигарро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, онҳо ҳамчун таркиби ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ арзиши ба худ хос дошта, барои омода намудани насли наврас ба ҳаёти оилавӣ таъсири зиёд мерасонанд;

- бо мақсади омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мутобиқ гардонидани анъана ва урфу одатҳои миллии оиладорӣ ба талаботи

рушду эҳёи анъанаҳои миллӣ ба ташкили дурусти раванди мутобиқшавии ҷавонон ва насли наврас ба ҳаёти иҷтимоӣ, дарки таъриху фарҳанги миллии худ, бохабарӣ аз эҷодиёти гузаштагон, ҳифзи зиндагии осоишта ва таъмини суботи оилаю оиладорӣ мусоидат хоҳад кард.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тасаввуротҳои илмӣ оид ба масъалаи анъанаҳои мардумии оиладорӣ васеъ гашта, таъсири анъана ва урфу одатҳои оиладории миллӣ ба омодасозии самараноки ҷавонон, алалхусус хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат намуда, рушди минбаъдаи назария ва амалияи ин масъала асос гузошта, ба таҳкими минбаъдаи анъана ва урфу одатҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар заминаи таҷрибаи оиладорӣ, мактаб ва дигар институтҳои оила ба роҳ монда шавад.

Аҳамияти амалии тадқиқот бо омӯзишу таҳкими анъанаҳои оиладорӣ ва бо истифодаи таҷрибаи пешқадами оилаи тоҷик дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, пешниҳоди фарзияҳо ва тавсияҳои илмӣ оид ба омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъана ва урфу одатҳои оиладорӣ муайян карда мешавад. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо падарону модарон, мураббиён, омӯзгорон, донишҷӯён, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва институтҳои оила истифода бурда метавонанд. Инчунин донишҷӯёну муҳаққиқон зимни эҷоди корҳои илмӣ, навиштани корҳои дипломӣ, таҳияи реферат ва корҳои курсӣ метавонанд аз ин натиҷаҳо ба таври самаранок истифода баранд. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо барои донишомӯзии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу литсейҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии падарону модарон вобаста ба масъалаҳои омода намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисос, дар таҳсилоти баъдидипломии хатмкунандагони донишгоҳу донишкадаҳо, унвонҷӯёну аспирантон ва

дигар кормандони соҳаи илм, ки ба ин мавзӯъ сарикор доранд, фаровон истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот; маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъи интихобшуда ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд; интихоб ва таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд; азназаргузаронии маводҳои бадастомадашудаи рисола; муътамад будани натиҷаҳои бадастомадашуда; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: *банди 1* – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омезиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводҳо; дар истифодаи маҷмӯи усулҳо вобаста ба мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди додаҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин сурат гирифтанд:

- дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ-педагогии омӯзгорони фанни “Маърифати оиладорӣ” оид ба истифодаи анъанаҳои мардумии оиладорӣ дар омода сохтани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ;

- ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон;

- дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаи назария ва амалияи таълиму тарбия;

- дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии кафедраи педагогикаи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ;

- ҳангоми баромадҳо ва суханрониҳо дар конфросҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар кафедраи педагогикаи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ якчанд маротиба баррасӣ гашта, дар конфронсҳои ҷамъбастии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (солҳои 2015-2021), дар конфронсҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Оила ва оиладорӣ» (2016), дар курсҳо ва семинарҳои Донишкадаи такмили ихтисоси муаллимони минтақаи Кӯлоб (мунтазам), мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 7 мақола дар нашрияҳои пешбари тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ФР тавсия дода шудаанд, нашр гардиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мантиқи таҳқиқот мувофиқат намуда, аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса, рӯйхати адабиёт (186 номгӯй) ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 172 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ҶАНБАИ ФАЛСАФӢ-РАВОНӢ ВА ТАЪРИХӢ-ПЕДАГОГИИ ОМОДА НАМУДАНИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

## 1.1. Шароитҳои таърихию педагогии масъалаи ба ҳаёти оилавӣ омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ дар оилаи тоҷик

Ташкили давлати демократию ҳуқуқбунёд, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, тағироти куллии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷамъият зарурати ҳалли масъалаҳои муҳимеро тақозо дорад. Яке аз чунин масъалаҳо оила ва оиладорӣ, муносибатҳои оилавӣ ва омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мебошад. Омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ масъалаи ҳаётан муҳим буда, таваҷҷуҳи муҳаққиқону олимони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст.

Ин масъаларо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб дарк карда, як қатор қонуну санадҳоро оид ба ин масъала таҳия ва пешниҳод намудааст, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»[85; с.12], Кодекси оилаи  Ҷумҳурии Тоҷикистон [71; с.47]., Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [75; с.1-2]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон»[84; с.14]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи саломатии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ» [86; с.15] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Илова бар ин, муносибатҳои оилавӣ ва дигар паҳлуҳои ин масъала дар Констутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,  Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»[87; с.12]., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [88; с.17] баррасӣ шудаанд. Дар ин замина соли 2015 дар Тоҷикистон «Соли оила» ва соли 2017 «Соли ҷавонон» эълон шуда буд.

Масъалаи оила ва оиладорӣ, муносибатҳои оилавӣ ва омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва умуман масъалаҳои таълиму тарбия ва ташаккули шахсият дар осори пурарзиши мутафаккирони форсу тоҷик баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла дар «Китоби Нур» ва «Китоби бахт» - и Носири Хусрав (1003-1080), «Қобуснома» - и Унсурмаолии Кайковус (1020-1099), «Дастур ба мардум»-и Муҳаммад Имом Ғазолӣ (1058-1111), «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насрулло (1118-1157), «Китоби пандҳо»-и Фаридуддин Аттори Нишопурӣ (1119-1233), «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ (1184-1292), «Ахлоқи Носирӣ»-и Шайх Насриддини Тӯсӣ (1235), «Табиат ва шараф»-и Амир Сайид Алӣ ибни Шаҳоби Ҳамадонӣ (вафот 1494) «Боғи баҳор»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (1478), «Ахлоқи Муҳсин» ва «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (1420-1505), «Ахлоқи Музаффарӣ» ва «Ахлоқи Муҳаммадӣ»-и Садри Самарқандӣ (вафот 1885), асарҳои маънавию ахлоқии «Бояд дид» ва «Ман бояд иқрор шавам»-и Муҳаммади Ҳусейн Толиби Пурӣ (1879) ва дигар асарҳои арзишманд.

Масъалаи омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ масъалаи нав набуда, таърихи ҳазорсола дорад. Дар адабиёту фолклори мардумони сарзаминҳои куҳан, ба монанди Ҳинд, Чин, Форс, Миср, Рим, Бобул ва ғайра паҳлуҳои гуногуни ин масъала хотиррасон ва қайд шудааст. Зиндагии оилавӣ ё қабилавӣ ва авлодӣ таърихи чанҳазорсола дошта, нодида гирифтани ин масъала дар заминаи тамаддунҳои бою рангини гузашта ғайриимикон аст.

Дар осори маъмули он давру замон, ба мисли Авасто, Шояст ва Нашояст, Эъломияи Куруши Кабир (форсҳо), Рамаяна ва Махабхарата (ҳиндуҳо), мансукрипту достонҳои қадимаи мисриҳо, бобулиҳо, римиҳо ва садҳо дигар бозёфтҳои қадима қисман ё пурра масъалаи зиндагии оилавӣ, накши падар ё модар дар оила, тарбия ва нигоҳубини фарзанд, хоҷагидорӣ, хешу таборӣ, шикори якҷоя ва масъалаҳои ба ин монанд баррасӣ шудаанд.

Китоби муқаддаси зардуштиён Авасто он замонҳо дар масъалаи оила ва оиладорӣ нақши муҳим дошт ва тавсияҳои муфидро дар бар мегирифт. Зардуштия дине буд, ки паҳлуҳои гуногуни ҳаётро фаро гирифта, принсипу қоидаҳои дурусти пешбурди ҳаёт, хоҷагидорӣ, ҳифзи оила ва тарбияи фарзанд, масъалаҳои никоҳу хешутаборӣ ва ғайраро муайян мекард. Ин масъалаҳо дар осори шоирону мутафаккирони форсу тоҷик низ ба таври возеҳ баррасӣ шудаанд. Масалан, ҳаким Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-и безаволи худ оиларо пояи устувор ва таркиби муҳими тамаддуни эрониҳо меҳисобид. Оилаи эрониҳои қадим аз падару модар, фарзандон ва ғуломону хизматгорон иборат буда, дар ин росто зан дар оила мавқеи назаррас дошт. Шарти асосии бастани никоҳ, пеш аз ҳама, розигии духтар ва баъдан розигии волидон буд[177;с.27-29].

Ин масъалаҳо аз мадди назари олимону мутафаккирони Юнон ва Рим низ дур намондааст. Аз ҷумла олимони маъруф Афлотун, Арасту, Сенека, таърихшиносон Гомер, Фукидид, Еврипид ва дигарон дар асарҳои худ ба масъалаи оила диққати хоса медиҳанд. Масалан, Афлотун дар китоби “Қонунҳо”-и худ чунин мефармояд: “Фарзандам, - ба писари волидайни ҳақгӯй чунин мегӯям, - ту бояд ба никоҳ дароӣ, то ки бо розигии одамони боақл ба амал ояд. Онҳо ба ту ҳангоми никоҳ бастан насиҳат намедиҳанд, ки ту аз камбизоатӣ гурезӣ ва пайи бойгарӣ шавӣ. Дар шароити баробар бояд зиндагии соддаро интихоб кард ва баъд бояд никоҳ баст. Ва ин ҳолат ҳам ба давлат ва ҳам ба оилаи нав ташкилмешуда қобили қабул аст”. Дар ҷои дигар ӯ барои падарону модарон таъкид мекунад: “Бояд ба падарону модарон хотиррасон кард, ки онҳо ҳангоми бастани никоҳи фарзандони худ, дар аввал мувофиқ омадани фарзандонро ба якдигар ба назар гиранд, на барои ба даст овардани боигарӣ ва баробарии моддии онҳо кӯшиш ба харҷ диҳанд” [22; с.773].

Ба ақидаи Арасту, муоширати авалини инсонҳо дар оила ба амал меояд, ки он асоси ҷамъиятро ташкил медиҳад. Маҳз аз оила давлатҳо ба

вуҷуд омадаанд. Вобаста ба ин масъала бисёре аз мутафаккирони он давру замон фикру мулоҳизаҳои худро баён доштаанд.

Аз нақш ва таъсири зиёди динҳои пешин, ба мисли зардуштия (оташпарастӣ), ҳиндуия (вишнуизм) ва дини яҳудӣ дар масъалаи оила ва оиладорӣ, никоҳу зиндагии якҷоя ёдовар шудан бамаврид аст. Ҳар кадоме аз ин динҳо вобаста ба зиндагии шахсӣ ва оилавӣ принсипу қоидаҳои хосаро дар бар гирифта, тарзу усулҳои махсуси оиладориро муайян менамуданд. Дар ин росто дини ҳиндуия маврид ба таъкиди хос аст, ки дар он ҷанбаҳои гуногун ва нозукиҳои ҳаёти мустақилона баррасӣ гардидаанд. Масалан, ҳиндуҳои қадим бастани никоҳро аз синни чордаҳсолагӣ ҷоиз медонистанд, духтар худаш шавҳари ояндаашро интихоб мекард, хароҷоти тӯйро волидони арӯс ба зимма мегирифтанд, аз табақаи поёнӣ барои табақаи болоӣ ё баръакс аз табақаи болоӣ барои табақаи поёнӣ духтар ё писарро интихоб кардан манъ буд, асоси зиндагии мустақилонаро никоҳи динӣ ташкил медод, ки бе он ҳаёти оилавӣ нораво дониста мешуд ва ғайра.

Баъди пайдоишу густариш ёфтани динҳои нав, ба мисли дини масеҳӣ ва дини ислом масъалаҳои омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва оилаву оиладорӣ, раванду қоидаҳои ҳаёти мустақилона ва дигар паҳлуҳои он аҳамияти нав касб карданд. Дар ин замина ҳуқуқи бунёди оила, доштани зану фарзанд ва масъулияти падарӣ чун сарпарасти хона ба миён омад. Албатта, дар доираи муқарароти дин ва фармудаҳои Худованд ба воситаи паёмбар ва китоби муқаддас. Масалан, баъди пайдоиши динҳои дар боло зикршуда занону кӯдакон аз меҳнати вазнини ҷисмонӣ озод гардиданд, ба шикор рафтани занҳо манъ карда шуд, дар набардҳо аз қувваи занҳо дигар истифода намебурданд ва аввалин маротиба нафақаи зану фарзандон, яъне ҷиҳати иҷтимоии масъала баррасӣ гашта, меъёри муайяне дар ин асос муайян карда шуд. Мувофиқи таълимоти дини ислом, оила асоси ҷамъият буда, бе он бунёди ҷамъияти солим ва пойдор ғайриимкон аст. Дар ояте омадааст:

“Бисёре аз шумо, ки дар рӯзи маҳшар ба оташи дӯзах партофта мешавед, онҳое мебошанд, ки аз никоҳу оиладорӣ даст кашидаанд” [107;с.220,221].

Масъалаи оила ва оиладорӣ, муносибатҳои оилавӣ ва омодагии фарзандон ба ҳаёти оилавӣ дар осори мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои миёна ба таври хеле возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд. Масалан, Абӯалӣ ибни Сино дар китоби худ “Тадбири манзил” чунин мефармояд: “Пеш аз бастани никоҳ бояд манзиле обод кард. Баъд аз ин оила (хонавода) ташкил карда мешавад, ки дар он шавҳар роҳбари оила, зан вазири ӯ - нигаҳдорандаи оташи хона ва мулки он ба ҳисоб меравад. Мард дар роҳбарии оила уҳдадор аст, ки ҳар як аъзои оиларо ба воя расонад ва назорат кунад, ки коре ва ё рафтори номуносибе ба амал наояд. Яке аз уҳдадориҳои муҳими роҳбари хонавода ғамхории доимии ӯ бар наздиконаш аст” [2;с.17,44 ].

Паҳлуҳои гуногуни ин масъала пурра ё қисман дар асарҳои “Донишнома”, “Тайр”, “Туҳфа”, “Меъроҷнома” ва дигар асарҳои Абӯалӣ ибни Сино баррасӣ гардидаанд.

Насриддини Тӯсӣ интихоби занро аз ҷониби мард (шавҳар) хости Худо меҳисобид. Ташкили оиларо ӯ ба давом додани насл, ҳифзи моликият, тарбияи дурусти фарзандон, пеш бурдани хоҷагӣ, нигоҳ доштани оташи хонадон баробар донист, ҳамаи инро мутафаккир санъат меҳисобад. Н. Тӯсӣ масъулияту вазифаҳои шавҳар ва занро муайян намудааст. Мард барои беҳбудии ҳамаи аъзоёни оила масъул мебошад. Асоси муносибати оилавиро ӯ ҳамкорӣ ва ёрии мутақобилаи аъзоёни оила ба якдигар меҳисобад. Роҳбари оила, ба андешаи ӯ, нисбат ба дигар аъзоёни оила бояд саховатмандтар бошад, хусусиятҳои ҳамаи аъзоёни оиларо бояд донад, аз рафтору амалҳои онҳо бохабар бошад ва танҳо ба ин васила ӯ метавонад дар оила хушбахтиро пойдор созад [179.с.155,156 ].

*Ин ва дигар масъалаҳо* дар асарҳои “Ахлоқи Носирӣ”, “Рисола дар расму оини подшоҳон ва тарзи гирифтани андоз”, “Насиҳатнома ба

Обокоҳон”, “Рисолаи одоби мутаалимин” ва дигар асарҳои Насриддини Тӯсӣ барасӣ шудаанд.

Мутафаккири маъруфи асрҳои миёна Абурайҳон Берунӣ дар асарҳои безаволи худ “Аш-тафъим”, “Мо-ли-л-ҳинд”, “Китоб-ул-ҷамоҳид” ва дигар асарҳои барҷастаи худ дар бораи паҳлуҳои иҷтимоии масъалаи оила ва оиладорӣ, тарбияи фарзандон ва омодагии онҳо ба ҳаёти мустақилонаро равшан ва возеҳ сухан рондааст. Ӯ қайд мекунад, ки талаботу зарурати моддӣ инсонҳоро ба муттаҳидӣ, пойдор нигоҳ доштани оила ва муҳофизат аз офатҳои гуногун водор намудааст.

Аз ҳама бештар масъалаи оилаву оиладорӣ ва паҳлуҳои гуногуни он, аз ҷумла омодагии фарзандон ба ҳаёти мустақилон ва тарбияи маънавии онҳо дар асари машҳури Унсурмаолии Кайковус “Қобуснома” [65;с.192 ] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба масъалаи омодагии насли наврас ба ҳаёти мустақилона ва эҳтироми оину суннатҳои оиладорӣ асарҳои сершумори бисёр мутафаккирони асрҳои миёнаи форсу тоҷик бахшида шудаанд, ки ҳар кадоме аз ин асарҳо таҳқиқу таҳлили алоҳидаро талаб мекунанд.

Баъд аз ташкили ҶШС Тоҷикистон адабиёт ва илму фарҳанги тоҷик ба давраи нави рушд ворид шуд. Ҳамакнун шоирону нависандагон ва олимону эҷодкорони нав бо андешаи тоза ва диди хос масъалаҳои гуногуни ҷамъиятро таҳлилу баррасӣ мекарданд. Умуман, таърихи халқи тоҷик ва илму адаби онро ҳам бостоншиносони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ муаррифӣ кардаанд. Бори аввал дар бораи тоҷикон чун сокинони муқимии Осиёи Марказӣ олимони рус Брагинский ва Бертолд дар асарҳои худ сухан ронда, маводи зиёдеро ба оламиён пешкаш намудаанд. Этнографон Снесарев Г.П., Андратенко Г.А., Андреев М.С., Кисляков Н.А ва дигарон масъалаҳои тарбияи кӯдаконро дар оилаҳои тоҷикони кӯҳистонӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX баррасӣ кардаанд. Солҳои 30-юми асри гузашта олимони этнограф Кандауров А.Н., Розенфелд А.З., Моногарова Л.Ф., Раҳимов Р.Р., Муҳиддинов И,

Турсунов С., Юсуфбекова З., Мардонова А. ва дигарон масъалаҳои алоҳидаи истифодаи анъанаҳои иҷтимоӣ ва оилавии тарбияи кӯдаконро дар шароитҳои гуногун таҳлил намудаанд.

С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Б. Ғафуров, П. Толис, П. Сулаймонӣ бо асару таҳқиқотҳои илмии худ таърихи халқи тоҷик, тарзи ҳаёт, адабу фарҳанг ва анъанаҳои оиладории онро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардаанд. Байни олимону муҳаққиқони ин давра масъалаи оилаву оиладорӣ ва омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ пайдо мешавад. Ин масъаларо файласуфон, ҷамъиятшиносон, педагогон, равоншиносон, демографон, табибон ва кормандони илм баррасӣ кардаанд. Садҳо асару мақолаҳои илмӣ бахшида ба ин масъалаи муҳим аз солҳои 50-уми асри 20 то замони ба даст овардани истиқлолият интишор гардидаанд. Дар ин корҳои илмӣ паҳлуҳои гуногуни масъалаи оила ва оиладорӣ, нозукиҳои зиндагии мустақилона, таърихи оилаи тоҷик, омодагии фарзандон ба ҳаёти оилавӣ, анъанаҳои миллии оиладории тоҷикӣ ва аҳамияти он дар омода намудани ҷавонону наврасон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ ва дигар ҷанбаҳои муҳими ин масъала баррасӣ шудаанд.

Аз ҷумла таҳқиқотҳои олимон Арабов И.А., Ғафуров М.К., Давлиев И.А., Исоев С., Ҳошимов А.Х., Раҳимов Х., Нуров А., Маҷидова Б, Балагушкин Е.Г., Шоҳисматуллоев Ш., Маҳмудов М. ва дигаронро қайд кардан ба маврид аст. Дар таҳқиқоти олимони номбаршуда ба таҳлили моҳияти оилаи муосир, хусусиятҳои муносибатҳои хоҷагидорӣ, мақоми оила дар ҷамъият, қонуниятҳои таърихии рушду такомули муносибатҳои оилавӣ вобаста ба вазъи сиёсиву иқтисодии ҷамъият, ошкор намудани диалектикаи таъсири мутақобилаи оила ба давлат, муайян намудани самти минбаъдаи ҳаёти насли наврас дар заминаи анъанаҳои оиладорӣ, нақш ва таъсири анъанаҳои оиладорӣ, масъалаҳои сохтори иҷтимоии оила, раванди тағири он, ҷанбаҳои ҳуқуқии оила ва муносибатҳои оилавӣ, оила дар

ҷамъияти муосир ва даҳҳо ҷанбаҳои муҳими ин масъала диққати хоса дода шудааст.

Дар солҳои охир муҳаққиқон бештар ба сохтори оила ва ҳаёти оиладорӣ, таркибҳои иҷтимоиву демографии он аз нуқтаи назари раванди демократикунонии ҷомеа, омилҳои бунёди оила, муносибатҳои заношӯӣ, таъмини суботу устувории оила, тарбияи маънавии кӯдакон дар муҳити оила ва сабабҳои пайдоиши низову нофаҳмиҳо дар оила таваҷҷуҳи худро равона кардаанд [81;с.70]. Таҳқиқотҳои олимон оид ба масъалаҳои гендерӣ дар замони нав ҷолиби диққатанд, аз ҷумла таълифоти муҳаққиқон Қосимова С.Р., Диноршоев З., Муҳамадиев Д. ва Хегай М., ки ба тағироти мусбиву манфии муносибатҳои гендерӣ ва таъсири онҳо ба муносибатҳои оиладории никоҳӣ бахшида шудаанд.

Оид ба анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ олими тоҷик Маҷидова Б. дар рисолаи доктории худ "Анъана ва расму оинҳои халқӣ ҳамчун воситаи ташаккулёбии сифатҳои маънавии кӯдакон дар оила" таҳқиқоти шоёнеро анҷом додааст [106;с.45,46].

Ӯ дар кори таҳқиқотии худ паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо баррасӣ кардааст, аз ҷумла: ҷанбаи таърихии рушди анъанаҳо ва оинҳои халқи тоҷик, мафҳуми анъана ва оинҳои пешрафта, таъсири анъана ва оинҳо ба фаъолияти таълимию тарбиявии муассисаҳои томактабӣ, хусусиятҳои тарбиявии анъана ва оинҳои халқӣ, оила ҳамчун институти иҷтимоӣ дар ташаккулёбии сифатҳои маънавии шахсияти кӯдакон, нақши анъана ва оинҳои халқӣ дар ташаккулёбии сифатҳои маънавии кӯдакон, анъанаи серфарзандӣ, имкониятҳои тарбия ва мушкилиҳои он, таснифи анъана ва оинҳои халқӣ дар замони муосир, таъсири афсонаҳои халқи тоҷик ба ташаккулёбии сифатҳои маънавии кӯдакон ва ғайра. Таҳқиқоти илмии Маҷидова Б. масъалаи дарки мафҳуми анъана ва расму оинҳоро дар замони муосир соддаву осон гардонда, моҳияти онро равшан ифода менамояд. Зеро омӯзиши масъалаи анъана ва расму

оинҳои оиладорӣ дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ бе дарки мафҳуми анъана ва расму оинҳои миллӣ ғайриимкон аст.

Ҳамзамон, таҳқиқотҳои олимони тоҷик А. Ҳошимов, С. Исоев, М. Иззатова, М. Сайфуллоев, мақолаҳои тозаэҷоди муҳаққиқон К. Нурулҳаков, З. Дӯстмуҳаммадов, М. Раҳимов, А. Нуров, Г. Иброҳимов ва А. Мардоноваро қайд кардан ба маврид аст. А. Ҳошимов масъалаи анъанаҳои педагогии халқи тоҷикро бо назардошти ҷанбаи ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи он, инчунин дар заминаи муносибатҳои нави оилавию хоҷагӣ (1972) баррасӣ мекунад. С. Исоев истифодаи анъанаҳои миллиро дар тарбияи меҳнатии кӯдакон дар муҳити оила масъалагузорӣ кардааст (1979). М. Иззатова қисман усулҳои тарбияи томактабии кӯдакониро дар оила мавриди баррасӣ қарор додааст (1980). Г. Иброҳимов масъалаи танзими оиларо дар замони муосир баррасӣ намудааст (2018). М. Сайфуллоев аз ҷиҳати назариявӣ ақидаҳои тарбияи зеҳнӣ, меҳнатӣ ва маънавиро дар педагогикаи халқӣ таҳлил кардааст (1986).

Дар ин замина, албатта, таҳқиқотҳои илмии олимон Ашуралиев М.И., Атоева М.Ҷ., Сафаралиев Б., Ҷалилова М.Н., Сафаров Ш.А., Жумабоев Р., Хидирова Л.С., Раҳмонова Н.С., Ҷалилова Ҷ.К., Раҳимова Г. ва муҳаққиқони дигар ҷолиби диққат мебошанд, ки паҳлуҳои гуногуни масъалаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик, аз ҷумла муносибатҳои оилавиро дар таълифоти худ ба баррасӣ гирифтаанд.

Масъалаи оила, ҷанбаҳои моддии оиладорӣ, муносибатҳои оиладории никоҳӣ ва омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар рисолаи номзадии И. Арабов «Тайёрии ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ» [13;с.19] ва рисолаи доктории ӯ «Тайёрии ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ мушкилоти моддӣ-педагогӣ», ки дар онҳо масъалаҳои ахлоқии омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ, характери

манфӣ доштани анъанаҳои оиладории никоҳӣ ва одатҳо, тахти таъсири қонунҳои шариат ва ғайра баррасӣ шудаанд.

Салимов Д. дар рисолаи номзадиаш "Тарбияи ахлоқии духтарони деҳотӣ" вазъияти духтаронро дар оила, таъсири манфии хурофотпарастӣ, баробарҳуқуқии занон дар ҷамъият, нақши манфии анъанаю одатҳо дар омода намудани духтарон ба ҳаёти оилавӣ ва ғайраро баррасӣ намудааст. Илова бар ин, муҳаққиқ роҳҳои бартарафкунии чунин монеаю мушкилотҳоро дар заминаи ташкили корҳои беруназсинфӣ ва масъалаи омода намудани духтаронро ба никоҳи баробарҳуқуқ тасвир намудааст[146;с.150].

Дар кори таҳқиқотии С. Исоев "Анъанаҳои мардумӣ ва таҷриба оид ба тарбияи меҳнатии кӯдакон дар оила" таҷрибаҳои халқии оилаҳои тоҷик, анъанаҳои миллӣ ва меҳнатии замони нав, ҷашну маросимҳо ва мақоми онҳо дар тарбияи кӯдакон ба таври умумӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд [62;с.20,50].

Дар ин миён таҳқиқоти илмии Раҳимзода Хуррамро қайд кардан ба маврид аст. Рисолаи доктории ӯ "Таъсири институтҳои иҷтимоии тарбия дар омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ" [138.с.38,39] паҳлуҳои гуногуни масъалаи истифодаи анъанаҳои оиладории халқи тоҷикро дар омодагии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ инъикос мекунад.

Ногуфта намонад, ки таҳқиқоти якуми муҳаққиқи зикршуда низ ба омодагии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ бахшида шудааст. Х. Раҳимзода дар кори илмии худ масъалаҳои зеринро баррасӣ намудааст: асоси иҷтимоии тағирёбии муносибатҳои маънавӣ дар оила, асосҳои педагогии тарбияи маънавии хонандагони синфҳои болоӣ дар оила ва омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ, мавқеъ ва обрӯю эътибори падару модар дар оила ва нақши онҳо дар тарбияи хонандагони синфҳои болоӣ, хусусиятҳои равонию синнусолии хонандагони синфҳои болоӣ ва аҳамияти ин хусусиятҳо дар кори мактаб оид ба омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ, нақши воситаҳои ахбори умум дар омодагии

хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ, таъсири институтҳои иҷтимоии тарбия ба омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ва ғайра.

Тавре Х. Раҳимзода қайд мекунад, анъана ва расму оинҳо дар муносибатҳои оиладории никоҳӣ вазифаҳои махсусро дороанд, ба монанди вазифаҳои иҷтимоӣ, танзимӣ, муоширатӣ, интиқолӣ, эстетикӣ ва ақидавию тарбиявӣ. Илова бар ин, ӯ анъанаҳоро ба консервативӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва равонию педагогӣ тасниф кардааст.

Бояд гуфт, ки аз ҷиҳати таърихӣ ва равонию педагогӣ оилаи тоҷик вобаста ба тарзи ҳаёту қоидаҳои худ се давраи таърихиро паси сар кардааст: давраи якум – замони динҳои оташпарастӣ ва буддизм, давраи дуюм – замони пайдоиши дини ислом ва паҳншавии он ва давраи сеюм – замони давлати шӯравӣ. Албатта, ҳар як давру замон бо сиёсати худ, бо фалсафа, меъёру қойдаҳо ва механизмҳои роҳбарии худ ба оилаи тоҷик, ба анъанаву оинҳо, қоидаву рафтор ва меъёрҳои пойдории он таъсири зиёд расондааст. Аз ин рӯ, дар оилаи муосири тоҷик нақшу таъсири ин се давраи таърихиро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар гирди оташ давр задани домоду арӯс ва сартарошону шӯяк-шӯякон аз давраи зардуштия-оташпарастӣ, никоҳи мусалмонӣ ва мақоми дуюмдараҷаи зан дар хона аз давраи исломӣ ва бастани ақди никоҳи давлатӣ, оростани базм, пӯшидани фатаи сафед аз даврони шӯравӣ далолат медиҳанд. Ин далелҳоро бисёре аз муҳаққиқону олимони ватаниву хориҷӣ низ тасдиқ мекунанд. Аз ҷумла, тавре муҳаққиқ Ҳошимов А. менависад, “Оила дар худ ҳодисаи иҷтимоиеро таҷассум мекунад, ки зери таъсири дигаргуниҳои иҷтимоӣ дар ҳама ҷузъҳои таркибии худ, аз ҷумла дар муносибатҳо ва ҳиссиёти хоси худ, принсипҳо ва меъёрҳо, сифатҳо ва тассавуротҳои маънавӣ, ки ба аъзоёни оила хосанд, тағир ва рушд меёбад” [173;с.196].

Бо вуҷуди ин, миллати тоҷик дар ҳама давру замонҳо оину анъанаҳои хоси оиладории худро, ки аз таърихи куҳан ва адаби

фарҳангии бостонии тамаддуни ориёӣ сарчашма мегиранд, ҳифз кардааст ва ин оину анъанаҳо то ба имрӯз пойдоранду арзиши худро аз даст надодаанд.

Бостоншиноси Рими қадим Юлиан дар бораи қабилаҳои қадимаи Осиёи Миёна сакоиҳо, ки ба аҷдодони тоҷикон тааллуқ доранд, чунин менависад: “Пеш аз маросими хонадоршавӣ домоду арӯс ба майдони набард даъват карда мешуданд ва агар домод бар арӯс ғолиб меомад, он гоҳ ӯ ҳуқуқи ба арӯс хонадоршавиро пайдо мекард”. Тоҷикон аз қадим анъанаву оинҳои хоси оиладорӣ ва хонадоршавӣ доштанд. Инро ҳуҷҷати таърихии бозёфтшудае, ки шаҳодатномаи ақди никоҳ дар байни духтаре бо номи Дугдонча ва ҷавоне бо номи Утегин аст, тасдиқ мекунад. Дар ин шаҳодатнома ё шартномаи ақди никоҳ навишта шудааст, ки “Утегин бо Дугдонча ном духтаре, духтари Вюс (Вайс) хонадор мешавад. Вюс мувофиқи қонунҳои мавҷуда духтари худро ба писари Вахзанак бо риояи якчанд шарт ба занӣ медиҳад: агар Утегин ба ин хонадоршавӣ розигӣ диҳад, бояд завҷаи худро эҳтиром кунад, ӯро бо либосу таъом таъмин кунад, баробарҳуқуқии ӯро эътирофу риоя кунад, дар муносибатҳои оилавӣ бояд тозагӣ ва меҳрубониро риоя кунад. Ва агар Утегин бо гузашти вақт ба дигар зан ошиқ шавад, ӯ бо розигии занаш ӯро бо либосу хӯрок таъмин кунад, тамоми моликияти ӯро баргардонад ва ӯро ба назди падару модараш баргардонад. Фақат баъд аз ин амал ӯ метавонад аз сари нав хонадор шавад. Ҳамин ҳолат ба Дугдонча низ тааллуқ дорад. Ва агар дар давоми ҳаёти якҷоя Утегин ё Дугдонча ягон гуноҳе содир кунанд, ба ҷавобгарӣ фақат касе кашида мешавад, ки гуноҳро содир карда бошад. На кӯдакон, на ҳамсар ва на хешу табор барои гуноҳи содиркардаи ӯ ҷавобгӯй нестанд” [175;с.18].

Ва дар охири ин ҳуҷҷати таърихӣ оварда шудааст, ки никоҳи байни арӯсу домодро Вахгокан писари Вархуман дар хонаи домоду арӯсӣ дар шоҳидии Скач писари Шашги, Ҷазрон писари Рамги, Шави писари Махак ба амал оварда шудааст. Шаҳодатномаи никоҳро Рамтиш писари

Вагафар ба имзо расондааст. Ин ҳуҷҷат, ки ба асри VIII мелодӣ хос аст, аз маданияти баланди оиладорӣ, қонуну тартиботи заношӯии аҷдодони тоҷикон ва баробарҳуқуқии зану мард дар муносибатҳои оиладории никоҳӣ шаҳодат медиҳад.

Ба вазъи оила ва оиладорӣ, муносибатҳои оиладории никоҳии халқи тоҷик ва албатта, ба принсипу меъёрҳои хонадоршавии ҷавонони тоҷик аз асрҳои миёна то ба имрӯз дини ислом ва китоби муқаддаси мусалмонон "Қуръон" таъсири зиёд расондааст. Баъд аз қабули дини ислом муносибатҳои оилавию хоҷагидорӣ, оиладории никоҳӣ ва ҳуқуқи оиладории тоҷикон куллан тағир ёфта, дар асоси оятҳои "Қуръон" ва аҳкоми шариат ба танзим даровварда мешуданд. Ташкили оила, танзими муносибатҳои моддию маънавии ҳамсарон ва кӯдакон аз ҷониби давлатдорон амалӣ мегардид. Мувофиқи аҳкоми шариат, оиладории никоҳӣ танҳо баъд аз имзогузории рӯҳонии махсус, масалан, имомхатиби масҷид, ки ӯро давлат таъин мекард, дуруст шуморида мешуд. Ҳатто шаҳодатномаи ақди никоҳ мавҷуд буд. Дар ин мавридҳо низ ҳуқуқҳои тарафайн ба инобат гирифта мешуданд. Ҳангоми бастани никоҳ домод ӯҳдадор мешуд, ки занашро эҳтиром кунад, ҳифз намояд, ӯро озору шиканҷа надиҳад, бо либосу хӯрок таъмин кунад, беш аз шаш моҳ бе назорату таъминот нагузорад, бе иҷозати занаш бо зани дигаре хонадор нашавад, ба сафарҳои дуру дароз наравад ва ғайра. Албатта, аксар муқарраротии никоҳии давраи исломӣ аз анъанаҳои пешинаи тоҷикон гирифта шуда буданд ва сабаби ин шояд дар он буд, ки ин муқаррарот ба меъёрҳои дини ислом мувофиқ буданд ё ҳокимон ба хотири ба худ моил намудани мардуми таҳҷоӣ чунин амалро раво донистанд. Инчунин, мувофиқи шариат, мард то чор зан дошта бошад. Яъне, бисёрзанӣ иҷозат дода шуд, мард дар хона соҳибмулк эълон гардид ва зан дар ин маврид мавқеи дуюмро касб кард. Чунин меъёрҳои оиладорӣ дар оилаи ҳозираи тоҷикон низ мушоҳида мешаванд. Масалан, бартарии падар дар хона, нақши дуюмдараҷаи модар, бартарии писарон аз духтарон ҳангоми

меросгирӣ дар вақти тақсими молу мулки падар баъд аз маргаш ва ғайра. Аз овони хурдӣ ба духтари тоҷик талқин мекарданд, ки ба шавҳариояндааш бояд итоат намояд ва доимо ӯро гӯш кунад. Дар 10-13 солагӣ духтарро метавонистанд ба шавҳар диҳанд. Мувофиқи шариат, духтар аз 9 солагӣ ба балоғат мерасад. Бештари духтарҳоро бе хости худи онҳо ба шавҳар медоданд, ки бо шавҳарониояндаашон тамоман шинос набуданд. Аз 9 солагӣ духтарҳо бо писарони 12 сола ва синни калонтар дар як ҷо наменишастанд, бозӣ намекарданд, хӯрок намехӯрданд ва ғайра. Ҳамаи ин ва дигар талаботу қоидаҳо ба оилаву оиладорӣ ва муносибатҳои оилавии халқи тоҷик таъсири калон расондаанд. Ба ин ва дигар муносибатҳои оилавӣ ва оиладории никоҳии тоҷикони минтақаҳои Қаратоғ ва Хуҷанд таҳқиқотҳои олимон Е.М. Пешерова ва Х.Г. Эшонқулова бахшида шудаанд [182;с.121].

Маълум аст, ки асрҳои зиёд дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна ва бахусус дар сарзамини тоҷикон ҷангу ҷидолҳои зиёде ба вуқӯъ омадаанд. Тассаруфи сарзамини тоҷикон аз ҷониби қабилаҳои туркнажоду муғулнажод ба рушди анъанаҳои миллии оиладории тоҷикон таъсири манфӣ ва зарбаи ҷонкоҳ расонд. Ба анъанаҳои миллии халқи тоҷик урфу одатҳо ва оину маросимҳои бегонагон ворид гаштанд. Тоҷикон аз қадим дар оила бо ҳурмату иззати падару модар, бибию бобо, амаку тағо, холаю амма, бародару хоҳар, зану фарзанд, ҳамсояву меҳмон ва дигар анъанаву суннатҳои неки худ аз дигар халқу миллатҳо фарқ мекарданд. Аммо ин анъанаву суннатҳои неки ниёгон аз таъсири фарҳангҳои бегона то андозае коста гаштанд ва оқибатҳои манфии чунин таъсирро мо дар шароити ҳозираи оилаи тоҷик мушоҳида карда метавонем. Маҳз аз ин ҷиҳат баъзе коршиносон ва муҳаққиқон бефарҳангии ҳозираи оилаи тоҷикро аз таъсири оину анъанаҳои аҷнабиён медонанд.

Дар замони шӯравӣ марҳилаи нави анъанаҳои миллии оиладории тоҷикон оғоз ёфт. Раҳо ёфтани мардумони Осиёи Марказӣ ва бахусус

тоҷикон аз зулму ситами амирони туркнажоду муғулнажод ва феодалҳои аҷнабӣ, ташкили Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШС) дар ҳайати Иттифоқи Советӣ (Иттиҳоди Шӯравӣ), барҳам хӯрдани ғуломдорӣ, таъсиси мактабу донишкадаҳо, беморхонаву дармонгоҳҳо, бунёди шаҳру деҳоти замонавӣ ба ҳаёти халқи тоҷик, бахусус ба оилаи тоҷик ва анъанаву оинҳои миллии оиладории он таъсири мусбат расонданд. Акнун тоҷикон озодона бо риояи анъанаву оинҳои миллии худ зиндагии худро пеш мебурданд. Баробарии марду зан таъмин гардид ва маҷбуран ба шавҳар додани духтарон тадриҷан аз байн рафт. Занону духтарон дар муассисаҳои миёнаву олӣ ва омӯзишгоҳҳои касбомӯзӣ таҳсил мекарданду ҳунар меомӯхтанд ва соҳиби илму маърифат мегаштанд. Анъанаи қадимаи оилаи тоҷик – серфарзандӣ аз нав эҳё гашт. То Инқилоби Октябр, аз рӯи нишондодҳо, дар аксар оилаҳои тоҷикон як ё ду фарзанд таваллуд меёфту халос ё шумораи зиёди кӯдакон ҳалок мегашт. Аҳолии Аморати Бухоро ҳамагӣ як миллион нафар буд. Чунки дар он замонҳо беморхонаву таваллудхонаҳо вуҷуд надоштанд ва сатҳи иҷтимоии ҳаёт паст буд. Дар замони нав сатҳи иҷтимоии ҳаёт тадриҷан боло рафта, ҳамакнун дар оилаи тоҷик аз се-чор то ҳафт-ҳашт фарзандони солим таваллуд меёфт. Илова бар ин, фавти кӯдакон хеле кам шуд.

Албатта, бисёре аз анъанаҳои миллии тоҷикон дар замони Шӯравӣ вобаста ба ҷанбаи таърихии ин анъанаҳо дар тарбияи насли наврас истифода намешуданд. Шояд омилҳои динӣ ва хурофотпарастӣ чунин тарзи амалро тақозо мекарданд. Ин ҷиҳатро низ Маҷидова Б. дар таҳқиқоти худ тасдиқ мекунад [105;с.24,25].

Дар замони Шӯравӣ ба анъанаҳои миллии оиладории тоҷикон меъёру қоидаҳо ва тартиботе ворид гаштанд, ки ҳар кадоми онҳо ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии худро доштанд. Вале дар ин давра ҳамаи анъанаҳои миллии оиладории тоҷикон дар масъалаҳои омодагӣ ба ташкили зиндагии мустақилона, бунёди оила, бартарии никоҳ, ҳурмату

иззати зану фарзандон, таъмини онҳо аз ҷиҳати моддӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи падару модар, эҳтироми хешу ақрабо, ҳамсоядориву меҳмоннавозӣ ва ғайра пурра риоя карда мешуд. Оила дар замони Шӯравӣ қисми ҷудонашавандаи ҷомеа ва асоси давлат ба ҳисоб мерафт. Оилаи замони Шӯравӣ дар муқоиса ба оилаи ҳозира куллан фарқ дошт. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тоҷикон, сарфи назар аз ҳама ҳолату вазъиятҳои гуногуни ҳаёти таърихии худ, анъанаҳои миллии оиладории худро дар муддати ҳазорсолаҳо чун гавҳараки чашм ва ҷузъи таркибии фарҳанги худ ҳифз кардаанд.

Анъанаҳои миллии оиладорӣ бо мурури замон аз таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва демографӣ тағир меёбанд. Баъзе аз анъанаҳо ба шароиту талаботи замони нав мутобиқ гашта, боқӣ мемонанд ва баъзеи дигарашон тағири шак мекунанд ё тадриҷан аз байн мераванд. Оид ба ин ва дигар паҳлуҳои масъалаи анъанаҳои оиладорӣ олимон Раҳимзода Х. ва Маҷидова Б. дар корҳои илмии худ фикру ақидаҳои гуногун баён доштаанд. Муҳаққиқон Бозоров А. ва Саидбеков И.С. қайд мекунанд, ки бештари анъанаҳои "манфии" оилавию моддӣ ва оиладории никоҳии тоҷикон, махсусан аҳолии деҳот асосан маросимӣ буда, вуҷуд доштани онҳо дар шакли анъанаву оинҳо ин нишони халқӣ будани онҳо нест[145;с.253].

Раҳимзода Х. менависад, ки "солҳои тӯлонӣ хусусиятҳои хоҷагидорӣ, муносибатҳои оиладории никоҳӣ боқӣ мемонанд, ки ба тағиротҳо камтар моиланд. Онҳо дар шакли анъана ва оинҳои миллӣ ифода меёбанд, бо қоидаҳои ҳамзистии якҷоя, хусусиятҳои муносибатҳои байни ҳамсарон, волидайн ва кӯдакон, худи кӯдакон ва ҷинсҳо мустаҳкам мегарданд" [138.с.38,39].

Ба андешаи олим, оила ва анъанаҳои оиладорӣ доимо аз тағироти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ қафо мемонанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки анъанаву оинҳои оиладорӣ ва тарбияи оилавӣ бо ин сабаб ҳифз ва нигоҳ дошта мешаванд. Анъанаҳои оиладории халқӣ дар фосилаи вақти

тӯлонӣ ташаккул ёфта, дар шуури омма вобаста ба шароитҳои гуногуни синфӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ пайи худро гузошта, ба одату анъана мубаддал мегарданд ва аз насл ба насл мегузаранд.

Кисляков Н.А. дар бораи оилаҳои минтақаҳои дурдасти тоҷикон ва урфу одатҳои онҳо чунин қайд мекунад: “Шумораи ин оилаҳо аз 20 то ба 50 нафар мерасид. Ин оилаҳо аз якчанд муйсафедон, ки бо ҳам бародаранд, хешу ақрабоҳо, бо занҳояшон, фарзандони онҳо бо оилаҳояшон, духтарони бе шавҳар, наберагон бо занҳояшон иборат буданд. Чунин оилаҳо дар як хона ҳаёт ба сар мебурданд. Ба ҳар яки онҳо ҷойҳои алоҳидаи махсус ҷудо карда шуда буд. Онҳо заминҳои калони корам, миқдори зиёди ҳайвони хонагӣ ва хоҷагии калон доштанд, ва назар ба оилаҳои хурд хубтар зиндагӣ мекарданд. Сардори оила падар ба ҳисоб мерафт, ки баъзе вақт ду-се зан дошт. Ӯ тамоми моликият ва корҳои вазнини хоҷагиро роҳбарӣ мекард. Баъд аз вай зани калониаш сардори оила ба ҳисоб мерафт, ки корҳои хонаро роҳбарӣ мекард ва тамоми анбору хоҷагӣ дар дасти вай буд. Хӯрокро якҷоя тайёр мекарданду якҷоя мехӯрданд, бо фарқият дар синну сол ва ҷинс” [68.с.240]. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки муносибат дар байни аъзоёни оила хусусияти патриархалӣ дошт. Аъзоёни ҷавони оила бо риояи обрӯю эътибор ба калонсолон итоат мекарданд, вазъи занон нобаробар ва аз ин бадтар буд. Ташкили оила ва риояи талаботи никоҳ кори тамоми оила ба ҳисоб мерафт, хосту мароми ҷавонон қариб ба инобат гирифта намешуд. Лекин дар байни мардуми меҳнаткаш, қайд мекунад олим, муносибатҳои оилавӣ мустаҳкамтару маҳрамона буданд, ҳам байни ҳамсарон ва ҳам байни кӯдакон. Ҳамсарону кӯдаконро оилаи анъанавӣ-серфарзанд муттаҳид мекард, ки дар он анъанаҳои нигоҳубини калонсолон, хурдон, интиқоли таҷрибаи зиндагӣ, ҳурмати якдигар, малакаҳои оиладорӣ, муносибат бо калонсолон ва ғайра ҳукмронӣ мекард. Умуман шакли ҳаёти оилавии тоҷикон – дастҷамъона (коллективӣ)-ро ифода мекард. Дар оилаи тоҷики пеш аз инқилоб қариб

ҷудошавии оилаҳо ба назар намерасид. Ягона сабаби ҷудошавии оилаҳо ин бевафоӣ ба ҳисоб мерафт. Ҷудошавӣ ба сабаби таваллуд нашудани фарзанд ҳам қариб вуҷуд надошт. Зеро агар зан ба ягон сабабе фарзанд таваллуд карда наметавонист, мард зани дуюм мегирифт ва зани якумашро дар хонааш боқӣ мемонд. Духтарҳоро аз синни хурдӣ ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ омода мекарданд. Муаллими асосии онҳо модарашон ба ҳисоб мерафт ва мактаби онҳо оила буд. Ба онҳо пухтани хӯрок, дӯхтани либос ва нигоҳубини кӯдаконро меомӯхтанд [70;с. 224].

Таърихи рушду таназзули анъанаҳои миллии оиладории тоҷикон ва бахусус анъанаҳои омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таърихи дуру дароз дошта, дар шароитҳои гуногуни сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва динӣ ташаккул ёфтааст, ки таҳқиқи онҳо саҳифаҳои зиёдеро дар бар гирифта метавонад. Ба омӯзишу баррасии ин мавзӯъ муҳаққиқону олимони зиёде даст задаанд ва мо дар доираи як параграфи рисолаи илмӣ имкон надорем, ки ҳамаи таҳқиқотҳои олимонро мавриди таҳлил қарор диҳем. Вале дар бахшҳои оянда кори таҳқиқотии худ кӯшиш мекунем, ки паҳлуҳои дигари анъанаҳои миллии оиладории тоҷиконро баррасӣ намоем.

## 1.2. Мазмун ва мундариҷаи анъанаҳои оиладории халқи тоҷик дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ

Зимни баррасии шароитҳои таърихӣ ва педагогии ташаккули анъанаҳои оиладории миллати тоҷик дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ омӯзиши мазмуну мундариҷаи анъанаҳои оиладорӣ дар адабиётҳои педагогию равоншиносӣ дар доираи ин таҳқиқоти илмӣ яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро бе дарки ин паҳлуи мавзӯи баррасишаванда фаҳмидани дигар паҳлуҳои он ба хонанда душвор мегардад.

Масъалаи танзиму риояи анъана ва маросиму оинҳо борҳо аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат пайваста таъкид мекунанд, ки расму оин ва анъанаву маросимҳо яке аз шаклҳои муҳимтарини шуури ҷамъиятии ҳар як миллату ҷамъият шуморида мешавад. Миллати куҳанбунёди мо вобаста ба шароитҳои таърихӣ ва вазъи иҷтимоиву иқтисодии худ аз замонҳои хеле қадим расму оин ва анъанаҳои неку писанди умумро эҷод карда, дар давоми ҳазорсолаҳо онҳоро густариш додааст ва онҳо имрӯз ба як таркиби муҳими фарҳанги миллии мо табдил ёфтаанд. “Расму оинҳои мардумии мо асосан дар доираи ду тамаддуни таърихӣ - ориёӣ ва исломӣ ташаккулу такомул ёфтаанд” [141].

Дар Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда мешавад, ки суръатбахшии равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳифзи арзишҳои аслии фарҳанги оилавии миллиро талаб мекунад. Дар баъзе мавридҳо паст шудани сатҳи фарҳанги оиладорӣ ва муносибатҳои оилавӣ дар ҷамъият, инчунин дарки нодурусти он арзишҳои анъанавие, ки ба таҳкими самимияту вафодорӣ, эҳтирому дастгирии ҳамдигар ва якдигарфаҳмии аъзоёни оила замина фароҳам меоранд, ба фаҳмиши мафҳуми аслии оила таъсири манфӣ расонда, мазмуни оиладориро коста мегардонанд. Бинобар ин, “дар ин самт нақши оила ҳамчун асоси иҷтимоии ташаккули инсон хеле бузург буда, муҳити зисти солиму созанда метавонад дар тарбияи ворисони ватандӯст саҳми назаррас гузорад ва дар марҳилаи кунунии омезиши пуршиддати арзишҳо, ҳифзи анъанаҳои беҳтарин, ки суботи оилаи тоҷикро дар тӯли асрҳо кафолат додаанд, хеле ҳам муҳим аст” [75;с.1,2].

Тавре дар қисмати аввали ин рисола қайд карда будем, ба масъалаи анъанаҳои оиладорӣ, таърихи ташаккулёбӣ ва мазмуну мундариҷаи онҳо таҳқиқоту корҳои илмии олимону муҳаққиқони зиёд бахшида шудаанд.

Аз ҷумла олимон Ш.И. Кучибоев, С. Исоев, Б. Маҷидова, Х. Раҳимов, С.И. Лучанкин, Э. Мирзохонов, М. Муродова, Ш. М. Сафаров, М. Сайфуллоева, И.В. Суханов, И.А. Панкеев, З. И. Якубов, И.Б. Юнусов, И. Арабов, Н.С. Верешагина, Н.Х. Мирзоев, С.С. Понхасаева, В.Е. Зарайченко, А.К. Красовский, М.И. Пашкова, Ф. Тимофеев ва дигарон вобаста ба ин масъала фикру андешаҳои худро баён доштаанд. Ба таъкиди олимони номбаршуда, хусусиятҳои анъанаҳои миллӣ дар он аст, ки онҳо дар шароити ҷаҳони тағирёбанда дар давоми садсолаҳо бетағир мемонанд ва ҳикмати халқ, таҷриба ва арзишҳои ахлоқиро ба наслҳои оянда интиқол медиҳанд. Чун таҷриба нишон медиҳад, анъанаҳои миллӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ нақши муҳим мебозанд. Маҳз дар заминаи онҳо асосҳои динӣ ва меъёрҳои қабулшудаи ҷамъият ташаккул меёбанд.

Дар ин қисмати рисолаи илмии худ масъалаҳои анъана ва урфу одатҳо, анъанаҳои оиладорӣ ва мазмуну мундариҷаи онҳоро аз нигоҳи фалсафӣ ва равонию педагогӣ мухтасар инъикос намуда, кӯшиш мекунем, ки дарки мафҳуми анъанаро ба хонанда осон гардонем.

**Анъана** чист? Дар луғати энсиклопедӣ ин мафҳум чунин маънидод шудааст: анъана (аз калимаи лотинии traditio- интиқол) - унсурҳои мероси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз насл ба насл гузаранда ва дар ҷамъиятҳо, синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии муайян ба муддати дароз нигоҳдошташуда. Ба сифати анъана муқаррарати муайяни иҷтимоӣ, меъёрҳои рафтор, арзишҳо, андешаҳо, оинҳо, маросимҳо ва ғайра баромад мекунанд. Ин ё он анъана дар ҳамагуна ҷомеа ва дар тамоми соҳаҳои ҳаёт амал мекунад. Оин ё одат усули ғайриқолабии рафтор буда, дар ҷамъияти махсус ё дар як гурӯҳи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд ва барои аъзоёни он шинос аст. Оину одатҳои кӯҳнашуда дар раванди рушди таърихӣ ба оину одатҳои нав иваз мешаванд [30;с.489].

Анъанаҳо ва расму оинҳо эҷоди халқ буда, ба он наздиканд ва қадр карда мешаванд, дар давоми садсолаҳо ба мардум хизмат мекарданд ва

ҳоло низ фаровон истифода мегарданд. Ҳар як халқ анъана ва урфу одатҳои таърихии худро дорад, ки онҳо вобаста ба сатҳу дараҷаи истифода мазмуну мундариҷаи муайнеро доро мебошанд. Одамон ба онҳо одат кардаанд ва дар муддати чандин аср ба онҳо арҷ мегузоранд. Бинобар ин, даст кашидан аз анъанае, ки ба одати муқаррарӣ табдил ёфта, таркиби муҳими зиндагии рӯзмарра ба шумор меравад, албатта, кори осон нест. Зеро одамон муносибати худро нисбат ба анъанаҳо на дар асоси таҳлили назариявӣ, балки вобаста ба шароиту талаботи зиндагии ҳаррӯза муайян мекунанд. Дар чунин ҳолат масъалаи муайян намудани анъанаҳои даркору нодаркор ё ҷавобгӯйи талаботи замони муосир ва хилофи ин талабот ба миён меояд. Солҳои охир ба масъалаи анъана ва урфу одатҳои миллӣ диққати махсус дода мешавад. Бо санади махсуси меъёрии ҳуқуқӣ, яъне мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" онҳо ба танзим дароварда шуданд. Ин маънои зарба задан ба анъанаҳои миллӣ ва коста гардонидани аҳамияту эътибори онҳоро надорад, баръакс, зимни танзим онҳо ба талаботи замони муосир ва ба шароитҳои иқтисодию иҷтимоии мардум мутобиқ гардонда шуда, пеши роҳи зиёдаравӣ дар истифодаи анъанаю урфу одатҳо ва ба хуруфот табдил додани онҳо гирифта мешавад. Дар ин замина, аз ҷониби олимону муҳаққиқон паҳлуҳои зиёди ин масъала баррасӣ гардида, мазмуну мундариҷа, шаклу намуд, таснифи вазифаю функсияҳо ва дигар ҷанбаҳои хоси масъалаи анъанаю урфу одат ва оинҳои мардумӣ таҳлил карда шудаанд.

Зимни омӯзишу таҳлили адабиётҳои гуногуни илмӣ мо муайян кардем, ки олимону муҳаққиқон оид ба масъалаи анъана ва урфу одатҳо фикрҳои мухталиф баён намудаанд. Таҳлили ин адабиётҳо ҷиҳати дарки илмии мафҳуми анъана ба мо ёрӣ расонд.

Барои рисолаи илмии мо корҳои таҳқиқотии олимон И. Арабов, Б. Маҷидова ва Х. Раҳимзода аҳамияти бузург доранд. Дар асарҳои ин

муҳаққиқон нақшу аҳамияти анъанаҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла Х. Раҳимзода қайд мекунад, ки дар байни мардуми Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон, муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ дар тӯли садсолаҳо ташаккул ёфта, аз насл ба насл гузашта, бисёре аз онҳо дар муносибатҳои муосири оилавӣ низ идома ёфта истодаанд. Анъанаҳои пешқадами тоҷикон мероси миллии фарҳангии мардум буда, қадру манзалати худро гум накардаанд. Анъанаҳо ва расму оинҳо падидаҳои шахшуда нестанд. Вобаста ба шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҷуғрофии ҳаёти одамон, онҳо бо мазмуну мундариҷаи нав пур карда мешаванд ва шаклҳои онҳо ғанитар мегарданд. Онҳо табиатан ба ҳаёти нав алоқамананданд. Ҳамин тариқ, анъана ва расму оинҳои ҳам пешрафта ва ҳам ақибмондаи консервативӣ табиати устувор дошта, метавонанд аз насл ба насл гузаранд [137;27].

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон доданд, ки анъанаҳои оиладорӣ таърихи ҳазорсола дошта, бо мурури замон зимни иваз шудани низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ ва дигар шарту шароитҳо тағир меёбанд [13;20].

Онҳо ба худ анъанаҳои наву тозаро ҷой карда, баъзеи онҳоро боқӣ гузошта, дигарашро нобуд мекунанд.  Дар ин замина Б. Маҷидова қайд мекунад, ки анъана ва урфу одатҳои мардумӣ, ҳангоми нигоҳ доштани хосиятҳои хоси худ ва хусусиятҳои миллӣ, бо мундариҷаи умумиинсонӣ пурра карда мешаванд. Мафҳуми «анъана ва урфу одатҳои миллӣ» на танҳо он чизеро, ки дар гузашта буд, балки он чизи наверо, ки тавлид шудааст ва имрӯз ташаккул меёбад, инъикос мекунад. Дар амал тасдиқ шудааст, ки шаклҳои миллии анъанаҳо дар раванди таъсири мутақобила тағир меёбанд ва дар худ хусусиятҳои арзишманди анъанаҳо, фарҳанг ва тарзи ҳаёти ҳар як мардумро таҷассум карда, баъзан ба психологияи иҷтимоӣ табдил меёбанд [106;с.32].

Анъанаҳо, анъанавӣ ин ҳамаи он чизҳоеанд, ки аз насл ба насл мегузаранд. Чунин гузариш ба таври муайян дар ҳамаи соҳаҳо ба амал

меояд, ҳамеша ва дар ҳама ҷо рух медиҳад, дар ҳама соҳаҳои ҷамъият, масалан, дар саноат, меҳнат, фарҳанг, иҷтимоиёт, муҳити оила, ҳаёти маишӣ ва ғ.

Урфу одатҳо муқаррароти нисбатан мӯътадилу қолибӣ, меъёрҳои ахлоқ ва қоидаҳои рафтори одамон буда, бо эҳтиёҷоти зарурии онҳо асос ёфтаанд ва аз насл ба насл мегузаранд. Урфу одатҳо асосан ба ҷанбаи ахлоқии ҳаёти одамон, қабила, авлод ва дигар ақалиятҳои этникӣ алоқамананд ва маъмулан яке аз таркибҳои муҳими сохтории анъанаҳо мебошанд. Бинобар ин, анъана нисбат ба одат мафҳуми васеътар дорад. Он қариб ба ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти одамон таъсир мерасонад, ҳоло он ки доираи фаъолияти урфу одат маҳдуд буда, муносибатҳои ахлоқиро ба таври маҳдуд фаро мегирад. Лекин урфу одат нисбат ба анъанаҳо таърихи тӯлонитар дошта, аз замонҳои қадим, яъне дар баробари пайдо шудани қабилаву қавмҳо ба вуҷуд омадаанд.

Б. Маҷидова дар мавриди урфу одатҳо чунин менависад: “Аз нуқтаи назари равоншиносӣ «одат» тарзи рафтори муқаррарии меросӣ аст, ки дар ҷамъияти махсус ё гурӯҳи иҷтимоӣ ташаккул ёфта, ба аъзоёни он шинос мебошад. Чун танзимгари асосии фаъолияти инсон, маъмулан, урфу одат дар ҷамъиятҳои анъанавӣ (архаистӣ) пайдо мешавад. Он ҳамчун воситаи ҷалби шахсони алоҳида бо таҷрибаи муайяни иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баромад мекунад, онро аз насл ба насл мегузаронад, рафтори шахсони алоҳидаро ба танзим медарорад, ваҳдати гурӯҳии дохилиро нигоҳ медорад, объектҳо ва муносибатҳои иҷтимоии мухталифро тавсиф медиҳад” [106;41,42].

Ҳоло урфу одатҳо дар соҳаи гуногуни ҳаёт, ахлоқ ва расмияти шаҳрвандӣ ба назар мерасанд.

Урфу одатҳо рафтору одатҳои оддиро ташаккул медиҳанд - амалҳои такрориро, ки хусусияти автоматикӣ доранд. Анъана одатҳои мураккабро таҳия мекунад - тарзи муайяни рафторро, ки худкор нест ва муборизаи ниятҳоро дар бар намегирад. Одатҳои оддӣ ин шакли

мутобиқшавӣ ба муносибатҳои муқаррарии нисбатан такроршаванда мебошанд, ки ба муносибатҳои воқеӣ ҷавобгӯянд. Одатҳои мураккаб шакли фаъоли мутобиқшавӣ ба талаботи ҳаёт буда, дар ҳама гуна ҳолатҳои вобаста дар доираи самти рафтор ба шахс озодии интихоби амали мушаххасро таъмин мекунанд. Дар муқоиса бо одатҳои оддӣ, одатҳои мураккаб самти рафторро на танҳо дар муносибатҳои мавҷуда, балки дар муносибатҳои наве, ки ояндаро дар бар гирифта метавонанд, муайян менамоянд.

В.Д. Плахов таъкид мекунад, ки анъана дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ иштирок карда, муносибатҳои иҷтимоиро инъикос менамояд ва падидаи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ӯ воситаи интиқоли муносибатҳои иҷтимоӣ буда, мероси муайяни иҷтимоиро тасвиб мекунад [133;с.220]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки анъанаҳоро на танҳо ҳамчун муносибатҳои иҷтимоии муқарраршуда ва танзимкунандаи меъёрҳои рафтори инсон, балки ҳамчун низомҳои мунтазам тағирёбанда ва танзимшудаи муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ кардан лозим аст. Ҳаёти мо аз он шаҳодат медиҳад, ки анъана омили эҷодии амалияи ҳаёти муосир, ифодаи ҷаҳони воқеии муносибатҳои инсон ва фаъолият аст. Хусусияти таҷрибавии анъанаҳо дар он аст, ки онҳо дар раванди фаъолияти ҳам шахси алоҳида ва ҳам ҷамъият таҳким меёбанд. Вобаста ба ин А.И. Лучанкин мегӯяд: "Анъанаҳои мардумӣ ба воситаи фаъолияти воқеӣ андозаи имкониятҳои инсонҳоро дар робита бо гузашта, ҳозира ва оянда муайян мекунанд"[92;с.25,34].

Дар фарҳанги сотсиологӣ анъана чунин баррасӣ шудааст: 1. Унсурҳои мероси иҷтимоӣ ва маданӣ, ки аз насл ба насл мегузаранд ва дар баъзе ҷамъиятҳо, синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар муддати тӯлонӣ боқӣ мемонанд. Анъана мавзӯъҳои мероси иҷтимоӣ (арзишҳои моддӣ ва маънавӣ)-ро фаро мегирад. 2. Раванди мероси иҷтимоӣ, усулҳои он. 3. Интиқоли шифоҳии ягон маълумот. 4. Одат - тартиби муқарраршудаи рафтор дар ҳаёти ҳаррӯза [151;с.448].

Муайян карда шуд, ки мафҳумҳои “анъана” ва “оин” ҳарчанд якмаъно фаҳмида шаванд ҳам, вале дар байни худ тафовути калон доранд. Ба ақидаи Б. Маҷидова, монандии анъана ва урфу одатҳо дар он аст, ки онҳо ба туфайли эътиқод, одат ё дастгирии ақидаи ҷамъиятӣ риоя мешаванд. Онҳо дараҷаи баланди устуворӣ ва истиқлолияти нисбӣ доранд, қобилияти мутобиқат ва муносибатҳои иҷтимоиеро, ки ба наслҳои зиёди инсонӣ хосанд, инъикос мекунанд. Онҳо дар маҷмуъ нақши иҷтимоии баробарро иҷро мекунанд - онҳо дар оммаҳои васеи одамон хислатҳои маънавӣ, малакаҳо, одатҳо, табро мувофиқи эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ ташаккул медиҳанд. Дар луғати фалсафӣ оварда шудааст: “Одат – таърихан пайдошуда, тартиби ҳаёти иҷтимоие, ки дар қонуни мусбат қарор дорад, ва умумӣ, ба одатҳои оддии амалҳо ва рафторҳо мубаддал гашта, ки дар ҷамъият ё гурӯҳҳои иҷтимоии муайян қонунӣ гаштааст, бештар ё камтар ҳам аз шахсони алоҳида, ва ҳам аз ҷамъият, ки онро риоя мекунанд, талаботҳо дорад” [167; с. 576].

Мушоҳидаҳо ва таҳқиқоти илмии мо нишон дод, ки дар ҳақиқат урфу одатҳо, расму оинҳо ва анъанаҳо табиати таърихӣ доранд.

Дигар олимону муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки урфу одат ва анъанаҳо мафҳумҳои баробаранд ва муайян намудани тафовут дар байни онҳо ба фаҳмиши шарҳҳо вобаста аст. Бо вуҷуди ин, зимни таҳлили дақиқ метавон баъзе хусусиятҳоро пайдо кард. Масалан, анъанаҳо ин урфу одатҳои умқианд, ки дар тӯли якчанд наслҳо ташаккул ёфта, як қисмати фарҳанг гаштаанд. Ҳамзамон, ин ҳеҷ гуна таркиби мафҳумҳоро дар бар намегирад. Урфу одатҳо васеътаранд, зеро онҳо қисми зиёди ҳаёти инсонро фаро мегиранд. Анъанаҳо метавонанд ҳам касбӣ ва ҳам оилавӣ бошанд, ки ба тарзи ҳаёти гурӯҳи начандон калон вобастаанд.

Жук Л.И. қайд мекунад, ки анъанаҳо ҳамчун «падидаҳои таърихан муқарраршуда, нисбатан устувор ва такроршавандаи иҷтимоӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ба вуҷуд омадаанд, ба хусусиятҳои миллии

психологияи миллии ин ё он миллат хосанд ва аз насл ба насл гузашта, тариқи шуури ҷамъиятӣ мустаҳкам мешаванд» муайян гардида, дар зери таъсири роҳи ҳаёт ташаккул меёбанд.

Олимони педагогика бошанд, анъанаҳоро ҳамчун воситаи педагогӣ истифода мебаранд. Дар ин замина Козлова С.А. чунин менависад: “Дар педагогика истилоҳи "анъанаи педагогӣ" барои муайян кардани равандҳои устувор, тамоюлҳо ва падидаҳое, ки дар давоми чанд вақт вуҷуд доштанд ва ҷойи махсусро дар мероси таърихию педагогӣ ишғол мекунанд, истифода бурда мешавад” [49.с.415].

И.А. Панкеев мегӯяд, ки анъанаҳо намоишномаҳо, қолабҳо, меъёрҳо ва намунаи рафторҳоро дар бар мегиранд, ки онҳоро бояд эҷодкорона истифода бурд. “Анъанаҳо – ба таври қатъӣ амал, оин ва меъёрҳои муносибатҳои байни одамон дар истеҳсолот, ҳаёт ва оила буда, аз насл ба насл мегузаранд” [129.с.11,12]. Ба ақидаи Л.В. Некрылова ва Л.В. Соколова, анъанаҳои оиладорӣ шароитҳои муносиб барои тарбияи оилавии кӯдакон мебошанд. Таъиноти асосии онҳо тақвият додани робитаҳои оилавию хешовандӣ, интиқоли арзишҳо ва таҳкими муносибатҳои оилавӣ аст[150;с.208].

Бисёре аз олимон ва муҳаққиқон зимни таҳлилу баррасии масъалаи анъана ва урфу одатҳои мардумӣ таъсиру иқтидори тарбиявию таълимии онҳоро қайд мекунанд. Масалан, Ф.В. Даминдарова менависад, ки вазифаи таълимии анъанаҳо дар ҷомеа нақши муҳим мебозад. Ин ба он сабаб аст, ки дар тамоми ҳаёти худ инсон таъсири онҳоро дар худ ҳис мекунад [46;с.18,193].

Анъанаҳо аксаран ба фикру эҳсосот таъсири калон мерасонанд. Ба туфайли анъана ва суннатҳои мардумӣ, ташаккули хислатҳои шахсии инсон аз овони кӯдакӣ ба амал меояд. Маҳз ин аҳамияти истисноии таълимии онҳо мебошад.

Э.С. Маркарян таъсири иҷтимоии анъанаро қайд карда, мегӯяд: “Анъанаи таърихӣ ин фарҳанги таҷрибаи гурӯҳӣ, ки дар стереотипҳои

ҷамъиятӣ ташаккул ёфтааст ва бо воситаи интихоби вақт дар маҷмуи гуногуни инсонӣ ҷамъоварӣ ва такмил дода мешавад" [101;с.182].

Олимон Косинова О.А., Макаров А.И. ва Полонская И.Н. фарқу вобастагии анъана ва урфу одатро баррасӣ менамоянд. Ба ақидаи Косинова О.А., анъанаҳо маҷмӯи амалҳои расмӣ буда, расму оинҳо, рафтори ҳаррӯза ва қоидаҳои фаъолияти ҷамъиятиро дар бар мегиранд, аз насл ба насл гузашта, дуру дароз пойдор боқӣ мемонанд. Тафовути асосии ин падида умумият, ҳаматарафа ва маҳдудияти ҳудудӣ (миллӣ)-и он мебошад. "Анъанаҳо ба касе тааллуқ надоранд, онҳо метавонанд риоя ё рад шаванд" [95,135;с.272,275]. Ҳам урфу одатҳо ва ҳам анъанаҳо, менависад Макаров А.И., аз ҷониби оммаи васеи одамон дастгирӣ ёфта, аз тарафи онҳо тасдиқ карда мешаванд. Ин муҳитест, ки дар доираи он ҳар як шахс метавонад бо аҷдодони худ робитаро таъмин намояд. Чунончӣ, анъанаи меҳмоннавозӣ бо нону намак, ки самимияти мардумро нишон медиҳад. Бояд қайд кард, ки урфу одатҳои мардумӣ ба рушди ҷамъият таъсири ҷиддӣ мерасонанд ва дар вазъияти фавқулодда на танҳо бефоида, балки зарароваранд. "Анъанаҳои тозаи мардум аз фарҳанги халқ, ҳаёти дуру дароз ва рушди он шаҳодат медиҳанд" [95;с.275,283].

Тафовут байни анъанаҳо ва урфу одатҳоро Полонская И.Н. аз рӯи ҳаҷми фаҳмиш, сатҳ, амиқии он дар шуур ва самтнокӣ муайян мекунад:

**Ҳаҷми мафҳум**. Одат падидаест, ки аз анъана васеътар мебошад. Инро дар мисолҳои мушаххас дидан осон аст. Урфу одатҳо метавонанд мардумӣ, қабилавӣ, ҳудудӣ ва анъанаҳо - оиладорӣ, шахсӣ ва касбӣ бошанд.

**Дараҷа (сатҳ)**. Агар урфу оин танҳо одати ба таври худкор такроршаванда бошад, анъана самти фаъолият буда, бештар мураккаб ва гуногунҷабҳа аст.

**Реша давондан дар хотир**. Одат назар ба анъана камтар дарозмуддат аст. Ин ба амиқии азхудкунии одат вобастагӣ дорад. Аз насл ба насл гузашта, одат ба анъана мубаддал мегардад.

**Тамоюл**. Ҳифз ва риояи анъанаҳо асосан ба иттилооткунонии омма равона карда шудааст. Одат, пеш аз ҳама, амали фаъол буда, ҳадафи мушаххасро пешгирӣ мекунад, аз аввал - амалиро [135;с.272].

Мафҳумҳои «анъана» ва «одат» бо қисмати маънавии ҳаёт алоқаманданд. Онҳо ба монанди ҳаёти иҷтимоӣ зудҳаракат ва серамаланд. Онҳо пайдо мешаванд, бо талаботи ҳаёт зоҳир мегарданд, бо иваз шудани худи ҳамин талаботҳо таҳаввул ва тағир меёбанд, ниҳоят, бо тағиротҳо дар шароити моддии ҳаёти ҷомеа муайян карда мешаванд. Дар ҳаёти ҷомеа ҳеҷ чиз пайдо намешавад, агар лозим набошад. Анъана ва урфу одатҳо дар ҳаёт пайдо мешаванд ва бо он дастгирӣ меёбанд, зеро сарбориии иттилоотиро ба зиммаи худ гирифтаанд, вазифаҳои муайяни иҷтимоиро иҷро мекунанд, яъне ҳифзи таҷрибаю малака ва дастовардҳо дар соҳаи фарҳанги моддию маънавӣ ва интиқоли онҳо аз насл ба насл, инчунин истифодаи урфу одатҳои дар даврони гузашта муқарраршуда, лекин бо табдилдиҳии муайян вобаста ба тағирпазирии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати танзими рафтори инсонҳо.

Бештари олимон анъанаҳоро ба пешрафта ва ақибмонда ҷудо кардаанд. Илова бар ин, ба анъанаҳо функсияҳо ва вазифаҳои муаяйнеро зам карданд. Аз ҷумла, Х. Раҳимзода чунин функсияҳо ва вазифаҳои анъанаҳоро ҷудо кардааст: иҷтимоӣ, танзимӣ, муоширатӣ, иҷтимоию равонӣ, муттаҳидкунанда, эстетикӣ, ақидавӣ ва таълимӣ, равонию педагогӣ. Илова бар ин, муҳаққиқ анъанаҳоро чунин тасниф кардааст: пешқадам - мусбат ва ақибмонда - консервативӣ, динӣ [137;с.27].

Мо ба ин ақидаи Х. Раҳимзода розӣ хоҳем шуд, ки ҷудо намудани анъанаҳо масъалаи таҳлили махсус аст ва барои методологияи омӯзиши анъанаҳо душвориҳоро ба бор меорад. Анъана алоқаи меросиро дар рушд, алоқаи замонҳо, даврахо инъикос менамояд ва чизи наве ҳамеша аз пештара дар муқобили он пайдо мешавад. Аммо пештара ё қадимаро навин рад карда, минбаъд дастовардҳои мусбати пешрафтаи куҳанро

такмил медиҳад. Пас кадоме дар ин маврид анъанавӣ аст: чизе, ки нигоҳ дошта мешавад ва асос барои таҳияи нав аст ё чизе, ки рад карда шудааст? Табиист, ки аввалин. Бинобар ин, аз рӯи қоида анъанавиро бояд ҳамчун пешрафта баррасӣ кард. Вобаста ба анъанаҳои маънавӣ (одатҳо), ки бо ҳузури унсурҳои кӯҳан (консервативизм) тавсиф мешаванд, масъала дигар аст. Раванди азхудкунии мероси фарҳангии пештара мувофиқи ягон нақшаи пешакӣ сурат намегирад. Дар раванди ин азхудкунӣ аз тариқи элаки таърихӣ унсурҳои куҳан аз қадим ба нав низ гузашта метавонанд. Маҳз ин автоматикунонӣ маъруфияти бештар дошта, ба ташаккули анъана ва урфу одатҳо хос аст. Ҳамин тавр, хусусияти зиддиятии анъана ва урфу одатҳо муайян карда мешавад. Анъана ҳамчун падидаи иҷтимоии том дар таркиби худ дорои на танҳо унсурҳои мусбат, балки инчунин унсурҳои кӯҳнаю қадима низ мебошад. Нафаҳмидани ин табиати мухолиф дар рушди урфу одат ва анъанаҳо калиди аксар хатоҳо мебошад, ки дар натиҷаи баҳогузории ҷиҳатҳои мусбӣ ё манфӣ дар анъанавӣ мушоҳида мешавад. Дар анъана ва урфу одатҳои гузашта бисёр андешаю ақидаҳои ҳикматдор, шавқовар ва рангину пурмазмун ба назар мерасанд. Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром ба мероси фарҳангии ниёгон  яке аз қисмҳои муҳими кори тарбиявӣ буда, ба инкишофи ҳисси муҳаббат, эҳтиром ба ҳар чизе, ки ба мардум шодмонӣ, хурсандӣ, кайфияти маънавӣ меорад, мусоидат мекунад. Ин анъанаҳои меҳнатӣ, тавсияҳои мардумии ҳикматомез, идҳои анъанавии зебои мардумӣ, муносибати эҳтиромона нисбат ба занон, ба пиронсолон, ба таҷрибаи зиндагии онҳо ва ғайра.

Бисёре аз олимону муҳаққиқон шаклҳои гуногуни анъанаҳо ва урфу одатҳоро ҷудо намуданд. Ҳамин тавр, мо дар тақсими анъанаҳои миллии халқи тоҷик оид ба омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, никоҳ ва хоҷагидорӣ ба нуқтаи назари профессор Х. Раҳимзода такя намудем, ки чунинанд:

1. Вобаста ба **муносибатҳои волидайн ба якдигар**: обрўю эътибори зиёди падар, яъне дар 95% оилаҳои тоҷик сардори оила падар ба ҳисоб меравад; хоҷагидории якҷоя, эҳтиром ба меҳнат ва меҳнатдўстӣ; ҳалли масъалаҳои оилавӣ дар якҷоягӣ; тобеъ будани зан ба мард, бештар дар деҳот; тақсими меҳнати мардона ва занона, бартарии шавҳар дар ҳалли масъалаҳо.

2. Вобаста ба **муносибатҳои волидайн ба фарзандон**: тамоюли серфарзандӣ дар оила; баргузории маърака ҳангоми таваллуди фарзанди якум, яъне писар; муҳаббат ба фарзандон, серталабӣ ва ҷалб намудан ба меҳнат, эҳтиром ба калонсолон, муносибати эҳтиёткорона ба неъматҳои ҳаёт, асосан ба нон; ғамхорӣ ба саломатии кўдакон, ба давомнокии насл; зиндагии якҷоя бо тамоми аъзоёни оила, махсусан дар деҳот; тарбияи ҳисси хешутаборӣ, муносибатҳои хешутаборӣ, ёрӣ расонидан ба якдигар, иштирок дар тақдири якдигар, ғамхории калонсолон бар хурдон; дар баъзе мавридҳо, барвақт ба шавҳар додани духтарон, вобастагии духтар ба шавҳар ва дигар аъзоёни оилаи ў, ҳалли тақдири фарзандон бе розигии онҳо, тобеъ намудани кўдакон ба аҳкоми шариат, никоҳи мусулмонӣ ва додани қалинг, хатна кардани писарон.

3. Вобаста ба **муносибатҳои фарзандон ба волидайн**: эҳтиром ва пос доштани падару модар, муносибати эҳтиромона ба хешу табор ва насли калонсол; ғамхорӣ ҳангоми пиронсолии волидайн, зиндагии якҷояи писари хурдӣ бо падару модар, эҳтиром ба таҷрибаву ҳикмати зиндагии онҳо, ба тавсияву пешниҳодҳои онҳо; иштирок дар хоҷагидории якҷоя, ёрӣ расонидан дар корҳои хона ва хоҷагӣ; дар баъзе мавридҳо, бетафовут тобеъ шудан ба падару модар, махсусан ба падар, риояи фарзу суннатҳои динӣ аз рўи ҳурмату иззати волидайн ва калонсолон, иштирок дар маросимҳои мотам ва хурсандӣ, никоҳ ва ғайра.

4. Вобаста **ба муносибатҳои оиладории никоҳӣ ва хоҷагӣ**: эҳтиром ба меҳнати дигарон, меҳнати якҷоя дар корҳои хона ва хоҷагидорӣ, худхизматрасонӣ; ҷалби барвақти кўдакон ба меҳнат, интиқоли таҷриба,

тарбияи меҳнатдӯстӣ; тарбияи муносибати эҳтиёткорона ба асбобу анҷоми меҳнат, муҳаббат ба табиат ва ҳайвоноту парандагон, инкори танбалӣ ва бекорхӯҷагӣ; ба даст овардани муваффақиятҳо дар меҳнат ва касб, омӯзиши касбҳои гуногун, интиқоли таҷриба аз насл ба насл; иштирок дар иду маросимҳои меҳнатӣ; ба воситаи меҳнат, омодагӣ ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ; алоқаҳои мустаҳками хешутаборӣ, эҳтиром ба хешу табори зан ё шавҳар, эҳтиром ба калонсолон; меҳмоннавозӣ, эҳтиром ва мақоми меҳмон дар хона, пешниҳод намудани хӯрокҳои боллазат ба меҳмон, ботантана гусел намудани меҳмон; тарбияи муҳаббат ва дӯстӣ, рафоқат ва муносибати самимона бо дигарон; иштирок дар иду маросимҳои оилавӣ, ёрӣ расонидан ба ҳамсояҳо ва хешу таборон дар иду маросимҳои оилавии онҳо.

5. Вобаста ба таҷлили **иду маросимҳо**: қайд намудани идҳои Наврӯз, Сада, Баҳор, Соли нав, идҳои давлатӣ, идҳои Рамазон ва Қурбон, рӯзи таваллуд, тӯю маросимҳои никоҳӣ, хонадоршавӣ, гаҳворабандон, хатнаи писарон, фотиҳа, гузаронидани ҳафт, чил ва соли майит ва ғайра. Илова бар ин, дигар анъанаву оинҳои оилавие вуҷуд доранд, ки характери феодалӣ, динӣ ва куҳанро дар худ тавсиф мекунанд, ба монанди хурофотпарастӣ, боварӣ ба ҷину парӣ, пайравӣ ба анъанаҳои халқу миллатҳои бегона ва ғ.

Юнусов И.Б., ба ғайр аз анъанаҳои дар боло номбаршуда, анъанаҳоро чунин тасниф мекунад. Анъанаҳои мардумӣ аз рӯи таркиб (меҳнатӣ, таълимӣ, хоҷагӣ, варзишӣ ва ғайра), аз рӯи мансубият ба ҷамоатҳои гуногун (умумимиллӣ, миллӣ, ҳудудӣ, касбӣ ва ғайра), аз рӯи соҳаҳои мавҷудият (сиёсӣ, бадеӣ, динӣ ва ғайра). Дар ҳар як гурӯҳ анъанаҳои мардумӣ ба зергурӯҳҳо тақсим мешаванд. Масалан, дар мундариҷа онҳо ба шаш зергурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Анъанаҳо вобаста ба чорабиниҳои оилавӣ: мӯйсаркамкунии кӯдак, маросими гаҳворабандон, тӯйи суннатӣ, тӯйи хонадоршавӣ, ба хонаи нав кӯчидан (бӯрёкӯбон) ва ғайра.

2. Анъанаҳои хешутаборӣ: мотам, хурсандӣ, хатми Қуръон ва ғайра.

3. Анъанаҳои идона: Соли нав, Наврӯз, Меҳргон (иди ҷамъоварии ҳосил), Рӯзи Истиқлолият ва ғайра.

4. Анъанаҳои нави иқдомӣ: хатми мактаби миёна, мактаби олӣ, маоши якум, гуселкунӣ ба сафи Артиши миллӣ, ба нафақа баромадан ва ғайра.

5. Анъанаҳои меҳнатӣ: ҳашар (шанбегиҳои оилавӣ), мерос (тиҷорати оилавӣ), мутобиққунонии кӯдакон ба тиҷорату меҳнат ва ғайра.

6. Анъанаҳо вобаста ба ҳаёти хонагӣ: меҳмоннавозӣ, корҳои хонагӣ, нигоҳубини кӯдакон ва ғайра [183;с.25]..

Ин ва дигар анъанаю суннатҳои оилавии дар боло номбаршуда қисмати асосии анъанаҳои оиладории омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавиро ташкил дода, ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири зиёд мерасонанд. Нақш ва аҳамияти анъанаҳои оиладории омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавиро мо дар қисмати сеюми ҳамин рисола мавриди таҳлилу омӯзиш қарор хоҳем дод.

## 1.3. Нақш ва аҳамияти анъанаҳои миллии оиладорӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ

Бисёре аз ҷомеашинос ва равоншиносон, ки ба омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои оила ва демография сарукор гирифтаанд, ба ин назаранд, ки пеш аз ҳама маҳз оила ҳамчун воҳиди сохтории ҷамъият ба ташаккулёбии шахсият ҳанӯз аз синни хурдсолӣ замина мегузорад ва ба он таъсир мерасонад. Зеро оила ба робитаву муносибатҳои ҳаётӣ, хешутаборӣ ва зану шавҳарӣ алоқаманд буда, волидон ва фарзандонро дар доираи худ муттаҳид месозад. Аммо возеҳу равшан аст, ки дар низоми институтҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои ҷамъиятии гуногуни ба

ташаккули шахсият пайваста таъсиррасонанда, нақши махсусан муҳимро оила мебозад. Таъсири зиёди оила ба ташаккулёбии шахсияти кӯдак аллакай аз айёми кӯдакӣ дар оила оғоз меёбад. Ҳарчанд оила гурӯҳи хурди иҷтимоӣ бошад ҳам, вале дар тарбия ва омодасозии наврасону ҷавонон ба зиндагии оилавӣ, яъне издивоҷӣ, иҷрои вазифаҳои муҳими ҷамъиятӣ бар зиммаи он вогузор шудааст. Аз ин рӯ, дар тамоми низоми омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ омодасозии онҳо ба издивоҷ дар оилаи волидайн яке аз ҳалқаҳои муҳимтарин мебошад. Бешак, нақш ва мақоми оила, бахусус анъанаҳои оиладорӣ, дар кори ба зиндагии оилавӣ омода намудани наврасону ҷавонон хеле муҳим буда, дар ин росто чунин тарбия хеле доманадор мебошад. Ба ин хотир мо бинобар тангии имкон дар ин нигошта фақат ба баъзе паҳлуҳои ин масъалаи ҳаётан муҳими ҷамъият дахл менамоем.

Тавре зикр гардид, асосҳои шахсият маҳз дар оила гузошта мешаванд ва батадриҷ ташаккулу инкишоф меёбанд. Тарбияи ҷисмонӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, зебоипарастӣ (эстетикӣ), маънавию ахлоқӣ, динию мазҳабӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, урфу одату анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умдаи умумибашарӣ, илмдӯстӣ ва монанди инҳо самтҳои асосии тарбияи оилавӣ мебошанд ва мазмуну мундариҷаи онро ташкил менамоянд. Пас, таъсири оила ба кӯдак нисбат ба дигар таъсиррасониҳои тарбиявӣ пурзӯртар буда, дар вуҷуди ин аъзои ояндаи ҷамъият хислатҳое шакл мегиранд ва инкишоф меёбанд, ки берун аз оила, масалан, дар кӯдакистону мактаб ташаккулёбиашон нопурраву нокомил ё душвору имконнопазир аст. Аввалин малакаю қобилиятҳои меҳнатдӯстӣ, эҳтироми меҳнат ва шахсияти дигарон, дасти ёрӣ дароз намудан ба дигарон дар корҳои хоҷагидорӣ, дуруст ва сарфакорона харҷ кардани буҷаи оилавӣ, донистани мақоми худ дар оила, дар коллектив, одоби муошират бо атрофиён, худидоракунӣ, мутобиқшавӣ ба ниёзу талаботи дигарон, эҳтироми арзишҳои муҳаббату дӯстдорӣ, гузашт карда тавонистан, аз уҳдаи иҷрои вазифаю уҳдадориҳои оилавӣ баромада тавонистан, ростгӯию ростқавлӣ, садоқату вафодорӣ, муқаддас

донистани никоҳу оила ва ғайра дар оилаи волидайн аз синни хурдӣ ва наврасӣ пайдо мегарданд.

В.А.Сысенко, ки доир ба масъалаҳои демографӣ ва иҷтимоии аҳолӣ замони шӯравӣ таҳқиқотҳое зиёдеро анҷом додааст, дар масъалаи мазкур бар ин назар аст, ки “Омодасозии ҷавонон ба издивоҷ аз рӯи хусусият ва мундариҷаи хеш бисёрҷониба мебошад. Он бояд ба таври методӣ, муттасилу мунтазам ва мақсаднок пеш бурда шавад” [159;с.201].

Ҳамзамон, мо ҳангоми таҳқиқ ва омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ба чунин андеша омадем, ки ба ном омодагии махсуси ҷавонон ба издивоҷро дар ибтидои ҳаёти оилавӣ ба роҳ мондан зарур аст. Он ба ҷавононе, ки нав хонадор мешаванд, додани донишҳои муайяну мушаххас ва заруриро дар назар дорад: дар бораи тозагии ҳаёти балоғатӣ; дар бораи тарзу воситаҳои пешгирии ҳомиладории номатлуб; дар бораи гигиенаи ҳомиладорӣ, дар бораи реҷаи меҳнату истироҳат ва хӯроки зани ҳомиладор; дар бораи масъалаҳои нигоҳубини кӯдаки навзод; дар бораи хусусиятҳои равонии инкишофи кӯдак ва ғайра. Яъне, бе доштани донишҳои мушаххаси равоншиносӣ, педагогӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра омодагии ҷавонон ба издивоҷ ноқису нопурра мемонад. Мусаллам аст, ки ин донишҳо асосан дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ, инчунин дар курсу маҳфилҳои гуногун ба насли наврасу ҷавон бояд омӯзонида шаванд. Фақат дастандаркорони соҳаи таълиму тарбияро мебояд дар ин кори муҳим ва зарурӣ ҷиддияти том зоҳир намоянд. Мо бо чунин ақидаи мутафаккирони соҳаи педагогика ва равоншиносӣ комилан розием, ки агар дар оила чунин корҳои тарбиявӣ дуруст ва мақсаднок ба роҳ монда шуда бошад, фарзандон то расидан ба синни балоғат ба зиндагии оилавӣ, ба издивоҷ дуруст омода мегарданд. Ин гуна ҷавонон, сарфи назар аз мушкилоти гуногуни навхонадорӣ (ки воқеан аз чунин мушкилот ягон оила канор монда наметавонад, зеро, якум, зиндагӣ маҷмӯаи бешу камист ва шебу фарози зиёд дорад, дуввум, оилаи идеалӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, хеле кам аст), аксаран оилаи мустаҳкам ва зиндагии оилавии хушбахтона ташкил менамоянд. Дар

ҳақиқат аксари мушкилоти оилаҳои ҷавон аз он сар мезананд, ки зан ё шавҳар ва ё ҳарду ба издивоҷ, ба зиндагии оилавӣ омода нестанд ва барпо намудани оиларо ҳавову ҳавас медонанд, бо мақсадеву ғаразе ақди никоҳ мебанданд. Дар ин ҳолатҳо ҳатто ишқу муҳаббати сарсарӣ ё худ ба мисли «ғурраи сармозада»- будаи миёни онҳо, инчунин сарвату сармояи онҳо наметавонад оиларо аз низоъ, аз хушунатҳои оилавӣ, ҳатто аз вайроншавӣ дергоҳ пойдор нигоҳ дорад.

Ба масъалаи нақш ва аҳамияти анъанаҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ олимону муҳаққиқони зиёд диққати махсус зоҳир кардаанд. Мо қайд карда будем, ки анъанаҳо функсия ва вазифаҳои махсусро иҷро мекунанд: тарбиятдиҳанда, интиқолдиҳанда, танзимкунанда ва ғайра. Албатта, ҳар яке аз функсияҳои номбаршудаи анъанаҳо ҷой ва мақоми худро дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ишғол мекунанд ва таъсири зиёд мерасонанд. Тавре пай бурдем, анъана ва урфу одатҳо ҳамчун воситаи интиқоли таҷрибаи бисёрасраи инсоният дар соҳаи таълиму тарбия ва ташаккули шахсият хизмат мекунанд, онҳо ба ҳалли мушкилотҳои тарбияи ахлоқии фарзандон дар муҳити оила ва дар доираи ҷамъият аз хурдсолӣ мусоидат менамоянд. Бояд қайд кард, ки худи мафҳуми «анъана», ки дар заминаи «одат» ва «расм» истифода мешавад, ҳамаи мероси маънавию рӯҳонии аз насл ба насл гузаштаро дар бар мегирад. Анъанавӣ ин одати муқарраршуда, аз насл ба насл гузаранда, таърихӣ таҳияшуда ва ташаккулёфта аст. Меъёри аҳамияти иҷтимоии ҳар як анъана, аз ҷумла таълимӣ, бояд ба мақсаду вазифаҳои тарбиявӣ ва рушди маънавии насли наврас мувофиқ бошад. Дар тӯли таърихи рушди ҷамъият педагогикаи мардумӣ ба тарбияи фарҳанги ахлоқии насли ҷавон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудааст[106;с.67].

Анъанаҳо ба хислатҳои маънавию равонии шахсияти кӯдак таъсири зиёд мерасонанд. Маълум аст, ки ташаккул ва рушди анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ бо вазъияти берунаи мақсадноки муайян – шакли давлатдорӣ, дин ва дохилӣ бо омилҳои субъективӣ асос меёбад, ки дар

байни онҳо анъанавӣ барои намояндагони як халқ (этнос) одати равонӣ ба ҳисоб меравад. Одати (хусусияти) рӯҳӣ дар раванди инфиродикунонӣ бо ҷамъияти қавмӣ, дин, шароитҳои табиӣ ва истеҳсолию моддӣ ташаккул меёбад. Он ба таври равшан дар хусусиятҳои хоси дарки равонии ҷаҳон, тарзи ҳаёт, анъанаҳо, расму оинҳои мардумӣ, маросимҳо, одатҳо, шаклҳои рафтор ва ифодаи эҳсосот, арзишҳо, дарки фазо ва вақт зоҳир мегардад. Тавре дар боло зикр гардид, ташаккул ва рушди анъанаҳо ва урфу одатҳои миллии тоҷик ба рушди ҷанбаҳои фарҳангию иқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодии он вобастагии зич доранд. Ин ҷиҳат субот ва хусусиятҳои урфу одатҳои иҷтимоӣ ва оилавиро муайян мекунад.

И. Юнусов қайд мекунад, ки дар доираи таъсири ҷамъият дар ҳар як шахс низоми ягонаи меъёрҳои ахлоқӣ ташаккул меёбад, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини ташаккули онҳо анъанаҳои миллӣ ва расму оинҳои халқӣ мебошанд. Таҳлили анъанаҳои миллӣ дар ин замина иҷозат медиҳад, ки имкониятҳои равонии ин падида ҳамчун «намунаи» дарбаргирандаи беҳтарин хусусияту сифатҳои шахсият, ки аз ҷониби наслҳои зиёди одамон таҳия шудаанд, ба таври мутамарказ баррасӣ карда шаванд.

Омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои гуногуни педагогӣ, илмӣ, фалсафӣ, таърихӣ ва психологӣ ошкор намуданд, ки анъанаҳои пешқадами миллӣ, аз ҷумла анъанаҳои оиладорӣ ҷиҳати омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири зиёд мерасонанд. Ба ҷавонон таҷрибаҳои беҳтарини аҷдодон вобаста ба масъалаҳои оила ва оиладорӣ, зану шавҳарӣ, никоҳ, тарбияи фарзандон, хоҷагидорӣ, меҳнат ва дигар хусусиятҳои беҳтарин интиқол дода мешаванд, ки ин ба онҳо дар ҳаёти шахсӣ ёрӣ мерасонад.

И.Юнусов дар рисолаи номзадии худ беш аз панҷоҳ сифатҳои маънавиро қайд кардааст, ки ба ташаккулёбии онҳо анъана ва урфу одатҳои оилавӣ таъсир мерасонанд. Аз ҷумла: адолат, адолатнокӣ ва адл, ватандӯстӣ, ростгӯӣ ва ростқавлӣ, дӯстӣ ва рафиқӣ, инсондӯстӣ ва

инсонгарой, номус ва шараф, таҳаммулпазирӣ ва тоқатфарсоӣ, муколама ва ҳамкорӣ, хоксорӣ ва оддӣ будан, меҳнат ва меҳнатдӯстӣ, накӯкорӣ ва некбинӣ, саховат ва саховатмандӣ, эҳтироми дигарон ва ғайра [183;с.25].

Анъанаҳои миллӣ ҳамчун мероси ҷамъиятҳои этникӣ метавонанд ба восита ва усули қавии таълимӣ табдил ёбанд. Аз ҳама муҳим барои дарки анъана на танҳо воситаи иттилоот, балки тавассути иштирок дар фаъолият ба ҳисоб меравад. Чунин фаъолият ба наврас имкон медиҳад, ки ӯ худро дарк намояд ва мустақилияти худро ҳис кунад. Дар рафти ин фаъолият наврас аз ҷониби атрофиён ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷамъият пазируфта мешавад, ки ин зарурати вайро барои эътирофи иҷтимоӣ қонеъ мекунад. Бояд қайд кард, ки тамоми чораҳо ҷиҳати аз худ намудани қоидаҳои фаъолияти ҷомеаи устувор ба ҳавасмандсозии шахсият вобастаанд. Анъанаҳои миллӣ ва расму оинҳои мардумӣ чун қоида, сарфи назар аз мураккабии сохтор ва мазмун, унсури умумиро барои ҷомеа ва ҳамаи аъзоёни он, аз ҷумла ҷавонон ташкил медиҳанд.

Ногуфта намонад, ки анъанаҳо ва урфу одатҳои оилавӣ функсияи бузурги танзимкунанда доранд. Танзими рафтору кирдор, меҳнату фаъолият, муоширату гуфтор, шишту хест, умуман ҳаёти ҳаррӯза маҳз аз таъсири анъанаҳои оиладорӣ сарчашма мегирад. Ҷавонон дар пайравӣ ба калонсолон бисёр малакаву хислату сифатҳои мусбиро риоя ва аз худ карда, қоидаҳои ҳаёти оилавиро танзим намуда, суботи оиларо нигоҳ медоранд.

Анъанаҳои оиладорӣ вобаста ба муносибатҳои байниҳамдигарии падару модар дар фарзандон хислатҳои далерию ҷавонмардӣ, ташаббускорӣ, меҳнатдӯстӣ, оиладорию хоҷагидорӣ, сарфакорию сарфаҷӯӣ, донистани ҷой ва мақоми марду зан дар хона, ҳурмату иззати шавҳар, эътибор ва ҳукми сухани мард (шавҳар), вазифаю уҳдадориҳои зан, нигоҳубин ва дӯстдории кӯдакон, ҳифзи саломатии онҳо ва дигар масъалаву қоидаҳои оиладории никоҳиро ташаккул медиҳанд, ки ин ҳама дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мусоидат мекунад.

Анъанаҳои оиладорӣ вобаста ба муносибати волидайн ба фарзандон ҷиҳати омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ таъсири калон расонда, дар онҳо хислатҳои мусбии фарзанддӯстдорӣ, серталабӣ, ҷиддият, ватандӯстӣ, ҳурмату эҳтиром ба фарзандон, ғамхорӣ ба фарзандон, ҳифзи саломатии фарзандон, қоидаҳои рафтору муошират бо фарзандон ва хислатҳои дигарро ба вуҷуд оварда, онҳоро ба ташаббускорӣ дар таълиму тарбияи фарзанд, ҷалби фарзандон ба меҳнат ва меҳнатдӯстӣ, ғамхорӣ ҷиҳати додани насл ҳавасманд мекунад. Илова бар ин, боз як қатор сифату хислатҳои дигар дар фарзандон ҷиҳати омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ дар заминаи анъанаҳои оиладорӣ вобаста ба муносибати падару модар ба фарзандон пайдо мешаванд. Махсусан барои духтарон аз модар як қатор сифату малакаҳои анъанавии нигоҳубини кӯдак, ғамхорӣ дар ҳаққи аъзоёни оила, хешу табор, хусуру хушдоман, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шавҳар, эҳтироми онҳо, малакаҳои зиндагии якҷоя дар оила, гурӯҳ, коллектив, муносибати эҳтиёткорона ба ризқу рӯзӣ, нону дастархон, асбобу лавозимоти хона, малакаҳои муошират, зебоипарастӣ, иштирок дар тақдири фарзандон, хешу табор, пос доштани анъана, урфу одат ва фарҳанги миллӣ ва дигар сифату хислатҳо мегузаранд, ки дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавии оянда мусоидат мекунанд.

Анъанаҳои оиладорӣ вобаста ба муносибати фарзандон ба волидайн барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти мустақилона кумак намуда, дар онҳо сифату хислатҳои мусбӣ, ба мисли эҳтироми падару модар, ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо, эҳтиромони хешу табор, ғамхорӣ ҳангоми пиронсолии онҳо, эҳтиром ва риоя намудани таҷриба, ҳикмат ва тавсияҳои онҳоро ба вуҷуд меорад. Илова бар ин, дигар сифату хислат ва малакаҳо, ба монанди риояи анъанаҳои динии оиладорӣ, ба мисли ташаббускорӣ дар кори хайр, дар тӯю маросимҳо ва ғайра дар ҷавонон пайдо мешаванд, ки онҳо барои омодагии ҷавонон ба оиладории мустақилона кумак мекунанд. Масалан, барои писарон эҳтироми падару

модари зан ва ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо ва хислатҳои дигар муҳим ба шумор меравард.

Анъанаҳои оиладорӣ вобаста ба муносибатҳои оиладории никоҳӣ ва хоҷагидорӣ дар ҷавонон чунин хислату сифатҳои мусбӣ, ба монанди эҳтиром ба меҳнати дигарон, меҳнатдӯстӣ, муносибати эҳтиёткорона ба асбобу лавозимоти корӣ, эҷодкорӣ, ташаббускорӣ, зиракиву доноӣ, муҳаббат ба ҳайвоноту парандаҳо (хонагӣ), ҷалби фарзандон ба меҳнат, омӯзиши касбҳои гуногун, инкори танбалию бекорхӯҷагӣ, интиқоли таҷрибаи хоҷагидории аҷдодон, иштирок дар иду маросимҳои меҳнатӣ (ҷиҳатҳои хоҷагидорӣ), алоқаи мустаҳками хешутаборӣ, оиладории никоҳӣ, муҳаббат ба зан (шавҳар), самимият, вафодорӣ, ҷиддият ва салоҳият, ғамхорӣ, тарбияи дӯстию рафоқат, эҳтиром ба хешу табори зан (мард), хусуру хушдоман, меҳмоннавозӣ ва меҳмондорӣ, пешниҳоди хӯрокҳои боллазат ба меҳмон, гусел намудани меҳмон, муоширати хуб, махрамона, ёрӣ расондан ба ҳамсояҳо ва хешу таборон дар иду маросимҳои оилавии онҳо ва дигар сифату хислатҳои мусбӣ, ки дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мусоидат мекунанд, ташаккул меёбанд.

Дар ин замина В.А. Сысенко мефармояд: “Чунин омодагии ҷавонон ба издивоҷ - ташаккулёбии маҳорату малакаҳои пешбурди хоҷагии хонагӣ, тайёр намудани хӯрок, сарфи оқилонаю босамари маблағҳои пулиро дар назар дорад. Камбаҳодиҳӣ ва камаҳамиятдиҳии ҷавонон ба нақши пешбурди хоҷагӣ, мутаасифона, ба як қатор навхонадоршудагон хос аст. Сабаби ин ҳолат озод намудани фарзандон дар бисёр оилаҳо аз ташвишҳои рӯзгори хона мебошад. Дар натиҷа ҷавонон ҳатто хӯроки оддиро тайёр карда натавониста, аксаран дар ҳалли мушкилоти оддитарини хоҷагидорӣ оҷизу нотавон мемонанд” [159;с.255].

Оила ва бахусус падару модар бояд аз овони кӯдакӣ ба масъалаи тақсими меҳнат, хоҷагидории хона, ризқу рӯзӣ, ҷиҳати омодагии

фарзандон ба оиладорӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Хусусан, дар тақсими корҳои хона ҷиҳати ба писарон хос донистани корҳои мардона ва ба духтарон мансуб донистани корҳои занона аз ҷониби волидайн аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад, ки ба омодагии фарзандон ба ҳаёти оилавӣ кумак хоҳад кард. Табиатан падару модар ба фарзандон дар муҳити оила, пеш аз ҳама, хислатҳои меҳнатдӯстӣ, уҳдаборой дар корҳои хоҷагидорӣ, маъсулиятнокӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи атрофиён ва ёрирасонӣ ба онҳо, маҳорати гузашткунӣ ва бахшидани саҳву айби дигарон, ба ҷо овардани ҳурмату иззати калонсолон ва монанди инро меомӯзанд. Албатта, чунин хислатҳо барои мустаҳкамию пойдории оилаи навбунёд басо муҳиманд. Тарбияи меҳру муҳаббат ба якдигар барои ҷавонон дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ аҳамияти бузург дорад. Тавре К. Маркс мефармояд, "дӯст доштан, яъне зиндагӣ кардан ба тарзи зиндагии касест, ки дӯсташ медорӣ" ё "оила муносибати байни зану шавҳар, муносибати байни волидайн ва фарзандон мебошад" [103;ч.21]

Анъанаҳои оиладорӣ вобаста ба никоҳу заношӯӣ дар ҷавонон сифатҳои ахлоқию маънавии равонашуда ба оила ва никоҳро тарбия медиҳанд, ба монанди ишқ, муҳаббат, дӯстӣ, фидокорӣ, поквиҷдонӣ, риояи уҳдадориҳо, салоҳиятҳо, бошарафии зан дар назди мард, ҳамбастагӣ, садоқат ба ҳамдигар, пойдории дӯстӣ ва муҳаббат, ғамхории дутарафа ба фарзандон, меҳнату фаъолияти якҷоя ва коллективона, интиқоли таҷриба ба фарзандон, эҳтироми одобу фарҳанг, анъана ва урфу одатҳои оилавӣ, тарбияи дурусти фарзандон дар рӯҳияи ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ, идеалҳо, иштирок дар тақдири фарзандон, бунёди оилаи солиму мустаҳкам ва ғайра.

Қайд кардан ба маврид аст, ки анъанаҳои оиладории мардуми тоҷик бо гузашти вақт дигаргун шуда, такмил ёфтанд ва анъанаҳои нав ба онҳо ворид гаштанд. Бинобар ин, на ҳамаи он анъана ва урфу одатҳо, ки манфӣ ва ё ақибмонда ба ҳисоб мераванд, ба мисли хурофотпарастӣ, тарсу ваҳм, бисёрфарзандӣ, бисёрзанӣ, тобеияти бемавриди фарзандон

ба волидайн, зан ба шавҳар, зиндагии якҷояи тамоми қавму авлод ва ғайра ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсир расонида метавонанд. Боиси хурсандист, ки анъана ва урфу одатҳои миллии мо, аз ҷумла анъанаҳои оиладорӣ дар Тоҷикистон бо қонуни махсус ба танзим даровarda шудаанд ва аксари он анъанаҳое, ки ба ҳаёти ҳозираи оилаҳои тоҷик мувофиқ нестанд, тадриҷан аз байн рафтанд ё дар доираи қонун ба танзим даровarda шуданд, ки ин ҳама ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти ояндаи оилавӣ кумаку мусоидат хоҳад кард.

Бешубҳа, ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ анъанаҳои динии мардуми тоҷик таъсири зиёд мерасонанд. Дин ба таркиби иҷтимоии оилаи тоҷик ворид гардида, аз давраҳои қадим ба тарбияи ахлоқии оилавӣ таъсир мерасонад. Маҳз аввалин шуда дин талабот ва меъёрҳои худро ба оиладории никоҳӣ пешниҳод кард. Анъанаҳои динӣ, ба монанди никоҳ дар асоси интихоби озод, никоҳ чун иттифоқи ҳаётии мард ва зан, садоқату вафодории ҳамсарон ба якдигар, давомнокии насл, бартарии мард дар оила, баробарҳуқуқии зану шавҳар, эҳтирому ҳурмати якдигар, фарзандон, пос доштани анъанаҳо ва маросимҳои динӣ, хондани намоз, рӯза гирифтан, қайд намудани идҳои динӣ, ба монанди идҳои Рамазон ва Қурбон, маросимҳои мотаму хурсандӣ, оши чилу сари сол, омӯзиши аҳкоми динӣ ва хондани китоби муқаддаси Қуръон, зикри Худованд ва ғайра бечунучаро барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири калон мерасонанд. Дар боло гуфта будем, ки анъанаҳо функсияи танзимкунанда доранд. Анъанаҳои динӣ, аз як тараф, маҳз функсия ва вазифаи танзимкунандаи ҳаёт, одобу муошират, оила ва оиладорӣ, никоҳу заношӯӣ, кирдору рафтор, муносибат ба якдигар, ҳамсояву хешу табор, ҷаҳонбинӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Меъёру қоидаҳои ҳуқуқии динӣ ба муносибатҳои оиладории никоҳӣ ва хонаводагӣ таъсири зиёд мерасонанд.

Анъанаҳои оиладорӣ вобаста ба иду маросимҳо, ба монанди таҷлили идҳои Наврӯз, Сада, Баҳор, Бобои Деҳқон, бойчечак, Соли нав,

идҳои Рамазон ва Қурбон, рӯзҳои Ваҳдат ва Истиқлолият, рӯзи таваллуд, тӯю маросимҳои никоҳӣ, хонадоршавӣ, тӯи суннатӣ, фотиҳа, муйсарпасткунии кӯдак, маросими гаҳворабандон, ба хонаи нав кӯчидан, маросимҳои мотам, дафнкунӣ, хатми Қуръон, гузаронидани ҳафт, чил ва соли майит ва анъанаҳои нав, ба монанди хатмкунии мактаби миёна, ба синфи якум рафтан (занги аввал), иди Алифбо, хатмкунии мактаби олӣ, гирифтани маоши аввал, ба нафақа баромадан ва дигар анъанаву урфу одатҳои оилавӣ, бешубҳа, дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири худро мерасонанд. Дар ин ҳолат функсияҳои номбаршудаи анъанаҳоро ҳамчун тарбиятдиҳанда, танзимкунанда ва интиқолдиҳанда метавон пай бурд. Ҷашнгирии идҳои анъанавии миллӣ, ба монанди Наврӯз, Сада ва дигар идҳои баҳорӣ дар ҷавонон таҷрибаи ҳазорсолаҳои мардуми тоҷикро дар бобати анъанаҳои рӯзгори худ, омодагӣ ба омадани Баҳор, рӯзи нав, ҳосил, деҳқонӣ, киштў кор, заминдорӣ, фарҳангу маданияти бениҳоят ғанию васеи мардуми ироннажод, анъанаву расму оини ин мардум, таърихи пайдоишу ташаккулёбии онҳо, яъне паҳлуҳои фарҳангӣ, равонӣ, танзимӣ, тарбиявии худро бедору пайдо намуда, дар ҷавонон ҳисси ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва дигар хислатҳои мусбатро ба шакл медарорад. Албатта дар ин идҳо функсияҳои тарбиявӣ ва танзимкунандаи анъанаҳоро пай бурдан мумкин аст. Ҷавонон ва насли наврас аз ҷиҳати психологӣ дарк мекунанд, ки онҳо таърихи кӯҳану қадим доранд, онҳо аллакай медонанд, ки ҳарсола рӯзи 21 март иди Наврӯз бояд ҷашн гирифта шавад, яъне бо таъсири анъанаҳои идона кирдору рафтори одамон, ҷомеа ва насли наврас ба танзим дароварда мешаванд. Ҷавонон ба воситаи анъанаҳои идонаи мардуми тоҷик пухтани хӯроку таомҳои гуногун, ба монанди суманак, отала, оши палав, ширбиринҷ ва хӯрокҳои дигарро аз худ мекунанд, ки ҳаёти ҳаррӯзаи мардумро рангин намуда, қоидаҳои рӯзгордориро ба танзим медарорад, оилаҳои ҷавонро ба як самти муайяни ҳаёт равона месозад. Таъсири педагогию равонии анъанаҳои идона ба ҷавононе, ки

нав оила барпо намудаанд, басо назаррас аст. Дар онҳо хурсандӣ, меҳру муҳаббат, самимият, ватандӯстӣ, чолокию зиракӣ, инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, иттиҳоду ваҳдат ва дигар сифату хислатҳои мусбат ташаккул меёбанд. Ороиши дастархонҳои зебову пур аз таому хуришҳои боллазати гуногун дар ҷавонон ҳисси зебоипарастӣ, меҳнатдӯстӣ, муҳаббат ба оила ва оиладорӣ, ахлоқу маънавиёт ва хислатҳои дигарро ба вуҷуд меорад. Дигар идҳои баҳорӣ, ба монанди идҳои Бойчечак (гулгардонӣ), Сада, Сайри гули Лола, Бобои Деҳқон ва идҳои дигар, албатта, ба насли наврас ва ҷавонон таъсири зиёди маънавию тарбиявиро мерасонанд. Дар ҷавонон ҳисси муҳаббат ба табиат, зебоӣ, Ватан, парандаву наботот, инсондӯстӣ, муҳаббат ба якдигар, рафоқат, меҳнатдӯстӣ ташаккул меёбанд, ки онҳо барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оянадаи оилавӣ мусоидат мекунанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи идҳои қадимаи тоҷикон хусусияти бузурги тарбиявӣ доранд.

Таҷлили идҳои нав, ба монанди Соли нав, занги аввал ва ғайра, албатта, характери оммавӣ дошта, дар ҷавонон сифатҳои маънавӣ ва эстетикиро тарбия мекунад. Чунин идҳо ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ дошта метавонанд, лекин, бо вуҷуди ин, онҳо ба ҳаёти ҳозираи мардуми тоҷик ворид гаштаанд ва то ҷое барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ кумак мерасонанд. Бо таҷлили чунин идҳо (занги аввал, занги охирон, маоши аввал, хатми мактаб, мактаби олӣ) дар ҷавонон ҳисси меҳнатдӯстӣ, омӯзишу азхудкунии касбҳои гуногун, илмомӯзӣ ва хислатҳои дигар ташаккул меёбанд. Тасаввур намудани ҳаёти имрӯза бе таҷлили чунин идҳо ғайриимкон аст, аз ин рӯ, хусусияти равонию танзимии онҳоро ба назар бояд гирифт.

Таҷлили идҳои миллӣ, ба монанди Рӯзи Истиқлолият, Рӯзи Конститутсия, Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири калон мерасонанд. Онҳо дар ҷавонон ҳисси ватандӯстӣ ва инсонпарвариро ташаккул дода, ҷиҳати дарки таърихи гузаштаи худ, ҷойгоҳу мақоми давлати соҳибистиқлоли худ дар арсаи ҷаҳонӣ, зебоиҳои

диёри худ, ҳифзи марзу буми Ватан, сарвату бойгариҳои он ва дигар арзишҳо мусоидат намуда, барои омодагии онҳо ба ҳаёти ояндаи оилавӣ аз ҷиҳати равонӣ ва маънавӣ ёрӣ мерасонанд. Ҳар як марди хона медонад, ки ӯ бар замми падар будан, инчунин муҳофизи марзу буми Ватан аст ва бояд фарзандони худро дар ҳамин рӯҳия тарбия карда, чун шаҳрванди ватандӯстдор ба камол расонад.

Таҷлили идҳои анъанавии динӣ, ба монанди идҳои Рамазон ва Қурбон, яке аз рукнҳои оилаи тоҷикон буда, дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон аз ҳама ҷиҳат таъсиргузор аст. Баргузор намудани чунин иду маросимҳои динӣ дар ҷавонон ҳисси дарки таърихи гузаштаи худ, инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, саховатмандӣ, бахшидани гуноҳҳо, эҳтироми хотираи гузаштагону пос доштани суннатҳои неки аҷдодон, омӯзиши рукнҳои дин, танзими ҳаёти оилавӣ, риояи аҳкоми шариат ва фармудаҳои Худованд, адлу инсоф, поквиҷдонию некномӣ ва дигар сифату хислатҳои мусбиро ташаккул медиҳад. Идҳои анъанавии динии халқи тоҷик таъсири рӯҳӣ, эстетикӣ, маънавӣ ва тарбиявӣ дошта, ҷиҳати омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири назаррас доранд.

Дигар иду маросимҳо ва урфу одатҳои динии мардуми мо, ба монанди дафн, мотам, хатми Қуръон, оши серӯзагӣ, чилу сари сол ва ғайра, албатта, таъсири махсуси танзимӣ, маънавӣ ва тарбиявии худро ба ҳаёти мардум ва омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мерасонанд. Бо ёрии ин анъанаҳо ҳаёти гуногунранги мардум дар рӯзҳои ба ҷо овардани ин иду маросимҳо ба танзим даровarда шуда, ба рафти кору фаъолияти инсонҳо мусоидат мекунанд. Одамон аллакай медонанд, ки дар куҷо ва дар кадом ҳолат чӣ гуна рафтор кунанд (масалан, дар маросимҳои мотаму хурсандӣ).

Анъана ва расму оини гузаронидани тӯи домодиву арӯсӣ яке аз анъанаҳои оиладории мардуми тоҷик буда, барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири зиёди маънавӣ, тарбиявӣ ва танзимӣ мерасонад. Анъанаи гузаронидани тӯи арӯсиву домодии мардуми тоҷик таърихи

куҳан дошта, аз замонҳои қадими давраи Авасто то имрӯз устувор боқӣ мондааст. Ин маросими оилавии мардуми тоҷик се давраи таърихиро дар бар мегирад: давраи зардуштия, давраи ислом ва давраи нав (коммунистӣ). Ҳар яке аз ин давраҳо бо қоидаву расмиёти худ ба ин анъанаи оиладорӣ таъсири калон расонидааст ва нишонаҳои ҳар кадоме аз ин давраҳо дар ин анъана ба назар мерасанд. Масалан, никоҳи мусалмонӣ аз давраи ҷорӣ шудани дини ислом, пӯшидани фатаи сафед ва гузаронидани тӯи домодиву арӯсӣ дар тарабхона аз давраи шӯравӣ сарчашма мегиранд. Маълум аст, ки ҷараёни тӯи домодиву арӯсӣ аз хостгорӣ, фотиҳа, овардани қалин, муайян намудани рӯзи тӯй, баргузории тӯй, ба ҷо овардани расмиёти никоҳ, ҳавлобарон ва ғайраву ҳоказо иборат аст. Ин маросим хеле давомадор буда, ҳатто як солу ду сол давом мекунад. Яъне барпо намудани оила ва гузаштан ба ҳаёти оилавии заношӯӣ барои мардуми тоҷик хусусияти рӯҳӣ, анъанавӣ, муқаддаси динӣ ва ҳатмиро дар бар мегирад. Барои чӣ инро мо қайд мекунем? Чунки дар баъзе аз халқу миллатҳо ба оиладоршавӣ, ба масъалаи никоҳу зиндагии оилавӣ на он қадар аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Масалан, ҳоло баъзе аз ҷавонони Ғарб бе ақди никоҳ, бе розигии падару модар ва бе барпо намудани тӯй бо ҳамдигар оиладор мешаванд ва мустақилона зиндагӣ мекунанд. Ё русҳо барои арӯс қалин намебаранд, дар тӯи арӯсиву домодӣ то 15-20 меҳмонон даъват мекунанд ё умуман чунин тӯй барпо намекунанд. Аммо дар мардуми тоҷик оиладоршавӣ, маросими ақди никоҳ, омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ, тӯи арӯсиву домодӣ хусусияти муқаддаси диниву суннатӣ дорад. Барои ин маросими суннатӣ ҳатто даҳсолаҳо омодагӣ дида, фарзандон, насли наврас ва ҷавононро аз айёми кӯдакӣ ба ин падидаи иҷтимоӣ омода мекунанд. Яъне, оила ва оиладорӣ барои мардуми тоҷик муқаддас ба ҳисоб рафта, ба он ҷиддӣ омодагӣ мебинанд. Ҳамин тавр, омодагии ҷавонони мо ба ҳаёти оилавӣ аз айёми хурдӣ то ба воя расидан давом мекунад ва расмиёту қоидаҳои гуногуни тарбиявӣ, маънавӣ, динӣ, эстетикӣ, таърихӣ, маданӣ, моддию

хоҷагидорӣ, анъанавию равониро дар бар мегирад. Маҳз ба ҳамин сабаб оилаи тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо анъанаву урфу одатҳои пешқадами худро гум накардааст ва дар ҳама ҳолату вазъиятҳои замон пойдор нигоҳ доштааст. Маросими тӯи арӯсиву домодии мардуми тоҷик хусусияти анъанавӣ, интиқолшаванда ва тарбиявию маънавӣ дорад. Он дар ҷавонон хислату сифатҳои гуногуни мусбӣ, ба монанди зебоипарастӣ, меҳандӯстӣ, эҳтирому иззат, пос доштани ишқу муҳаббат, салоҳияту уҳдадорӣ ва ҷавонмардиву нотарсӣ, нигоҳубини калонсолон, падару модар, хешу табор дар пиронсолӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо, ғамхорӣ дар ҳаққи фарзандон, тарбияи дурусти фарзандон, ҷалби фарзандон ба донишандӯзӣ, таҷрибаи ғании хоҷагидорӣ, эҳтиром ба анъанаву урфу одатҳо, фарҳангу адаби миллиро ташаккул медиҳанд. Анъанаҳои оиладории мардуми тоҷик, бешубҳа, дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири зиёд мерасонанд.

Вобаста ба омӯзишу таҳқиқи ҳаматарафаи мавқеи анъана ва расму оинҳои халқӣ дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва татбиқи онҳо дар замони муосир анъанаҳои миллӣ аз аҳамиятҳои зерин иборатанд:

- қобилияти зиндагии якҷоя ва муносибатҳои дӯстонаро дар муҳити оила мустаҳкам намуда, ба азхудкунии меъёру қоидаҳои рафтор, муносибатҳои байни калонсолону кӯдакон ва ҷинсҳо мусоидат менамоянд;
- таҷрибаи хоҷагидорӣ, худхизматрасонӣ, уҳдадориҳои оилавӣ ва масъулияти оиладориро интиқол медиҳанд, ба рушди қобилияту малакаҳо, меҳнатдӯстӣ ва инсондӯстӣ кӯмак мекунанд;
- ба ташаккули сифатҳои меҳнатдӯстӣ, коллективизм, масъулият дар назди хонавода, муҳаббат ба волидайн, муносибати маҳрамона ба якдигар омода месозанд;
- ҳисси ватандӯстӣ, хизмат ба Ватан ва ҳифзи онро дар мафкураи навхонадорон таҳким ва тақвият медиҳанд;

- арзишҳои миллии маънавию маданиро нигоҳ медоранд, шавқ ба онҳоро пайдо мекунанд ва ин таҷрибаро минбаъд вобаста ба талаботи замон инкишоф медиҳанд;
- ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии инсон ва маъсулиятшиносии шахс мусоидат мекунанд ва онро такмил медиҳанд.

Ин ва дигар паҳлуҳои муҳими анъанаҳо ва урфу одатҳо, нақш ва аҳамияти онҳоро мо дар ин қисмати рисолаи илмӣ таҳлил ва баррасӣ намуда, қайд карданием, ки дар доираи як рисола масъалаи анъана ва урфу одатҳои оилавиро пурра таҳқиқ намудан ғайриимкон аст ва ин мавзӯъ дар оянда омӯзишу таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкурро тақозо дорад.

## Хулосаи боби якум

Анъанаҳои миллӣ ва урфу одатҳои мардумӣ шакли интиқоли унсурҳои ахлоқии маънавӣ (маҷмӯи таҷрибаи инсонӣ, арзишҳо, муносибатҳо, шаклҳои рафтор) ба наслҳои нав буда, дорои мазмуни баланди маънавию ахлоқӣ ва тарбиявӣ мебошанд. Дар боби якуми рисолаи мазкур ҷанбаҳои фалсафию равонӣ ва таърихию педагогии омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар оилаи тоҷик баррасӣ шуд. Дар параграфи 1 шароитҳои таърихию педагогии масъалаи ба ҳаёти оилавӣ омода намудани ҷавонон дар оилаи тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифт. Анъанаҳои оиладории халқи тоҷик таърихи дуру дароз дошта, ҳанӯз аз замонҳои Зардушт то пайдоиши ислом, аз асрҳои миёна то замони нав ташаккул ёфтааст. Оид ба ин масъала дар бисёр бозёфтҳои қадима ва осори адибони форсу тоҷик гуфтаҳо зиёданд. Дар параграфи 2-юми рисолаи мазкур мазмуну мундариҷаи анъана ва урфу одатҳо аз ҷиҳати фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ баррасӣ шуданд. Маълум гардид, ки анъана ва урфу одатҳо шаклу мазмуни гуногун дошта, якчанд функсияву вазифаҳоро иҷро мекунанд. Таснифи махсуси анъанаҳои

оиладорӣ пешниҳод шуд: ҷаҳонбинӣ, тамоюлӣ, муайянкунандаи мавқеъ ва нақш, танзимкунанда, тарбияи хислатҳои равонӣ ва ахлоқӣ, ташаккули таҷрибаи муносибатҳои рӯҳонӣ ва ахлоқӣ дар оила ва гурӯҳ, ёрирасонанда ва ғайра. Илова бар ин, анъанаҳои миллӣ имкониятҳои зиёди таълимӣ доранд. Дар параграфи 3-юми рисолаи мазкур нақш ва аҳамияти анъанаҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ баррасӣ шуд. Анъанаҳои оиладорӣ барои омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ нақш ва аҳамияти назаррас дошта, дар онҳо хислатҳои неки инсонӣ ва маънавиро ташаккул дода, онҳоро ҳаматарафа ба зиндагии ояндаи шахсӣ ва оилавӣ омода мекунад. Таҳлил ва омӯзиши масъалаи анъанаҳо ва урфу одатҳо дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар адабиётҳои гуногуни илмию бадеӣ муайян кард, ки:

- анъанаҳо ва урфу одатҳои миллати тоҷик таърихи дуру дароз дошта, ҷиҳатҳои зиёди маънавию тарбиявиро доро мебошанд;
- анъанаҳо ва урфу одатҳо аз ҷиҳати фалсафӣ, иҷтимоӣ ва равонию педагогӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд;
- анъана ва урфу одатҳо шакли олии интиқоли таърихи миллат, таҷрибаи пешқадами аҷдодон ва мутафаккирони гузашта, нишонаи ҳастии миллат мебошанд;
- анъана ва урфу одатҳо ҳарчанд ба сифати як мафҳуми умумӣ фаҳмида шаванд ҳам, вале айни замон ҳар кадоми онҳо чун мафҳумҳои алоҳида ба таври гуногун фаҳмида мешаванд ва аз ҳамдигар фарқ доранд;
- анъана ва урфу одатҳо вазифа ва функсияҳои гуногун доранд;
- анъана ва урфу одатҳо касбӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, давлатӣ ва халқӣ шуда метавонанд;
- анъана ва урфу одатҳои оилавӣ ҷузъи махсуси фарҳанги миллӣ буда, гуногунранганд ва ба таври алоҳида тасниф карда шудаанд;

- анъана ва урфу одатҳои оилавӣ дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон нақши босазо дошта, ҷиҳати омодагии онҳо ба зиндагии оилавӣ таъсири зиёди маънавию фарҳангӣ ва равонию маишӣ мерасонанд;
- нақши Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими оила” (2005), Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2017), Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” (2011), Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” (2004) дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар замони муосир хеле бузург аст;
- анъана ва урфу одатҳо чун як қисмати сиёсати давлату Ҳукумат дар тарбияи насли наврас ва омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавии мустақилона нақши босазо дошта метавонанд.

# БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ ОМОДА НАМУДАНИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

## 2.1. Имкониятҳои иҷтимоию педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ

Таҳлил ва омӯзиши имкониятҳои иҷтимоию педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ аҳамияти хоса дорад ва хеле муҳим аст. Оила яке аз бахшҳои муҳими ҷамъият ба ҳисоб рафта, ба шарту шароитҳо, ҳолату имкониятҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва педагогии он ояндаи насли наврас, инкишофу ташаккулёбии давлат, омодагии ҷавонон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ вобастагии зич дорад. Маҳз дар оила асосҳои маънавию фарҳангӣ, хислату сифатҳои равонии фарзандон ва насли наврас ташаккул меёбанд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: “Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд” [128; 20.01.2015].

Бо шарофати ба даст овардани истиқлолият, сулҳу субот, ваҳдату якдигарфаҳмӣ дар Тоҷикистони азизи мо, пешравии иқтисодиёту болоравии сатҳи зиндагӣ, ба қабул шудани якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба оила, ҳифзу рушди он, махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [88;М.9,10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2005) ташкили оила ва оиладорӣ дар Тоҷикистон, имкониятҳои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ осон гаштааст. Эълон шудани соли 2015 “Соли Оила” ба баланд

бардоштани маърифати оиладории ҷавонон, омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ, муносибатҳои дурусти оиладорӣ, пешгирии вайроншавии оилаҳои ҷавон, барпо намудани оилаи солим ва дигар омилҳои муҳим равона шуда буд. Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ маҷмӯи донишҳои муайяни педагогию психологӣ, ҳуқуқиву иқтисодӣ, ҷаҳонбинию арзишҳои маънавӣ буда, яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки оила ва оиладорӣ, умуман ташкили оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Конститутсия (моддаи 33) ва Кодекси оила ба танзим дароварда шудааст ва аз ҷониби давлату ҳукумат ҳифз карда мешавад. Донистани ҳуқуқҳои оилавӣ барои ҷавонон дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ вазифаи аввалиндараҷа мебошад. Аз ҷумла дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст: «вазифаҳои ҳуқуқи оилавӣ аз мустаҳкам намудани оила, дар асоси принсипҳои ахлоқии ҷамъият, иттифоқи ихтиёрии никоҳи байни зану мард, ҳиссиёти аз ғаразҳои моддӣ озоди муҳаббати якдигар, дӯстӣ ва эҳтироми ҳамдигарии ҳамаи аъзоёни оила» [71;М.13. 4].

Бар замми ин худи ҳамон ҷо гуфта мешавад, ки оиладорӣ ин ҳаматарафа ҳифз намудани манфиат ва меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, иштироки фаъолона дар ташкили давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, дар тарбияи фарзандон, ҳифзи манфиатҳои модару кӯдак, таъмини ҳаёти хушбахтонаи ҳар як кӯдак, дар муносибатҳои оилавӣ қатъиян барҳам додани урфу одат ва расму оинҳои зараровари замони гузашта, парвариши ҳисси баланди масъулиятнокӣ дар назди оила ва ғайра мебошад [71;М.13.с.3].

Дар омодагии ҷавонон ва насли наврас ба ҳаёти оилавӣ вазифаи аз ҳама муҳиму аввалиндараҷа баланд бардоштани савияи дониши онҳо оид ба ҳуқуқҳои оилавӣ мебошад. Бисёре аз оилаҳои навбунёд ҳуқуқҳои оилавии худро, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, намедонанд ва ба хатоҳои зиёде роҳ медиҳанд, ки ин

боиси вайроншавии оилаҳо мегардад. *Масалан, ба чунин саволе, ки дар анкета-пурсишнома ба хонандагон пешниҳод шуда буд: «Оё Шумо ҳуқуқҳои оилавии худро медонед» 30% хонандагон ҷавоб доданд, ки аз чунин ҳуқуқҳо бехабаранд.* Дар шароити ҳозира қариб ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти мустақилонаи ҷавонон бахшида шудаанд, ки ин ба ҷавонон имконияти дилпурона ба ҳаёти мустақилона қадам монданро фароҳам меорад. Масалан, дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки ҳуқуқи оилавӣ ба принсипҳои зерин такя мекунад: баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар муносибатҳои оилавӣ, нигоҳ накарда ба миллат, нажод ва муносибаташон бо дин; баробарҳуқуқии зану мард дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ; озодона ва ихтиёрӣ бастани ақди никоҳ; якканикоҳӣ; ҳифз ва ҳавасманд намудани шарафи модарӣ; тарбияи фарзандони ноболиғ ва таъмини онҳо; аз ҳалли масъалаҳои никоҳ ва оила ҷудо будани дин; дар зери назорати давлат бекор кардани никоҳ; таъмини моддӣ ва маънавӣ, ғамхории якдигари аъзоёни оила ва ғайра. Ҳамаи ин гуфтаҳо далели имкониятҳои ҳуқуқии оилаи имрӯзаи тоҷик мебошанд.

Имкониятҳои иҷтимоиву педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик бисёранд, ки ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ кӯмак мекунанд. Сулҳу субот, тинҷиву оромӣ, ваҳдату якдигарфаҳмӣ яке аз имкониятҳои иҷтимоии оилаи тоҷик мебошанд. Танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Тоҷикистон масъалаи бунёди оилаи ҷавонро хеле ҳам осон гардонид. Акнун дар ташкили оила ва барпо намудани тӯи арӯсиву домодӣ бисёре аз он урфу одатҳое, ки пештар барои гузаронидани тӯю маъракаҳо як бори гарон ба ҳисоб мерафтанд, аз байн бурда шудаанд, ҳатто микдори меҳмонон, микдори пули қалин, вақту соати гузаронидани тӯю маъракаҳо, микдори хӯрокҳо ва ғайра ба танзим даровварда шудааст, ки ин ба оилаҳо аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ сабукиҳои зиёд меорад. Муайян кардани синну соли никоҳӣ, ақди никоҳ маҳз дар муассисаи давлатӣ, манъ кардани додани ҳамагуна тухфаю ҳадя ба хешутабори

арӯс ҳангоми бастани никоҳи мусалмонӣ, гузаронидани фотиҳаи калону серхарҷ, маъракаи дабдабаноку сермасрафи рӯбинон, ҳафт овардани арӯс ва ғайра аз ҷумлаи он тағироте мебошанд, ки имрӯз ба оилаи тоҷик дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ кӯмаки бузург мерасонанд.

Имрӯз, пеш аз барпо намудани оила, санҷиши саломатии домоду арӯс ба анъана даромадааст, ки ин барои ояндаи оилаи солим хеле ҳам муҳим аст. Ташкили оилаи солим вазифаи аввалиндараҷаи давлату ҷамъият аст. Бо паҳн гаштани бемориҳои зиёди вирусӣ имрӯз баъзе аз ҷавонони мо, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ бармегарданд, бо хунукназарии худ ба бемориҳои ВИЧ, гепатити С, сил ва дигар иллатҳо гирифтор мешаванд ва ин ба генофонди миллат зарари ҷиддӣ мерасонад. Бинобар ин, аз ташхиси духтур гузаштани онҳо шарти ҳатмист. Зимни таҳқиқи олимони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки дар гурӯҳи ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ҳоло зиёда аз 2700 нафар гирифторони бемории ВИЧ ва 2300 нафар гирифторони бемории гепатити С ҳастанд. Аз ин лиҳоз, ташхиси пешакии домоду арӯс дар муассисаҳои махсуси тандурустӣ ҳатмӣ буда, барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ кумак хоҳад расонд. Илова бар ин, барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ азхудкунии донишҳо оид ба ин бемориҳо заруру ҳатмист. *Масалан, дар анкета-пурсишнома мо ба хонандагон бо чунин савол муроҷиат кардем: «Ба фикри Шумо устувории оила дар чист?» ва 25% хонандагон ҷавоб доданд, ки устувории оиларо дар оилаи солим мебинанд.*

Албатта, камбудиҳо низ вуҷуд доранд. Бо ҷаҳонишавии манфиатҳо, наздикшавии ақидаву андешаҳо, афзоиши раванди муҳоҷирати аҳолӣ ба дигар кишварҳои Ғарб фикру андешаҳои ҷавонон оид ба оила ва оиладорӣ ба куллӣ тағир ёфтааст. Ворид гаштани ақидаҳои бегона ба ҳаёти оилаи имрӯзаи тоҷик ба қойдаҳои ҳаёти оилавии мардуми тоҷик, ба анъанаву урфу одатҳои таърихии он, ба рафтору муносибати ҷавонон таъсири зиёд ва дар бештари маврид таъсири манфӣ мерасонад. Ин

гуфтаҳоро профессор А.Г. Холиқов дар китоби худ «Андешаи давлати миллӣ» тасдиқ кардааст [172;с.20,30].

Ба ҷо наовардани ҳурмату иззати калонсолон, падару модар, ҳамсояҳо, ҷўраву рафиқон, ҳамкорон, занону бонувон, мутаассифона, дар байни ҷавонони ҷомеаи имрўзаи мо то ҷое ба ҳукми анъана даромадааст. Ин рафтори ношоистаи ҷавонон аз ноогоҳии онҳо дар бораи таърихи халқу миллати худ, анъанаву урфу одатҳои неки ниёгон ва ҷанбаҳои мусбии оилаи тоҷик сар мезанад. Танбалию бекоргардӣ, нашъамандию майнўшӣ, бепарвоӣ дар ҳаққи аъзоёни оилаи худ, таълиму тарбияи дуруст надодан ба фарзандон ва дигар хислатҳои нохушоянд аслан хоси мардуми ориёӣ нест ва ин падидаҳои манфиро решакан кардан лозим аст. Мардуми тоҷик аз қадим бо рафтору кирдори мусбии худ шинохта шудааст ва урфу одатҳои хуби оиладориро дорост. Аз ин лиҳоз, мубориза бо ин падидаҳои манфии айёми имрўза дар оила ва ҷомеаи тоҷик яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. *Масалан, ба чунин саволи анкета-пурсишномаи мо «Вазифаи оиларо Шумо дар ҳаёт аз чӣ иборат медонед?» 78% хонандагон дар ҳурмату иззати падару модар, хусуру хушдоман ва хешу ақрабо ҷавоб доданд.*

Бо сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ бисёре аз оилаҳои имрўзаи тоҷик кўшиш мекунанд, ки духтарони худро дар синни 16-19 солагӣ зуд ба шавҳар диҳанд. Ҳарчанд Кодекси оилаи ҶТба шавҳар додани духтаронро аз синни 18 муайян карда бошад , таҳлилу омўзишҳо нишон медиҳанд, ки аксари оилаҳои ҷавон, ки дар ин синну сол бунёд мешаванд, ё ба оиладорӣ омода нестанд, ё ба зудӣ аз ҳам ҷудо мешаванд. Сабабҳо дар ин ҷо бисёранд. Аз ҷумла бармаҳал оиладор намудани ҷавонон, омода набудани онҳо ба ҳаёти мустақилона, никоҳи хешутаборӣ, сабабҳои иқтисодию иҷтимоӣ, вобастагии онҳо ба волидайн, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани шавҳар, дахолати хешовандон, хушунати оилавӣ ва ғайра. Илова бар ин, баъди вайроншавии оилаи ҷавон, духтарон, ки дар ягон муассисаи таълимӣ

касбу ҳунар наомӯхта буданд ё худ танҳо ва ё бо як кӯдак танҳо монда, аз ҷониби падару модар ва дигар хешовандон гунаҳкор ҳисобида, ба оворагардӣ ва дигар рафторҳои ношоиста даст мезананд. Тибқи маълумоти мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб вайроншавии оилаҳои ҷавон дар соли 2015-2016 бо сабабҳои зикршуда дар 343 ҳолат ба қайд гирифта шудааст.[1]

Ҷадвали №1

**Шумораи никоҳҳои бақайдгирифташуда дар солҳои 2010-2016[2]**

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100759 | 94730 | 97653 | 96989 | 95537 | 76956 | 72499 |
| ВМКБ | 2446 | 2314 | 2275 | 2537 | 2595 | 2264 | 1970 |
| Вилояти Суғд | 27190 | 24621 | 26366 | 26348 | 26229 | 22611 | 21208 |
| Вилояти Хатлон | 39458 | 37313 | 37274 | 38253 | 36418 | 27857 | 26507 |
| ш. Душанбе | 7625 | 7505 | 7831 | 7931 | 8400 | 7097 | 6735 |
| НТҶ | 24040 | 22977 | 23907 | 21920 | 21895 | 17127 | 16079 |

Ҷадвали №2

**Шумораи талоқҳои бақайдгирифташуда дар солҳои 2010-2016[3]**

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6019 | 6762 | 7417 | 7920 | 9037 | 8346 | 8845 |
| ВМКБ | 47 | 56 | 67 | 99 | 93 | 106 | 113 |
| Вилояти Суғд | 2749 | 2975 | 3169 | 3352 | 3805 | 3440 | 3638 |
| Вилояти Хатлон | 1231 | 1545 | 1605 | 1736 | 1882 | 1671 | 1707 |

[1] Ахбороти бахши САҲШ ш. Кӯлоб дар соли 2017. Замима.
[2] Маълумотҳои оморӣ. http://oldstat.ww.tj/analytical-tables/socio-demographic-sector/
[3] Маълумотҳои оморӣ. http://oldstat.ww.tj/analytical-tables/socio-demographic-sector/

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ш. Душанбе | 908 | 924 | 1097 | 1120 | 1269 | 1193 | 1286 |
| НТҶ | 1084 | 1262 | 1479 | 1613 | 1988 | 1936 | 2101 |

Тавре аз маълумоти ҷадвалҳои №1 ва №2 дида мешавад, ҳамасола шумораи ақди никоҳ дар саросари ҷумҳурӣ кам шуда (соли 2010 дар 100759 ҳолат ва соли 2016 дар 72499 ҳолат, яъне 28% кам), шумораи талоқ меафзояд (дар соли 2010 дар 6019 ҳолат ва дар соли 2016 дар 8845 ҳолат, яъне 27% зиёд). Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки вазъи оила ва оиладорӣ, омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар ҷумҳурӣ начандон хуб аст. Махсусан, мо шумораи ақди никоҳ ва бекор кардани он (талоқ)-ро дар вилояти Хатлон зери таҳлил қарор додем. Маълум гашт, ки соли 2010 дар 39458 ҳолат, соли 2011 дар 37313 ҳолат, соли 2012 дар 37274 ҳолат, соли 2013 дар 38253 ҳолат, соли 2014 дар 36418 ҳолат, соли 2015 дар 27857 ҳолат, соли 2016 дар 26507 ҳолат ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст. Сол то сол дар ин вилоят, ки аз рӯи шумораи ақди никоҳ дар ҷумҳурӣ ҷои аввалро ишғол мекард, ақди никоҳ кам шуда истодааст (аз соли 2010 то соли 2016 то 12951 маротиба, яъне то 30% кам). Шумораи талоқ соли 2010 дар 1231 ҳолат, соли 2011 дар 1545 ҳолат, соли 2012 дар 1605 ҳолат, соли 2013 дар 1736 ҳолат, соли 2014 дар 1882 ҳолат, соли 2015 дар 1671 ҳолат, соли 2016 дар 1707 ҳолат. Агар соли 2010 ин нишондиҳанда 1231 ҳолатро ташкил дода бошад, соли 2016 ба 1707 ҳолат мерасад. Сол то сол шумораи талоқҳои бақайдгирифташуда дар вилояти Хатлон низ афзуда истодааст (то 40%).

Олимон муайян карданд, ки синну соли мувофиқ барои барпо намудани оила 23-25 солагӣ мебошад. Дар ин синну сол ҷавонон аллакай донишкадаҳоро хатм намуда, соҳиби касбу ҳунар мешаванд, ҳолати ҷисмонии онҳо хеле инкишоф меёбад, онҳо то қадри имкон аз таҷрибаи ҳаёт бохабаранд. Мо ҳам ҷонибдори ҳамин андешаем ва онро дуруст мешуморем. Дар Ғарб ва дигар кишварҳои пешрафта бештари оилаҳо маҳз аз синни 25-27 солагӣ барпо мегарданд. Барои ҳамин бармаҳал ба

шавҳар додани духтарон, яке аз камбудиҳо ё хатоҳои оилаи имрӯзаи тоҷик мебошад. Масалан, ба саволи «*Шумо дар синни чандсолагӣ оиладор шудан мехоҳед?» дар анкета-пурсишнома бисёре аз хонандагон синни 25 солагиро нишон доданд*. Ба ақидаи мо хуб мешуд, ки ҷавонон то синни 23-27 солагӣ ба омӯхтани касбу ҳунар ва илму дониш машғул шаванд ва ба онҳо аз ҷониби падару модар барои ин ёрӣ расонда шавад. Дар ин шароити вазнини зиндагӣ касбу ҳунар ва донишҳоро аз худ кардан беҳтару манфиатовар аст. Рафту фардо мабодо аз якдигар ҳам ҷудо шаванд, метавонанд худро бо ҷои кор ва хӯрок таъмин созанд. Дар ин маврид суханони пурҳикмати Имоми Аъзам Нуъмон ибни Собит хеле ҳам бамаврид аст: «Дар ҷавонӣ, ки дилат фориғу фикрат ором аст, кӯшиш ба харҷ деҳ, ки илм биёмӯзӣ ва сипас бо роҳи ҳалол мол ҷамъ оварӣ ва он гоҳ ба издивоҷ дарой» [61;].

Дигар аз камбудиҳои ҷомеа ва оилаи имрӯзаи тоҷик никоҳи хешутаборӣ аст. Дар бораи ин масъала борҳо аз ҷониби давлату ҳукумат таъкиду маслиҳатҳо пешниҳод шудаанд. Маълум аст, ки дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик анъанаи барпо намудани оила ё ба шавҳар додани духтарон ба хешу табори наздик, ба писари тағо, ба писари амак, ба холабача ва ғайра паҳн гаштааст. Духтару писарро дар баъзе мавридҳо аз овони кӯдакӣ хешу табор бо роҳҳои «гаҳворабахш», «кундапартой» гӯё «аз худ мекунанд» ва «ин келини ман» ё «домоди ман» гуфта, ҳаёти ояндаи кӯдакро муайян менамоянд. Акаам, тағоям, апаам, холаам хафа нашавад гуфта, кӯдаконро напурсида, онҳоро аз кӯдакӣ ба якдигар «никоҳ» мебанданд. Ин амал шояд барои наранҷондани хешу табор ва нашикастани аҳду паймон, анъанаҳои хешутаборӣ ягон фоидае дошта бошад ҳам, вале аз ҷиҳати тиббӣ ва равонӣ зараровар аст. Инро далелҳои зиёде тасдиқ мекунанд. Таваллуд шудани миқдори зиёди кӯдакони бемору маъюб аз оилаҳои ба ҳам хешу табор шаҳодати ин гуфтаҳост. *Таҳқиқотҳои мо ва ба даст овардани нишондодҳо аз шӯъбаҳои асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ва*

*маълумотҳои оморӣ оид ба никоҳи хешутаборӣ ва сабабҳои ҷудошавии оилаҳо нишон доданд, ки ҳамасола дар ҷумҳурӣ таваллуди 2,5-3 ҳазор кӯдакони маъюб ба қайд гирифта мешавад ва шумораи онҳо ба 1 январи соли 2015 - 26043 нафар ё 0,8% аз шумораи умумии кӯдакони синни то 18 соларо ташкил медиҳад. Мувофиқи хулосаи коршиносон, дар 30-35 фоизи ҳолатҳо сабаби таваллуди кӯдакони маъюб издивоҷи хешутаборӣ, яъне никоҳи хешутаборӣ мебошад.*

Ҷадвали №3

**Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию демографӣ дар солҳои 2012-2018**[4]

| № | Нишондодҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Давомнокии эҳтимолии ҳаёт ҳангоми таваллуд (сол) | 72,5 | 72,5 | 72,8 | 73,4 | 73,4 | 73,6 | 73,7 |
| 2 | Фавти кӯдакони навзод (ба ҳисоби ба 1000 нафар зинда таваллудшуда) | 34,0 | | 34,0 | | | | |
| 3 | Коэффитсиенти таваллуд (ба ҳисоби ба 1000 нафар аҳолӣ) | 29,4 | 28,7 | 27,8 | 25,9 | 27,8 | 28,1 | 26,6 |
| 4 | Коэффитсиенти фавт (ба ҳисоби ба 1000 нафар аҳолӣ) | 4,4 | 4,3 | 4,3 | 3,9 | 4,0 | 4,0 | 3,9 |
| 5 | Коэффитсиенти қобилияти таваллуд (миқдори таваллуд, ки ба як зан рост меояд) | 3,5 | | 3,8 | | | | |
| 6 | Шумораи исқоти ҳамл: ҳамагӣ, ҳазор нафар 1/ Бо 1000 нафар занони синни 15-49 сола | 19,5<br>9,6 | 17,5<br>8,4 | 16,6<br>7,9 | 16,0<br>7,5 | 17,3<br>7,9 | 16,9<br>7,5 | 15<br>6,5 |

Аз рӯи маълумотҳои ҷадвали №3 нишондодҳои коэффитсиенти фавт ва шумораи исқоти ҳамл моро нигарон месозад, ки он аз мушкилот дар таваллуду фавти кӯдакон хабардор мекунад. Ба ақидаи мо, ба дунё омадани кӯдаки маъюб ва бемор дар оилаи ҷавон на танҳо барои худи кӯдак, балки барои ҳамаи аъзоёни оила ва дар маҷмуъ барои ҷомеа

4 Маълумотҳои оморӣ. http://oldstat.ww.tj/analytical-tables/socio-demographic-sector/

мушкилиҳои зиёдеро ба бор меорад. Фарзанди бемори аз никоҳи хешутаборӣ таваллудёфта умри дароз намебинад ё дуру дароз маъюбу бемор боқӣ мемонад, ки ин барои аъзоёни оила ҳам руҳан ва ҳам иқтисодӣ зарар меоварад. Баръакс, таваллуди фарзанди солим дар оила боиси хурсандию мустаҳкамии оила мегардад. Оилаи солим, бо кӯдакони солим макони шодиву фараҳ ва роҳати падару модар аст, чунки хурсандии кӯдаки солим, табассуми вай, сухани аввалини ӯ, қадами аввалини вай, ба мактаб рафтанаш ва ғайра барои волидайн шодиву хурсандиҳои бемислро фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз, то он ки оилаҳои ҷавон аз чунин лаҳзаҳои нотакрор ва хушиҳои зиндагӣ бебаҳра намонанд, онҳо дар аввал ҳангоми барпо намудани оила аз никоҳи хешу тобории наздик бояд худдорӣ кунанд. Илова бар ин, ба ҷавонон дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ доимо бояд маслиҳату машваратҳо оид ба оқибатҳои никоҳи хешутаборӣ, дар бораи барпо намудани оилаи солим, масъалаҳои тиббию генетикӣ, пешгирии ҳолатҳои номатлуб ва бадбахтиҳои ояндаи оила, аз ҷумла таваллуди кӯдаки маъюбу носолим, ҷудошавии чунин оилаҳо, бегонашавии хешу табор, хасму хусумат ва ғайра дода шавад [109;с.64,67].

Боиси хурсандист, ки ин масъала аллакай пурра дар ҷомеа, воситаҳои ахбори омма, дар донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ баррасӣ шуда истодааст, ки шояд тадриҷан дар оянда ин мушкилӣ аз ҷомеаи мо бартараф карда шавад.

Таъсиси мактабу литсейҳо ва коллеҷу омӯзишгоҳҳои зиёд барои аз худ намудани касбу ҳунарҳои гуногун имконият фароҳам меорад. Барои оилаҳои навбунёд, умуман барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ аз худ намудани касбу ҳунар, малакаву донишҳо хеле заруру муҳим аст. Бе омӯхтани донишу аз худ намудани касбу ҳунар дар ин замони пурталотум ва зудрушдёбанда ягон оилаи ҷавон рушд ёфта наметавонад. Ба фикри мо, он рӯзҳое, ки танҳо падару модар ё ягон хешу табор ба оилаҳои ҷавон доимӣ ёрӣ мерасонданд, аллакай

гузаштаанд. Бисёре аз ҷавонон ҳатто ҳис намекунанд, ки акнун дар ин шароити рушди ҷаҳони муосир танҳо фаъолияту меҳнати якҷояи зану шавҳар метавонад мустаҳкамии оиларо таъмин карда, ба тарбияи дурусти фарзандон роҳнамо созад. *Аз ин лиҳоз, ба саволи “Ба фикри Шумо устувории оила дар чист?” дар анкета-пурсишнома 30% хонандагон “Садоқати байни ҳамдигарии зану шавҳар” ҷавоб додаанд*. Ба фикри мо, чунин андеша, ки “зан бояд фақат дар хона шинаду кӯдаконро тарбия диҳад” акнун урфу одати қадима ба шумор меравад. Агар ҷавонон хоҳанд, ки оила барпо намоянд, бояд ба қоидаҳои нави ҳаётӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Барои ҳамин бисёре аз ҷавонон ҷудо мешаванд, ва оилаҳои навташкилшуда аз байн мераванд. Чунки дар онҳо то ҳол анъанаҳои куҳнаи қадима ҷой доранд. Асри XXI асри рушди техника ва технологияи нави иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин айём фикру ақидаҳо, қойдаву меъёрҳои ҳаётӣ, психологияву фаҳмишҳо дигар шудаанд, акнун инсон ва махсусан ҷавонон бисёр чизҳоро бояд аз худ кунанд, ки бе онҳо рушду инкишоф ёфта наметавонанд ва шояд оила ҳам барпо карда натавонанд. Чунки оила ин мактаби махсус аст, ин як корхонаи бузурге аст, ки онро идора кардан, махсусан дар ин шароитҳои нави ҷаҳони муосир, начандон осон аст. Таълиму тарбияи фарзандон, дониш омӯхтану касбу ҳунарҳои навро аз худ кардани онҳо вазифаҳои аввалиндараҷаи калонсолон, падару модар ва давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад. *Бинобар ин, ба саволи “Шумо ҳамсариояндаи худро чӣ тавр тасаввур мекунед?” дар анкета-пурсишнома бештари хонандагон “Оқилу доно, зирак ва маълумоти олӣ дошта” ҷавоб додаанд.*

Ҷадвали №4

**Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар солҳои 2010-2016[5]**

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муассисаҳои | 33/1 | 33/1 | 34/1 | 34/1 | 37/1 | 38/1 | 39/1 |

[5] Маълумотҳои оморӣ. http://oldstat.ww.tj/analytical-tables/socio-demographic-sector/

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| таҳсилоти олӣ | | | | | | | |
| Шумораи донишҷӯён, ҳазор нафар | 151,7 | 152,2 | 150,1 | 159,4 | 165,3 | 176,5 | 186,9 |
| Ба ҳазор нафар аҳолӣ | 202 | 195 | 188 | 195 | 198 | 206 | 214 |
| Аз шумораи умумии донишҷӯён – духтарон, ҳазор нафар | 43,8 | 42,8 | 42,5 | 46,4 | 52,2 | 59,0 | 65,9 |
| Ба ҳисоби фоиз аз шумораи аҳолӣ | 29 | 28 | 28 | 29 | 32 | 33 | 35 |
| Аз шумораи умумии донишҷӯён Дар шуъбаҳо таҳсил кардаанд (ҳазор нафар) Рӯзона Ғоибона | 100,5 51,2 | 104,3 47,9 | 103,8 46,4 | 112,4 47 | 114,7 50,6 | 120,5 56,0 | 127,4 59,5 |
| Ҳамагӣ донишҷӯ қабул карда шудааст (ҳазор нафар): Рӯзона Ғоибона | 29 24,2 4,8 | 31,3 25,8 5,5 | 38 30,8 7,2 | 40,9 33,6 7,4 | 31,4 26,5 4,9 | 38,5 31,2 7,3 | 42,7 36 6,7 |
| Мутахассисон хатм кардаанд, ҳазор нафар: Рӯзона | 15,7 | 16,4 | 24,5 | 18,8 | 20,4 | 20,3 | 22,6 |
| Ба ҳазор нафар аҳолӣ мутахассисон хатм кардаанд | 37 | 36 | 45 | 36 | 25 | 35 | 38 |
| | | | | | | | |

Ҷадвали №5

**Шумораи муассисаҳои таълимии касбию техникӣ дар солҳои 2010-2016**[6]

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муассисаҳои таълимии касбию техникӣ дар охири сол, воҳид | 66 | 67 | 67 | 63 | 62 | 61 | 62 |
| хонандаҳо дар онҳо: | 22630 | 23857 | 23238 | 21593 | 21743 | 26276 | 22438 |
| аз он ҷумла духтарон | 5052 | 4964 | 4502 | 3897 | 4895 | 5042 | 4419 |
| Хонандаҳо қабул карда шуданд | 14041 | 14670 | 12921 | 13600 | 14368 | 14980 | 16237 |
| аз он ҷумла духтарон | 4151 | 4050 | 3821 | 3593 | 3454 | 3170 | 4116 |
| Коргарони касбӣ хатм кардаанд | 10387 | 10596 | 10667 | 11103 | 8893 | 9577 | 14334 |
| аз он ҷумла духтарон | 4243 | 4057 | 4109 | 4208 | 2303 | 2631 | 3424 |
| Ғайр аз ин, аз рӯи қарордод тайёр карда шудаанд. | 2194 | 2463 | 2710 | 2710 | 2292 | - | - |

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали №4 ва ҷадвали №5 дида мешавад, шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои касбию техникӣ дар ҷумҳурӣ дар умум ба 103 адад мерасад ва дар онҳо зиёда аз 210000 нафар донишҷӯ таҳсил мекунад, ки ин аз ҳолати таҳсил ва азхудкунии касбҳо барои ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки имкониятҳои иқтисодии оилаи имрӯзаи тоҷик низ дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ хеле назаррасанд. Дар оилаи камбизоат ё нодор фарзандон аз ҷиҳати равонӣ ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ сустинкишофёфта ба воя мерасанд. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади танзими оила ва оиладорӣ ба шумораи кӯдакон дар оила аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Солҳои пеш дар оилаҳои тоҷик аз 5 то 10-12 кӯдак таваллуд меёфт. Шояд он давру замонҳо инро талаб мекард ё

[6] Маълумотҳои оморӣ. http://oldstat.ww.tj/analytical-tables/socio-demographic-sector/ Аз рӯи маълумотҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ. Соли 2018

ин ба анъана даромада буд. Лекин дар шароити ҳозира бо сабабу омилҳои маълум, ки мо ҳамаи онҳоро номбар намекунем, ба фикри мо, таваллуди кӯдакони зиёд дар оила манфиатовар нест. Руҳияи ҳозираи инсон ба куллӣ дигаргун гаштааст ва мутахассисони равоншинос таъкид мекунанд, ки дар оила аз як то ду-се фарзанд басанда аст. Ба фикри мо, шарт нест, ки инсон фарзанди зиёде дошта бошад, то ки дар пиронсолӣ онҳо ӯро ғамхорӣ кунанд, як фарзанди баодобу меҳнатдӯст бас аст, ки падару модари пиронсоли худро дар айёми пиронсолӣ нигоҳубин кунад. Ин гуфтаҳоро воқеаҳои солҳои охир тасдиқ мекунанд, вақте ки ҳафт-ҳашт фарзанд як модар ё як падари пиронсоли худро нигоҳубин карда наметавонанд ва волидайни онҳо хору зор гашта, аз бемориву гуруснагиҳо ин дунёро падруд мегӯянд, ё дар пиронсолӣ дар хонаҳои пиронсолон боқимонда ҳаёти худро паси сар мекунанд. Беҳуда нест, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала чандин маротиба дахл кардааст. Серфарзандӣ хуб аст, вале, вақте ки ин оила бофаҳм, донишманд ва оқил бошад, ки ҳамаи фарзандонро ба хубӣ тарбия диҳад ва барои ҷомеа шахси манфиатоварро ба камол расонад. Сарватмандон низ дар бисёр кишварҳои Ғарб аз серфарзандӣ даст мекашанд, онҳо ба он омил такя мекунанд, ки тарбияи ду-се фарзанди баномус кифоя аст. Пас чаро мо тоҷикон, ки аз нажоди ориёӣ ҳастем, ба ғарбиён дар ин роҳ такя накунем? Танзими оила, бунёди оилаи солим, ки дар он фарзандон таълиму тарбияи хуб мегиранду каме бошад ҳам ба нону либос эҳтиёҷ надоранд, яке аз вазифаҳои муҳими оилаи имрӯзаи тоҷик аст. Илова бар ин, дар оилаҳои серфарзанд, тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, кӯдакон бо серӣ нону либос намеёбанд, аз ҷиҳати равонию ҷисмонӣ начандон инкишоф ёфтаанд, ҳатто дар як оила фарзандони “дӯстдору нодаркор” вуҷуд доранд, як-ду нафари онҳо дар муассисаҳои олӣ таълим гирифта, боқимонда сарсону саргардонанд, баъзеи онҳо соҳиби хонаву дар гашта, дигарон дар хонаҳои иҷора ҳаёт ба сар мебаранд, ҳатто падару модар ҷое мешавад, ки фарзандони калониро соҳиби оила

мекунанд, вале фарзандони хурдиро, ки умрашон ба охир мерасад, оиладор карда наметавонанд ва онҳо муҳтоҷи бародару апаву холаву амак мегарданд, ки ин ба ҳама маълум аст, ба руҳияи онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Ду-се фарзанд доштан дар шароити ҳозира аз бисёр ҷиҳат манфиатовару басанда аст. Ҷавонон инро бояд ба хубӣ дарк кунанд ва ин қоидаҳоро риоя намоянд. Ин суханонро устод Г. Иброҳимов низ тасдиқ мекунад [55;с.222]. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки дар солҳои охир афзоиши босуръати насли инсонӣ диққати аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб намудааст. Суоле ба миён меояд, ки оилаи имрӯза бояд чанд кӯдак дошта бошад? Исбот шудааст, ки нисфи зиёди оилаҳои кишварҳои пешрафта ҳамагӣ соҳиби як фарзанданд ва ё ҳеҷ фарзанде ҳам надоранд. Алҳол шумораи он оилаҳое, ки 2-3 фарзанд доштанд, торафт маҳдуд гашта истодааст. *Беҳуда нест, ки ба саволи анкета-пурсишномаи мо “Шумо чанд фарзанд доштан мехоҳед?” қисми зиёди хонандагон 1-2 фарзанд ва то 3 фарзандро номбар карданд.*

Имкониятҳои иҷтимоиву иқтисодии оила ва ҷомеаи имрӯзаи тоҷик зиёданд. Боғчаву хонаҳои бачагона барои кӯдакони то синни мактабӣ, кӯдакистону таваллудхонаҳои замонавӣ, марказҳои тиббии бо хизматрасониҳои ройгон, эмгузарониҳои бепулу ройгон дар марказҳои тиббӣ, хизматрасониҳо аз ҷониби муассисаҳои байналмилалӣ, машварату маслиҳатдиҳӣ дар чунин муассисаҳо оид ба паҳлуҳои зиёди масъалаи оилаву оиладорӣ, ҳифзи саломатии модару кӯдак, ҳуқуқҳои модару кӯдак ва ғайра аз зумраи имкониятҳои иҷтимоиву иқтисодии оилаи имрӯзаи тоҷик дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба ҳисоб мераванд.

Мушоҳидаҳои мо нишон доданд, ки агар чӣ қисмати каме аз аҳолии Тоҷикистон (29,5%) камбизоат бошад ҳам, лекин бисёр аз оилаҳои имрӯзаи тоҷик имкониятҳои хуби иқтисодӣ доранд. Бисёре аз аъзоёни оилаҳо дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ кору фаъолият намуда, бо маоши доимӣ таъминанд. Қисмати дигари оилаҳо ба соҳибкории хурду

миёна машғуланд. Дар деҳоту минтақаҳо оилаҳо бо заминҳои президентӣ таъмин шудаанд, бисёре аз онҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ доранд ва масъалаи бо нону об таъмин кардани оилаҳои худро ҳаллу фасл намуданд. Илова бар ин, дар замони муосир имкониятҳои ба хориҷа сафар кардану дар кишварҳои пешрафта кору фаъолият намуда, ба хона пул равон кардан фароҳам аст. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар шароити ҳозираи оилаи тоҷик аз ҷиҳати иқтисодӣ имкониятҳои зиёд дорад. Иқтисодиёт дар ҳаёти ҳозира, таъмини оила аз ҷиҳати иқтисодӣ нақши калонро мебозад. Ба андешаи мо, дар оилае, ки як-ду нафар коргар аст ё ягон сарчашмаи даромад вуҷуд дорад, имкониятҳои таълиму тарбияи фарзандон дуруст ба роҳ монда мешавад. Кӯдакони чунин оилаҳо ба кӯчагардӣ машғул нашуда, аз доираи таълиму тарбия ҳам берун намебароянд. Давлату ҳукумати Тоҷикистон барои дастгирию пешравии соҳибкорӣ ва таъмини модарони танҳо бо қарзҳои дарозмуддат кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад [160;2015]. Беҳуда нест, ки имрӯз шумораи корхонаҳои хурду миёна, ки роҳбарии онҳоро занону духтарон ба уҳда гирифтаанд, ба 2220 адад расидааст. Имрӯз 126 ҳазор нафар занону духтарон ба соҳибкории инфиродӣ машғуланд. Танҳо дар соли 2014 бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳии ҷумҳурӣ ба занону духтарони соҳибкор қариб 2,5 миллион сомонӣ қарз додаанд. Ҳоло ба соҳибкорӣ машғул шудану худро ва фарзандони худро бо зиндагии шоиста таъмин намудан хеле ҳам осон шудааст. Вале мо то ҳозир пай мебарем, ки бисёриҳо танбалӣ карда, доимо аз он норозианд, ки бекор ҳастанду фарзандонашонро нигоҳубин карда наметавонанд ва ба корҳои ношоиста даст мезананд. Ба фикри мо, зиндагӣ дар ҳама ҷо якхел аст, хоҳ мо дар Русия ҳастем ё хоҳ дар Тоҷикистон. Агар инсон меҳнат кунаду кӯшиш ба харҷ диҳад, дар ҳама ҷо зиндагиаш хуб мешавад. Бо сару либос ва нону об, бо зиндагии шоиста таъмин намудани фарзандон ва ба онҳо таълиму тарбияи дуруст додан вазифаи аввалиндараҷаи падару модар ба ҳисоб меравад. *Масалан, ба саволи "Шумо оила ва*

*ҳамсариояндаи худро чӣ гуна тасаввур мекунед?” дар анкета-пурсишномаи қисми зиёди пурсидашудагон “Аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин” ҷавоб доданд.* Ин аст яке аз қойдаҳои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар шароити ҳозираи оилаи тоҷик. Хизмат ба фарзанду кӯдак хизмат ба Ватан аст, чуноне ки паёмбари ислом Муҳаммад (с) фармудааст: “Беҳтарин ва гаронбаҳотарин ҳадя аз ҷониби падару модар барои фарзандон ин аст, ки ононро чунин тарбия кунанд, ки дорои одобу ахлоқи хуб бошанд” [110].

Педагогикаи мардумии тоҷик ҳикмату таҷрибаи ҳазорсоларо дар бар мегирад. Шоиру нависандагон, олимону муҳаққиқони зиёд дар бораи асосҳои зиндагии оилавӣ, урфу одатҳо, муносибатҳои заношӯӣ, таълиму тарбияи фарзандон, омодагии фарзандон ба зиндагии мустақилонаи оилавӣ, таҷрибаи рӯзгори ҳаррӯза ва ғ. садҳо асару ҳикматҳои беназирро барои насли оянда аз худ боқӣ гузоштанд.

Педагогикаи мардумӣ ва оилавии тоҷик аз умқи асрҳо то имрӯз шоҳроҳҳои пурталотуми ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва демографиро паси сар намудааст. Бо гузашти қарнҳо он чандин пастиву баландиҳоро паси сар намуда, ба тағирот дучор шуда, бо худ он ҷиҳатҳои муҳиму асосиеро, ки зич бо мардум пайваста буданд, аз насл ба насл интиқол дода, то замони муосир оварда расонидааст.

Имкониятҳои таълимию педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик ҳамчун маҷмӯи захираҳои мавҷуда ҳам аз ҷиҳати объективӣ ва ҳам аз ҷиҳати субъективӣ баррасӣ карда мешавад, ки аз ҷониби волидон чӣ бошуурона ва чӣ зеҳнан амалӣ карда мешавад. Бо ишора ба мафҳуми «иқтидори таълимии оилаҳо» мо онро қайд карданием, ки чӣ тавр он ӯҳдадориҳои оилавӣ ва нерӯи худро барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, оилаи алоҳида сарф мекунад. Сарфи назар аз шумораи зиёди таҳқиқотҳои илмию сотсиологӣ, фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ мушкилоти иқтидору имкониятҳои педагогии оила то ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст [3,21;с.102]. Имкониятҳои таълимию педагогии оилаҳои

имрӯзаи тоҷик дар муҳтавои омилҳо ва ҷузъҳои асосии он ошкор карда мешавад. Имкониятҳои педагогии оила ба бисёр ҳолатҳои гуногун вобаста аст: вазъи иҷтимоию фарҳангии оила; шароит ва тарзи ҳаёти оилавӣ; таркиби оила; тарзи муносибат дар оила; муносибати кӯдакон; фазои маънавии умумӣ; самтҳои арзишҳои волидон; арзишҳои оила ва ғайра. Ин омилҳои фаъолияти ҳаёти оилавӣ ҷузъи муваффақиятнокии таълиму тарбия дар оила мебошанд. Иқтидору имкониятҳои педагогию таълимии оила ҳамчун маҷмӯи имкониятҳои таълиму тарбияи оилавӣ, ки бо омилҳои ҳаёти оилавӣ асоснок шудааст, аз маҷмӯи ҷузъҳо иборат аст. Дар асоси таҳлилу таҳқиқотҳои равоншиносию педагогии муосир оид ба мушкилоти дастгирии таълиму тарбияи оилавӣ, таркиби ҷузъҳои имкониятҳои таълимии оиларо метавон муайян кард, ки ба онҳо аз ҷумла ҷузъҳои таблиғотӣ, салоҳиятнокӣ, фаъолиятӣ ва эҳсосотӣ дохил карда мешаванд [31;с.96]. Самти таълиму тарбияи оилавӣ аз рӯи арзишҳое, ки аз ҷониби оила қабул шудааст, муайян карда мешавад. Арзишҳои асосӣ инсондӯстӣ, ахлоқу маънавиёт, зебоипарастӣ ва ғайра мебошанд. Ташаккули шахсияти кӯдак ва омодагии фарзандон дар оила ба ҳаёти оилавӣ, бавосита ё бевосита ба азхудкунии ин арзишҳо равона карда шудааст.

Олимон А.Г. Харчев, А.И. Антонова, В.М. Медков, Г.А. Карпова, Р.В. Овчарова ва дигарон, ки масъалаҳои гуногуни оила ва оиладориро омӯхтаанд, таъкид мекунанд, ки дар оилаҳои дорои сатҳи баланди имкониятҳои педагогию таълимӣ пурра эҳтиёҷотҳои иҷтимоию равонии ҳар як аъзои он қонеъ карда шудааст. Дар муносибатҳои оилавӣ ҳамдигарфаҳмӣ, сабки демократии муошират ва рафтор бартарӣ дорад, фазои фаъолияти мусбӣ ва маънавӣ, фарҳангӣ ва истироҳатӣ оқилона ҳукмфармост. Падару модар сатҳи хеле баланди фарҳанги педагогӣ доранд, онҳо низоми илми педагогиро хуб мефаҳманд ва медонанд, ки чӣ тавр онро дар амалияи таълиму тарбияи оила истифода баранд. Дар ҳолатҳои зарурӣ метавонанд аз институтҳои гуногуни иҷтимоӣ кӯмак

талаб кунанд. Дар оилаҳои камтаҷриба ва миёнаи педагогӣ, ки волидон барои қонеъ сохтани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва равонии хос ба кӯдакро кӯшиш ба харҷ медиҳанд, вале дар чунин оилаҳо кӯдак ҳис намекунад, ки волидони ӯ муҳаббат ба вай доранд ва дар ҳолатҳои душвори ҳаёт аз ҷониби онҳо дастгирӣ ва кӯмак хоҳад гирифт. Муносибатҳои мутақобилаи оила ба фаҳмиши мутақобилаи байни волидон вобаста аст, дар чунин оилаҳо аксар вақт ба кӯдак бо тарзи авторитарӣ муносибат мекунанд. Волидон сатҳи мӯътадили фарҳанги умумӣ доранд, аммо онҳо на ҳамеша таҷриба ва донишҳои худро дар амалияи таълиму тарбияи оила дуруст сарф мекунанд. Ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда чунин оилаҳо кӯшиш мекунанд, ки мушкилоти худро худашон ҳал кунанд [127;с.120]. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, сатҳи педагогию таълимии худи волидонро бояд баланд бардошт, то ки дар оила ҳамаи равандҳои таълиму тарбияи кӯдакон ва омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ босамар гузарад. *Беҳуда нест, ки ба саволи мо "Оё ҳаёти якҷоя гузаронидаистодаи волидайн ва наздикони оиладоратон ба Шумо писанд аст?" дар анкета-пурсишнома қисме аз пурсидашудагон(15%) "Писанд нест" ҷавоб доданд.*

Имкониятҳои педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик бою ғанӣ буда, барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавии мустақилона шароитҳои муносибро фароҳам меорад. Фарҳангу маънавиёти мардуми тоҷик, анъанаву урфу одатҳо, бахусус, анъанаҳои оиладорӣ паҳлуҳои зиёди мусбиро барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ фароҳам меоранд. Педагогикаи оилавии мардуми тоҷик ба фикру ақида, эҳсосот ва омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири зиёд мерасонад. Анъанаҳои мардумӣ, ба монанди ҳурмату иззати падару модар, аъзоёни калонсолони оила, фарзандон, хешу табор, ҳамсояҳо, меҳмонон ва меҳмоннавозӣ, корҳои хоҷагии якҷоя, эҳтиром ба меҳнат ва меҳнатдӯстӣ, ҳалли масъалаҳои оилавӣ дар якҷоягӣ, нақши бузурги падар дар хона, тамоюли серфарзандӣ, оростани маросим ҳангоми таваллуди фарзанди аввал, махсусан писар, муҳаббат ва ғамхорӣ ба фарзандон, дигар аъзоёни оила ва хусуру хушдоман.

Анъанаҳои оиладорӣ, ба монанди муносибати эҳтиёткорона ба ризқу рӯзӣ, ба олоту воситаҳои меҳнат, давом додани насл, зиндагии якҷоя бо ҳамаи аъзоёни оила, тарбияи ҳисси хешутаборӣ ва муносибатҳои хешутаборӣ, ёрӣ расонидан ба якдигар, иштирок дар тақдири якдигар, муносибатҳои оилавӣ ва заношӯӣ, ҳурмату иззати шавҳар ва хешовандони наздики ӯ, ғамхорӣ ҳангоми пиронсолии падару модар, зиндагии писари хурдӣ бо падару модар. Анъанаҳои оиладорӣ, ба монанди эҳтиром ба таҷрибаи зиндагии калонсолони оила, ба тавсияву ҳикматҳои онҳо, ёрӣ расонидан дар корҳои хоҷагидорӣ, риояи анъана ва урфу одатҳо, махсусан анъанаҳои динӣ, никоҳи мусулмонӣ ва ғайра аз зумраи он педагогикаи мардумии оилавии тоҷик аст, ки ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таъсири мусбӣ мерасонанд [137,106,183].

Ҳамаи ин анъана ва урфу одатҳои оилавии дар боло қайдшуда, ба фикри мо, як низому меъёрҳои омодагии педагогӣ ба ҳисоб рафта, ҷавонон онҳоро мушоҳида намуда, ба онҳо тақлид намуда, онҳоро аз худ карда, бо онҳо мусаллаҳ шуда, ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ қадам мемонанд. Берун аз ин анъана ва урфу одатҳои аҷдодӣ дигар оилаи навҷавони тоҷик чизи бегонаро ба худ гирифта наметавонад, берун аз он рафтору амал ва ҳаёти худро тасаввур карда наметавонад. Чунки онҳо тайи ҳазорсолаҳо, аз насл ба насл гузашта, таркиби ҷудонашавандаи ҳаёти мардуми тоҷик гаштаанд. Ин аст таъсири бузурги педагогии анъана ва урфу одатҳои оилавии мардуми тоҷик ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ. *Масалан, ба саволи "Оё Шумо дар зиндагии ояндаи оилавиатон ба анъанаҳои оиладории мардуми тоҷик такя мекунед?" дар анкета-пурсишнома қисми зиёди пурсидашудагон "Бале, такя мекунем" ҷавоб доданд.*

Дар оилаҳои тоҷик анъанаи шабнишиниҳо бо хондани шеъру суруд, бозӣ дар асбобҳои мусиқӣ, хониши оилавии китобҳои классикони форсу тоҷик дар бораи таҷрибаи рӯзгор, суҳбатҳои илмии падар бо фарзандон фаровон пахн гаштааст, ки аз зумраи педагогикаи мардумии оилаи тоҷик

буда, бисёр паҳлуҳои мусбат дорад ва ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мусоидат хоҳад кард.

Тарзи либоспӯшии модар, рафтору амалҳои ӯ, кирдору шишту хез, тарзи пухтани хӯрокҳои болаззат, пухтани нону кулча, муносибату муоширати ӯ бо хонавода, бо кӯдакон, бо шавҳар, бо хешовандон, бо ҳамсояҳо, бо духтарони худӣ, таълиму тарбияи ӯ ба духтарҳо, ғамхорӣ ва муҳаббат ба фарзандон, иштироки бевоситаи ӯ дар ҳаёти духтарҳо, иштироки ӯ дар ҷашну маросимҳои оилавӣ, тӯю маъракаҳо ва ғайра хислату сифатҳои мусбии модар бешубҳа ба омодагии духтарони хонавода ба ҳаёти оилавӣ, ба таълиму тарбияи онҳо, ташаккули сифатҳои мусбии онҳо таъсири бузурги педагогӣ мерасонад.

Рафтору амалҳои падар, кору фаъолиятҳои ҷамъиятии ӯ, обрӯю эътибори ӯ, тарзи либоспӯшии ӯ, муносибати ӯ ба писарон, ҷалби писарон ба корҳои хоҷагӣ, ба корҳои саҳроӣ, муносибати ӯ бо ҳамсояҳо, ба модари хонаву ба кӯдакони хурдӣ, ғамхорию таъмини хонавода бо ризқу рӯзӣ ва дигар сифатҳои мусбии падар ба омодагии писарон ба ҳаёти оилавии оянда, ба таълиму тарбияи дурусти онҳо, ба тарбияи меҳнатдӯстии онҳо, эҳтиром ба меҳнати дигарон, ба ҳамсояву хешовандон, ба тарбияи дӯстиву рафоқат, муҳаббату ғамхорӣ ба фарзандон, ба модару дигар аъзоёни оила таъсири калон мерасонад.

Иду маросимҳои давлатӣ, мардумӣ ва динӣ, ба монанди Иди Наврӯз, Иди Баҳор, Иди Сада, Иди Меҳргон, Соли Нави мелодӣ, Рӯзи Истиқлолият, Рӯзи Ваҳдат, идҳои Рамазону Қурбон, тӯи арӯсиву домодӣ, тӯйҳои суннатӣ, гуселкунӣ ба нафақа, ба артиши миллӣ, ҷашни зодрӯз, қадами аввалин ба мактаб ва ғайра аз зумраи имкониятҳои педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба ҳисоб меравабнд.

Аз ин лиҳоз, барои оомдагии ҷавонон дар шароитҳои иҷтимоию педагогии оила ба якчанд омилу қойдаҳо аҳамият додан зарур аст:

- омодагии рӯҳии ҷавонон бо мақсади сафарбар намудани писарону духтарон барои ҳаёти оилавии оянда, ҳамчун пешзамина барои рушди мутаносиби хислатҳои равонии шахсият: ташаккул додани хислатҳои зарурӣ барои зиндагӣ дар оила (тоқатпазирӣ, таҳаммулгарой, эҳтироми манфиатҳо, хоҳиш ва одатҳои дигарон); ташаккули малакаҳо барои дарки тафаккури одамони дигар;

- омодагии ҳуқуқӣ бо мақсади баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии ҷавонон барои бунёд ва ҳифзи оилаи оянда, тарбияи фарзандон, шиносоӣ бо асосҳои қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- шинос кардани оилаҳои ҷавон бо таҷрибаи зиндагии шахсиятҳои бузург ва оилаҳои намунавӣ;

- омода намудани ҷавонон ва навхонадорон аз ҷониби падару модар ба ҳаёти оилавӣ, таълиму тарбияи дуруст дар ин самт;

- омодагии педагогӣ, ки мазмуни онро бояд мусаллаҳкунонии падару модари оянда оид ба донишҳои асосӣ дар бораи таълиму тарбияи кӯдакон, махсусан дар оила, тарбияи малакаи муҳими нигоҳубини кӯдак ва тарбияи ӯ дар синни барвақтинаи пешазмактабӣ дар бар гирад;

- риояи урфу одат, анъана ва оинҳои миллии мардуми тоҷик аз тарафи навхонадорон дар раванди ҳаёти оилавӣ;

- донишомӯзии гигиенӣ ва ҷинсӣ, ки ҷузъҳои таркибии онро бояд иттилоот дар бораи сохтори анатомӣ ва ҷисмонии узвҳои мард ва зан, азхудкунии малакаҳои гигиенаи шахсӣ ва оилавӣ, инчунин шиносоӣ бо баъзе ҷиҳатҳои ҳаёти маҳрамонаро дар бар гирад;

- ба инобат гирифтани хоҳишу ниёзҳои духтар пеш аз хонадоршавӣ, аз ҷумла аз муоинаи тиббӣ гузаштани арӯсу домод бо мақсади муайян намудани бемориҳои рӯҳӣ, вирусӣ ва ғайра;

- ба инобат гирифтани синну соли навхонадоршавандагон, сурату сирати якдигар бо мақсади мувофиқ омадан ба якдигар то никоҳ;

- таълиму тарбияи ҷисмонӣ, ки дар он масъалаҳои мустаҳкам намудани саломатӣ ва бадани ҷавонон, мусоидат ба инкишофи дурусти ҷисмонӣ ва баланд бардоштани қобилиятнокии организм, омодасозӣ ба раванди душвор ва мураккаб вобаста ба таваллуд ва тарбияи фарзанд, зарурати фаъолияти якҷоя ҳам дар истеҳсолот ва ҳам иҷрои корҳои хонагӣ ба назар гирифта шаванд;

- додани муҳлат ба ҷавонон, ҳам ба духтар ва ҳам ба писар, то ба қарори дуруст қабул намудан барои издивоҷ;

- омодагии иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ, ки илова ба ташаккули хислатҳои меҳнатдӯстӣ, сарфакорӣ, тасдиқи қойдаҳои иштироки баробари ҳамсарон дар корҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ, инчунин азхудкунии малакаҳои гуногуни амалии лозима дар оила ва хоҷагидориро дар бар мегирад;

- омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ аз ҷиҳати таъмини онҳо бо шароитҳои моддиву маънавӣ аз ҷониби падару модар, муътадилсозии вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавию ахлоқии хонадоршавандагон, таъмин намудани оилаҳои ҷавон бо манзил, асбобу анҷоми рӯзгор;

- имконият додан ба ҷавонон барои интихоб намудани ҳамсари ояндаи худ, иҷозат додан ба ҷавонон барои интихоби ҳамсар бо муҳаббат, қатъиян манъ намудани урфу одатҳои куҳнаи маҷбурӣ оиладор кардани ҷавонон, манъи никоҳи хешутабории наздик;

- ҳаматарафа омода будани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва пешбурди он, қобилияти ҷавонон ҷиҳати ба дунё овардани кӯдакон, тарбия намудан ва ба воя расонидани фарзандон, дараҷаи дарки ҳисси масъулият ба оилаю оиладорӣ;

- кӯмак расонидан ба оилаҳои камбизоат ва онҳое, ки оиладор шуда наметавонанд аз ҷониби давлату ҳукумат, шахсони сарватманд, дастгирии доимии онҳо;

- зери назорати доимӣ гирифтани оилаҳои навтаъсисёфта аз ҷониби падару модар, муассисаҳои махсуси оиладорӣ, ҳифзу нигоҳубини кӯдак, таъсиси муассисаҳои махсуси маслиҳатдиҳӣ барои ҷавонон, омода намудани ҷавонон аз давраи мактабӣ, ворид намудани дарсҳои махсус бахшида ба оила ва оиладорӣ ба барномаи таълим.

## 2.2. Ҳамкории падару модарон ва фарзандон дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ

Бояд зикр кард, ки ҳамкории падару модар ва фарзандон дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ аҳамияти хоса дорад. Маълум аст, ки фарзандон маҳз дар оила ташаккул меёбанд ва сифату малакаҳои лозимаро аз худ мекунанд. Инсон дар тӯли ҳаёташ бо дигар одамон бо ин ва ё он тарз ҳамеша дар робита мебошад. Барои кӯдак робитаи аввалин ва аз ҳама муҳим ин алоқа бо падару модар ва аъзоёни хонавода мебошад. Азбаски яке аз хислатҳои кӯдак ин тақлидкорӣ аст, ӯ тамоми рафтору амал, хислату сифатҳои аҳли хонаводаро аз худ мекунад ва ё тақлид мекунад. Аз ин ҷост, ки бисёре аз фарзандони як хонавода бо хислату гуфтору рафторашон ба якдигар монанданд. Гап дар сари он аст, ки кӯдак чигуна сифату хислатҳоро аз худ мекунад? Оё ин хислату сифатҳо мусбӣ ва барои ҷомеа манфиатоваранд? Барои ҳамин, рафтору кирдор, амалу сифатҳои аҳли хонавода ва махсусан падару модар дар оила бояд намунавӣ, мусбат ва шоистаи тақлид бошанд.

Ҳар як кӯдак баъди ба ин дунё омаданаш худро дар оғӯши одамон, ҷамъияти мавҷуда ва табиату муҳити зисташ мебинад. Ӯ зери парастории онҳо ба воя расида, бо таъсири гирду атроф хислату сифатҳояш ташаккул ёфта, арзишҳои умумибашариро аз худ мекунад. Ӯ доимо ба худ савол мегузорад ва ба онҳо ҷавоб меҷӯяд, ки чӣ гуна ӯ бояд зист, чӣ кор бояд кард ва чӣ амалро набояд кард, то ин ки зиндагиаш хушбахтона гузарад. Аввалин устодони ҳаётии ӯ албатта, падару модар мебошанд.

Падару модар барои кӯдак ҳама чизанд, муқаддасанд ва бемислу монанданд. Ӯ аввалин мактаби ҳаётӣ, рафтору амал, сухану гуфтор ва дигар паҳлуҳои ҳаётиро аз падару модараш меомӯзад. Олимони илми педагогика ва равоншиносӣ ба он ақидаанд, ки он чизе ки кӯдак маҳз дар айёми зиндагии оилавиаш аз худ мекунад, то охири умраш бо ӯ боқӣ мемонад ва хело ҳам мушкил мешавад, ки онҳоро дигар кард [158;с.273].

Албатта, падару модар шахсони таҷрибадоранд, онҳо ҳеҷ гоҳ ба фарзанд бадӣ намехоҳанд ва доимо орзӯ мекунанд, ки фарзандашон хушбахт ва солиму бардам ба воя расад. Онҳо доимо ғамхории худро барои амалӣ шудани ин ниятҳояшон нишон медиҳанд, тухфаҳо мекунанд, ба тамошою сайёҳат, ба кинову осорхонаҳо мебаранд, либосҳои шинам мехаранд, хӯрокҳои боллазат мепазанд. Падару модар пуштибони асосии фарзандонанд. Кӯдак инро ба хубӣ ҳис мекунад ва ба ҳама гуфтаҳои онҳо такя мекунад. Таҳқиқотҳои равоншиносон аз он шаҳодат медиҳанд, ки падару модар асосан мехоҳанд фарзандони худро хоксор, хушмуомила, боақл, босавод, меҳнатдӯст, ҳақиқатҷӯ, мулоим, хушҳол, бақувват, солим, баҳодур, ҷонфидои Ватан, саховатманд ва ғайра бинанд ва тарбия диҳанд ва на баръакс. Муҳит ва фазои психологӣ, ҳусни тафоҳум, дараҷаи самимияти дӯстдорӣ, меҳру муҳаббат, дараҷаи маърифатнокӣ, дараҷаи донишҳои педагогии падару модар, дараҷаи мувофиқоии хислату мақсадҳои падару модар ба якдигар ва бо фарзандон, вазъи моддии рӯзғор, шарту шароитҳои истиқоматӣ, муносибат бо фарзандон аз ҷониби падару модар, чигунагии муносибатҳо бо хешу таборон, наздикон, ҳамсояҳо ва бегонагон дар ҷомеа, дурустӣ ва адолатнокии тақсимоти меҳнати рӯзғордорӣ ва вазифаҳо, вазифаҳои таълиму тарбияи фарзандон, дараҷаи ғамхорӣ, муҳаббат ба фарзандон, обрӯю эътибори падару модар, мақоми онҳо дар ҷомеа, шакли педагогии тарбия (авторитарӣ ва ё демократӣ) ва дигар ҷанбаву омилҳо [8,13,16], ба фикри мо ба ташаккулёбию инкишофи

фарзандон, ба азхудкунии сифату хислатҳо, малакаву донишҳо ва ба омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ таъсири бузург мерасонад.

Дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ пеш аз ҳама, муҳит ва фазои рӯҳии ором шарти асосии пешрафти оилаҳо ба ҳисоб меравад. Дар чунин оилаҳо, ки вазъияти хонавода аксаран доимо орому босубот аст, рушд ва ташаккулёбии кӯдакон дуруст ба роҳ монда мешавад, вазифаҳо адолатнок тақсим мешаванд, муносибат ба якдигар дӯстона ба роҳ монда мешавад, дар оила иттифоқӣ, муҳаббат ривоҷу равнақ меёбад, шодию хурсандӣ зиёд мешавад ва ғайра. Кӯдакон дар чунин вазъият солиму бардам ба воя мерасанд, онҳо муносибати бо муҳаббати падару модарро дар худ ҳис мекунанд ва ба раванди зиндагӣ ҳамроҳ мешаванд. Чунин кӯдакон худро аъзои оила ҳис мекунанд, дар онҳо ҳисси масъулиятнокӣ пайдо мешавад, онҳо озодона фикру андешаҳои худро баён мекунанд, маслиҳатҳо медиҳанд, пешниҳодҳо пешкаш мекунанд, меҳнатдӯст мешаванд, корҳои хоҷагидориро бо хурсандӣ анҷом медиҳанд, аксаран онҳо дар мактаб бо баҳои аъло мехонанд ва аз ҳама кӯдакони фаъоланд. Чӣ тавре, ки дар урфият мегӯянд «Муҳаббати беғараз аз ҳама доруву дармонҳо давои беҳтарин аст!». Чунин фарзандон низ дар оянда, аз рӯи мушоҳидаҳо оилаҳои солиму давомдорро месозанд. Албатта, оиладорӣ кори осон нест. Дар ҳаёти оилавӣ дар баробари шодиву хурсандӣ, ғаму ташвиш, ноомодии кор, носозӣ ва рӯҳафтодагӣ инчунин ба назар мерасад. Лекин, такя ба оромиву фазои тинҷу якдигарфаҳмӣ дар оила ҳамаи ин носозиҳоро бартараф намуда, мушкилотҳоро паси сар мекунад. *Масалан, ба саволи мо дар анкета-пурсишнома "Агар шумо фардо оиладор шавед, дар ҳаёти шахсии худ бо гуфти падару модар рафтор мекунед?" 25% хонандагон ҷавоб доданд, ки не.* Пас, фазои оилавии онҳо барои онҳо мувофиқ нест.

Баръакси ин, дар оилаҳое, ки ваҳдату тифоқ, самимият, иззату эҳтироми байниҳамдигарӣ, муҳаббату вафодорӣ ба назар намерасад, аз

ҷиҳати педагогӣ ва равонӣ ин оила дер боз давом намекунад, ва ё агар боқӣ ҳам монад, он ба фарзандон таъсири бади манфӣ мерасонад. Чунин кӯдакон бетарбия, гапгардон, носолим, беақл ва бадбахтанд. Онҳоояндаи хубро тасаввур карда ҳам наметавонанд. Чунки онҳо мактаби асосии ҳаёт, - оиларо нодуруст тай карданд, ва аз он танҳо сифатҳои бадро омӯхтанд. Чунин кӯдакон дар мактабу куча ҳам бемуваффақиятанд. Онҳо доимо зери шиканҷаву нафрат қарор доранд. Бо онҳо бисёре аз кӯдакон бозӣ намекунанд, бо онҳо дигарон якфикр нестанд, бо онҳо оилаҳои дигар зиндагӣ барпо намесозанд ва ғайра. Таҷрибаи педагогии таълиму тарбияи фарзандонро надошта, чунин падару модарон фазои ноороми ғайритарбиявиро дар оила месозанд. Онҳо доимо дар фикри худанд, худпарастанд, золиму бераҳманд, майнушу нашъамандананд ва худашон ҳам пай намебаранд, ки барои чӣ ва бо чӣ мақсад дар ин дунё фарзанд оварданд ва чӣ гуна ва барои чӣ ӯро бояд таълиму тарбия дод. Ғайр аз ҳақорату дашном, доду фиғон дар чунин оилаҳо дигар чизе муқаддас вуҷуд надорад. Кӯдаки бечора, ки ба ин дунё барои роҳату навозиш омадааст, худро дар оташи дузах ҳис карда, дилу ақидаҳои тозаи ӯ, мафкураи ӯ тира гашта, аз зулму торикӣ пурра мегардад. Ӯ аллакай аз хурдӣ бо роҳи нодуруст сафарбар мешавад ваояндаи худро ӯ тасаввур карда ҳам наметавонад, ки чигуна мешавад. Дар чунин оилаҳо китобхониву шеъру сурудхонӣ вуҷуд надорад, дар чунин оилаҳо аз оне, ки кӯдак дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ чӣ гуна мехонад, касе ҳам парво надорад, боре ҳам аз ӯ намепурсанд, ки ту имрӯз баҳои чанд гирифтӣ?, агар худаш ҳам бо хурсандӣ назди волидайнаш гӯяд, ки ман имрӯз баҳои аъло гирифтам ва ё ман ба чунин муваффаққият ноил гаштам!, касе ба ӯ аҳамият ҳам намедиҳад ва ӯ чунин фикр мекунад, ки ин начандон кори муҳим аст ва дар оянда дигар кушиши аъло хондан намекунад. Фазои равонӣ, муҳити дурусти педагогӣ дар оила, дар таълиму тарбияи фарзандон нақши бориз дорад ва агар он нодуруст ба роҳ монда шавад, чунин оила на мустаҳкам ва на давомдор ва на дар он

шахсияте ба камол расида наметавонад. Чунин кӯдакон оилаи солим ва оямдаи хубро барпо карда наметавонанд. Дар ин маврид ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон нодуруст ба роҳ монда шудааст. *Беҳуда нест, ки ба саволи мо «Оилаи намунавӣ ба фикри Шумо чӣ гуна аст?» дар анкета-пурсишнома ба хонандагон, барои муайян намудани омодагии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ, 18% хонандагон ҷавоби «Оилае, ки дар он якдигарфаҳмӣ, сулҳу субот ва оромӣ ҳукмфармост»-ро додаанд, ки гуфтаҳои болои моро тасдиқ мекунанд.*

Рафтору кирдор ва хулқу атвори падару модар дар мавриди пойдорию мустаҳкамии оила ва оиладорӣ, пешрафти рӯзғори он, дар кори таълиму тарбияи фарзандон нақши муҳими равонию педагогӣ дорад. Аз ин лиҳоз, диққат додан ба худ, ба рафтору кирдори худ, ба сухану муошират худ дар оила яке аз вазифаҳо ва масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. «Барои ҳар як саҳву хатои майда чуйда, таъкид мекунад А.С. Макаренко, барои норасию камбудии рӯзғор, гапу ғайбати дигарон аҳамият надода, насанҷидаву надониста хурдагирӣ набояд кард, якдигарро сарзанишу айбдор накарда, сабурию таҳаммулро пеша карда, беҳтараш муҳити равонии хонаро бояд орому осуда кард ва ба ин доимо бояд кушиш кард» [97;с.351].

Дар таълиму тарбияи фарзандон, дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ, дар ташаккулёбии сифату малакаҳои муфид дар кӯдакон, дар алоқаи мутақобилаи дурусти падару модар ва фарзандон обрӯю эътибор, намуна ва ибрати шахсии падару модар нақши босазову бузург дорад. Чӣ тавре, ки файласуфи қадими Рим Сенека мегӯяд: «Барои муваффақ шудан ба ахлоқи нек бо пандомӯзӣ мушкилоте вуҷуд дорад, бо намуна – осонтар аз ин» [148;с.543]. Падару модар оинаест, ки фарзандон акси худро дар симои онҳо мебинанд. Ҷаҳонбинии онҳо, рафтору кирдор, зиндагии онҳо, муносибати онҳо ба ҳар як падида, мақому мартабаи онҳо дар ҷамъият, вазифаву кору фаъолияти онҳо ба фарзандон таъсири бузурги тарбиявӣ мерасонад.

Бе ягон шаку шубҳа гуфтан мумкин аст, ки агар падару модар шахси бонуфузу баобруянд, нишонаҳои таъсири он ба фарзандон боқӣ мемонанд. Агар падару модар хоҳанд, ки фарзанди солиму бардам ба воя расонанд, ба ӯ ояндаи нек бисозанд, дар ӯ камбудиҳо набинанд ва аз ӯ наноланд, аввалан, онҳо худашон бояд намунаи ибрат бошанд, шоистаи тақлид бошанд. Писарам, «ба занги телефон ҷавоб бигӯ, ки ман дар хона нестам», кӯдакро маҷбур месозад, ки дурӯғ гуяд, модар худаш дурӯғ гуфта, намунаи ибрат шуда наметавонад. Агар шумо аз кӯдакон талаб мекунед, ки онҳо бо баҳои аълову хуб хонанд, рафтори шоиста кунанд, бо ҳамсояҳо хушмуомила бошанд, масъулиятнок бошанд ва ғайра, аввал, шумо худатон бояд намуна бошед, масъулиятнок бошед, бо ҳамсояҳо хушмуомила бошед, дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок кунед, ва он гоҳ шумо метавонед ба натиҷаҳои назаррас ноил шавед. Агар шумо хоҳед, ки фарзандони худро ояндаи нек бисозед, онҳоро оиладор кунед, онҳоро ба ҳаёти оилавӣ омода кунед, шумо худатон аввал оилаи хуб бисозед, шумо худатонро дар оила ҳамчун намуна нишон диҳед, хушиву бартарияти оиладориро нишон диҳед ва он гоҳ аз ин ҳарф бизанед. Албатта, падару модар ин падидаро роҳбарӣ карда ва барои он дар назди ҷомеа ва дар зиндагии фарзандони худ ҷавобгӯ ҳастанд. «Агар падару модар одилона ва ба таври самаранок амал кунанд, агар ҳадафҳои онҳо зебо ва муҳим бошанд, агар онҳо худашон ҳамеша пурра ба корҳои худ ҷавобгӯйянд, ин маънои онро дорад, ки зарурияте лозим нест, ки чизе сунъӣ онҳо ба вуҷуд биоранд» [31;с.96]. Омодагии мақсадноки ҷавонон ба ҳаёт, ба меҳнат ва фаъолияти ҷамъиятӣ аз омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ ҷудонашаванда аст, роҳ ба сӯи ҳаёти мустақилона аз оила сар шуда, боз ба он оварда мерасонад.

Азбаски кӯдаки наврас бештари вақти хешро дар муҳити оила, дар ҳалқаи падару модар ва дигар аъзои оила мегузаронад, ӯ бештар аз тарзи муоширату муносибати онҳо ибрат мегирад. Ба ин хотир падару

модар ва дигар аъзои оиларо лозим ва зарур аст, ки дар муоширату муносибат ба ҳамдигарӣ ва низ бо кӯдак муҳаббату самимият, эътимоду боварӣ, иззату эҳтиром, дилсӯзию ғамхорӣ, ҳамдардӣ, кӯмаки беғаразона, ҳамдигарфаҳмӣ, хушгуфторӣ, сабру таҳаммул, эътирофи шахсият ва амсоли инҳо барин хислатҳои ҳамидаи инсониро зоҳир намоянд ва барои фарзандон намунаи ибрат гарданд. Дар муносибатҳои байнишахсӣ, ки барои дар оянда барпо намудани оилаи солим ва пойдории он нақши муҳиму бориз мебозад, маҳз падар ва модар дар ҳаёти ҳар як кӯдак (писарбача ва духтарча) намунаҳои аввалини рафтори мардона ва занона мебошанд. Дар оила вобаста ба хусусиятҳои фардӣ дар ташаккулёбии фарзандон ҳамчун шахсият ба яке падар, ба дигаре бошад бештар модар таъсир мерасонад. Бо вуҷуди ин меҳру муҳаббат ва таъсиррасонии падару модарро ба фарзандони ҷинси мардона ва занона муқобил гузоштан лозим нест, зеро, ки онҳо баробарвазнии зарурии муассир (эмотсионалӣ) ва бамулоҳиза, меҳрубононаю навозишкорона ва сахтгирона, озод ва маҳдудро ба вуҷуд оварда, якдигариро пурра месозанд.

Барои омодагии ҷавонон ва фарзандон ба ҳаёти оилавӣ муносибати шахсии оилавии падару модар ба якдигар нақши муҳим мебозад. Ҳар як оила дар асоси муҳаббат бунёд мегардад. Дар оила падару модар аввалан бояд бо якдигар муносибати хубу самимона, муоширати ширину гуворо, бо маслиҳату якдигарфаҳм ва аз ҳама бо якдигар бояд дӯстони наздик бошанд. Ин яке аз принсипҳои асосии омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мебошад. Бигузор ҷавонон аз рӯи муҳаббат, дӯстдорӣ ва ишқ оила барпо намоянд. Духтарон оилаи ояндаи худро аз модар, ва писарон аз падар меомӯзанд, ва чигуна онҳо бо ҳамсарони ояндаи худ муоширату муносибат мекунанд, аз рафтору муносибати падару модари худ меомӯзанд. Онҳо чӣ хислату сифат, малакаву донишеро, ки аз волидайни худ омӯхтаанд, бо боварии комил дар ҳаёти шахсии худ истифода мебаранд [1,109,26]. Гап сари он аст, ки ин сифату хислатҳо чигунаанд? Маълум аст, ки пойдории ҳар як оила

асосан аз муносибати падару модар ба якдигар вобаста аст. Ва ин дар баъзе ҳолатҳо аз сарвату дорой ҳам бартарӣ дорад. Маълуманд оилаҳое, ки сарватманд ҳастанду, лекин ҷудоишавӣ дар онҳо низ мушоҳида мешавад. Ба фикри мо, чунин омилҳо, ба монанди якдигарфаҳмӣ, сатҳи муҳаббату дӯстии падару модар, ҳамфикрӣ, ҳамкорӣ, фаҳмишу ҷаҳонбинӣ, талаботу манфиатҳои мувофиқ ба оилаи худ, сулҳу салоҳ, рафтору кирдор, тақсимоти дурусти вазифаҳои хоҷагидории оилавӣ, нақши падар ва ё модар дар оила ва ғайра ба омодагии фарзандон ба ҳаёти оилавӣ таъсири бузург мерасонанд.

Ҷадвали №6

**Рӯйхати сифату хислатҳои мусбиву манфии падару модар дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ**

| № | Хислату сифатҳои мусбат | Хислату сифатҳои манфӣ |
|---|---|---|
| 1 | Якдигарфаҳмии падару модар. | Муносибати дағалонаи байни падару модар. |
| 2 | Сатҳи муҳаббату дӯстии байни падару модар. | Вуҷуд надоштани дӯстию муҳаббат байни падару модар. |
| 3 | Ҳамфикрӣ, ҳамкорӣ дар амалу рафтори якдигарии падару модар. | Вуҷуд надоштани ҳамфикрӣ, ҳамкорӣ байни падару модар дар ҳаёти ҳаррӯза. |
| 4 | Талаботу манфиатҳои мувофиқ ба аъзоёни оилаи худ. | Талаботу манфиатҳои барзиёду ғайриинсонӣ ба аъзоёни оилаи худ, вуҷуд надоштани талаботи ягона. |
| 5 | Сулҳу субот, тинҷиву оромӣ дар оила, сифатҳои инсондӯстонаи падару модар ба фарзандон. | Дар оила мавҷуд надоштани сулҳу тинҷиву оромӣ, сифатҳои бераҳмонаи падару модар нисбат ба фарзандон. |
| 6 | Усулҳои демократии тарбия дар оила, эътирофи сухани кӯдак дар хона, ғамхорӣ ба фарзандон. | Усулҳои авторитарии (манфӣ) тарбия дар оила, пос надоштани фикру андешаҳои кӯдак дар оила, бетарафии нисбӣ ба кӯдак дар оила. |
| 7 | Таъмини иқтисодии оила, фарзандон, | Таъмин накардани оила аз ҷониби |

| | | |
|---|---|---|
| | ороиши хона бо ашёҳо, кору фаъолияти мусбати падару модар дар оила. Муҳайё намудани шароит ва имкониятҳои муносиби дарстайёркунии кӯдакон. | падару модар, мушкилиҳои кӯдак дар мактаб ва таъмин накардани ӯ бо ашёҳои мактабӣ, мизи дарстайёркунӣ, бо лавозимоти зарурии хоҷагӣ, ҷои кор надоштани падару модар ва ғ. |

Дар илми педагогика оид ба муносибатҳои байни падару модар бахусус, дар муносибатҳои неки байни онҳо даст кашидан аз усулҳои авторитарӣ ва ё фармонфармоӣ дар оила нақши бориз дорад. Мусаллам аст, ки ҳар як узви оила, зан ё фарзандон дар ин ё он масъала фикру ақидаи шахсиро доранд ва ба инобат нагирифтани фикру ақидаи онҳо, ва ҳамеша ҳукми худро дар оила пойдор гузоштан ин вайрон кардани тартибу одоби оиладорӣ аст. Падар, ки сарвари оила аст, дар ҳама ҳолатҳои мухталифи фикру ақидаҳои аъзоёни оила бояд бо маслиҳат роҳҳои беҳтарини ҳалли мушкилотро ёбад. Дар ин ҳолат обрӯйю эътибори падар, ҳамчун сарвари оила поймол ва ё коста намегардад, баръакс, эҳтироми аҳли оила нисбат ба ӯ афзуну зиёд мегардад. Агар падар бо дуғу пӯписа дар хона ҳарф занад ва аъзоёни оиларо бо ҳукми раднопазир кор фармояд, байни ӯ ва аҳли оила дилсардӣ пайдо мешавад. Дар ин ҳолат ҳурмату иззат дар хона аз байн рафтанаш мумкин аст, ва нисбат ба падар дар оила тарсу ваҳм пайдо мешавад. Ин ба аз ҳамдигар дур гаштани одамони наздик меорад. Дар ин хел оилаҳо зану фарзандон бечунучаро, амри падарро иҷро карда, фармонбардорӣ вайянд, лекин дар байни онҳо самимият, ҳамдигарфаҳмӣ, меҳрубонию дилсӯзӣ вуҷуд надорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таҳқири доимии аъзои оила ба ҷудоӣ меорад ва зану фарзандон аз чунин падар дурӣ меҷӯянд, азоби руҳӣ мекашанд ва хушбахт нестанд. Чунин рафтори падар, тарзи авторитарии таълиму тарбия, ба одобу ахлоқи фарзандон таъсири бад мерасонад ва шояд, барои омодагии онҳо ба ҳаёти оилавии оянда зиёне расонад. *Масалан, ба саволи “Кадом хислатҳои падару модаратон ба*

*Шумо писанданд?” бештари пурсидашудагон (75%) ҷавоби “Меҳру муҳаббат, самимият ва ғамхории падару модар”-ро додаанд.* Баъд аз мустақил шудан фарзандон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тезтар худ алоҳида зиндагӣ кунанд. Чунин фарзандон падару модарро дер-дер хабар гирифта, байни онҳо риштаҳои муҳаббату хешутаборӣ канда мешавад. Чунин падару модарон аз он шикоят доранд, ки фарзандони онҳо онҳоро дер хабар мегиранду бемеҳранд, ба аёдати онҳо дер-дер меоянд, бо онҳо муомилаи хуб надоранд ва ғайра, ҳол он ки онҳо худашон бехабаранд, ки онҳо фарзандонашонро нодуруст тарбия додаанд, дар муносибат ва ҳамкории байни онҳо ва фарзандонашон ба хатои бузурге роҳ додаанд, худашон бо амалу рафторҳои нодуросташон фарзандонашонро аз худ дур карданд. Чуноне ки шоири форсу тоҷик Носири Хусрав фармудааст:

*Ба нармӣ гар сухан ронӣ, ҳамерон,*

*Ки аз тезӣ ба ранҷ ояд дилу ҷон* [123;с.47].

Дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ муносибатҳои дуҷонибаи падару модар ва фарзандон дар масъалаҳои хоҷагидорӣ, тақсимоти меҳнат ва вазифаҳо нақши бориз дорад. Маълум аст, ки ҳар як оила аз ҷинсҳои мухталиф иборат аст: зану шавҳар, писару духтар, арӯсу домод, бобою бибӣ ва ҳар яки аз онҳо хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва биологии хоси мардона ва ё занона доранд. Дар бисёр ҳолатҳо тақсимоти меҳнат ва вазифаҳову уҳдадориҳои оилавӣ вобаста ба ҳамин хусусиятҳо тақсим карда мешаванд. Ҷинси латиф вазифаҳо ва уҳдадориҳои анъанавии занона – рӯбучини хона, тозагии хона, шустушӯйи либос ва дигар анҷомҳои хона, пухтупази хурок ва нон, тарбияи тифлону кӯдакон ва ғайра; ҷинси мардона – корҳои вазнин, бозорӣ кардан, хариду фурӯш, меҳнати ҷисмонӣ дар саҳро ва сохтмон, фаъолияти ҷамъиятӣ, таъмини хона бо асбобу анҷомҳои хонагӣ, бо хуроку сару либос, ҳифзи хонавода ва ғайраро ба уҳда мегиранд. Ба фикри мо, чунин тақсимоти меҳнат ва вазифаҳо дар оила дар омодагии ояндаи ҷавонон ба ҳаёти оилавии

хоҷагидорӣ-маишӣ таъсири мусбат мерасонад, чунки онҳо аллакай медонанд, ки вазифаи мард ва вазифаи зан дар оила чӣ аст, ва ҳар яки он ба чӣ бояд машғул шавад. *Масалан, ба саволи «Оё дар оилаи Шумо тақсимоти корҳои хоҷагӣ дуруст гузошта шудаанд?» бештари хонандагон ҷавоби «Ҳа, дуруст гузошта шудаанд» додаанд. 55% духтарон мехоҳанд дар оилаи ояндаи худ бо корҳои хоҷагӣ  сару кор дошта бошанд, 35% дигар тарафдори онанд, ки корҳои хоҷагӣ дар оила бояд баробар тақсим карда бошанд.*

Дар оила ва бахусус падару модар бояд дар тарбияи оилавии фарзандон сар карда аз овони хурдсолӣ ба масъалаи тақсими меҳнат дар хоҷагии рӯзгору хонавода аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Албатта, ҳолатҳое мешаванд, ки баръакси кор писарон ба корҳои занона ва духтарон бо корҳои мардона машғул мешаванд. Вале равоншиносон муайян карданд, ки ҳар як ҷинс бояд бо кори хоси худ машғул бошад. Нодуруст аст вақте, ки писарон либос шӯянд, бо рубучини хона машғул шаванд, ё хӯрок тайёр кунанд. Дар ҳолатҳои махсус ин мумкин аст, вале чунин амалу рафтори доимӣ дар писарон хислатҳои занона пайдо хоҳад кард. Бисёранд мардҳое, ки дар ҷомеа кору фаъолият мекунанд, вале рафтору гуфтору амалҳои онҳо ба занон монанданд. Сабабҳо зиёданд, ки барои чӣ чунин мардҳо хислатҳои занона бар худ замм карданд: дар хонавода як писару якчанд духтар ва бе падар ба воя расидани ин писар, ва таҷриба надоштани модар оид ба тарбияи педагогӣ; доро будани сифату хислатҳои занонаи худи падар, ки дар натиҷа як ё ду писараш монанди зан мегарданд; тарбияи нодурусту эркакунонии писарон, ғамхории беҳудаву зиёдатӣ, ҳифзу парасторӣ, ҷудоикунонии писар аз ҷомеа, аз мардҳо, аз падар, нақши бартаридоштаи зан дар оила; бо корҳои занонаи хонагӣ-хоҷагидорӣ машғул кунондани писарон ва андак каме сифату хислатҳои занонаи модарзодии писар ва ғайра. Маълум аст, ки ин бечора писарон ва ҷавонон дар оянда оилаҳои солим бунёд карда наметавонанд ва хандаи одамон мегарданд. Бисёриҳо ба он ақидаанд, ки

гуё чунин мардҳо худашон гунаҳкоранд, вале мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин ҳолат чунин нест. Ба фикри мо, дар тарбияи нодурусти онҳо оила, падару модар, муҳит таъсири бузург расонидааст. Аз ин рӯ, ба омодагии ҷавонон ва таълиму тарбияи онҳо диққати ҷиддӣ бояд дод. Ин ҳолат низ ба духтарон дахл дорад. Дар ҷомеа бисёре аз занҳо ва ё духтарҳо маълуманд, ки сифату хислатҳои мардона доранд. Албатта, баъзе аз хислатҳои мардона барои занон паҳлуҳои мусбӣ доранд, вале аз ҳад зиёд ба мардон монанд будани занҳо онҳоро аз мардоне, ки оила мехоҳанд барпо намоянд дур месозад ва чунин занҳо аксаран оилаи солим барпо карда наметавонанд ва дар давоми ҳаёт танҳо боқӣ мемонанд ва аз лаҳзаҳои хушбахтии ҳаёт воқиф мемонанд. Умуман, тарбияи меҳнатӣ ва хоҷагидории ҷавонон барои ҳаёти оилавии оянда ҷиҳатҳои зиёди мусбӣ мерасонад. Ҷавонон харҷу сарфи оила, раванди иқтисодии оиладорӣ, ҷобаҷогузории анҷому асбоби рӯзғор, меҳнатдӯстӣ ва ба меҳнат машғул шудан, касбу ҳунар аз худ кардан, неъматҳои моддиро ҷамъ кардан, танбал набудан, аз гуруснагӣ ва ночорӣ худро ҳифз намудан, маърифати рӯзгордориро аз худ кардан ва ғайраро аз худ карда, ба ҳаёти оилавии оянда омода мешаванд.

Дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон бо касбу ҳунар омӯзонидани фарзандон аҳамияти калон дорад. Чуноне ки Унсурулмаолии Кайковус гуфтааст: “Пас, бояд ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар, фарзандро биёмӯзӣ, то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ, ки аз ҳаводиси олам эмин натавон буд ва тавонист донист, ки бар сари мардумон чӣ гузарад. Ҳар ҳунаре фазл рӯзе ба кор ояд, пас, дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан” [65;с.192]. Мо ба ақидаҳое, ки олимон ва равоншиносон оид ба касбу ҳунар омӯзондани фарзандон пешниҳод кардаанд, дастгирӣ менамоем, ки агар падару модар ҳар ҳунаре дошта бошанд бояд онҳоро ба фарзандонашон низ омӯзонанд. Ҳунарҳои ба монанди гулдӯзӣ, тӯппидӯзӣ, либосдӯзӣ, пухтупази

хӯрокҳои гуногун, тозаю ороста нигоҳ доштани хона, деҳқонӣ ва заминдорӣ, боғбонӣ ва нигоҳубини чорвои хонагӣ, тармими асбобу анҷомҳои хонагӣ ва ғайра ҳунарҳои мардумии оилавӣ барои ҷавонон дар зиндагии ояндаи оилавӣ кӯмаку мусоидат мекунанд. Падару модар вазифадоранд, ки ҳамеша оид ба азхудкунии касбу ҳунарҳои гуногун бо фарзандон суҳбатҳо гузаронанд ва кушиш намоянд, ки онҳо ин ҳунарҳоро аз худ кунанд [72,99,113]. Таълим додану таълим гирифтани фарзандон дар муассисаҳои олӣ, литсею колеҷҳо, ба хотири аз худ намудани касбу ҳунарҳои гуногун ва таъмини чунин шароитҳо ба онҳо аз ҷониби падару модар яке аз вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон дар омода намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ ин омодагӣ ва сатҳи маърифати педагогии падару модар ва фарзандон, дар умум дар оила ба ҳисоб меравад. Олимон дар он ақидаанд, ки донишу малака, маҳорату истеъдоди педагогии падару модар ба таълиму тарбия, донишандӯзии фарзандон ва омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ таъсири калон мерасонад. Падару модари бесавод бо боварии комил метавон гуфт, ки фарзандони солим, хушбахту босавод ва соҳиби оиларо тарбия карда наметавонанд. Ин падидаҳо дар ҷомеа зиёданд ва далел овардан дар инҷо шарт нест. Оиди ин масъала асару навишатҷотҳо хело ҳам зиёданд ва олимон доимо аз омодагии педагогии падару модар хотиррасон мекунанд. Ба фикри мо, падару модар вазифадоранд, ки ба фарзандон оид ба масъалаҳои оила ва оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, қоидаҳои муошират, рафтору кирдор, муносибат бо дигар одамон, масъалаҳои рӯзгордорӣ, тартибу интизом дар оила, вазифаҳои иҷтимоии марду зан, ҳам аз рӯи қонун ва ҳам дин, итоати зан ва фарзандон ба сарвари оила, нақши модару падар дар оила, қоидаҳои нигоҳубини тифли навзод, қоидаҳои тарбияи кӯдакон, муқаддас будани оила дар ҷомеа ва назди Худо, тартибу қоидаҳои меҳмоннавозӣ ва меҳмондорӣ, ҳурмату иззати падару модар, дигар калонсолони оила,

хусуру хушдоман, муносибат бо дигар хешу таборон, риоя намудани анъанаҳои миллӣ дар раванди бунёд кардани оила ва ғайра масъалаҳои муҳими оиладориро бояд таълим диҳанд, омӯзонанд ва доимӣ суҳбатҳо гузаронанд. Албатта, дар ин ҳолат сатҳи дараҷаи донишу малака, сатҳи педагогии падару модар нақши бузург дорад. Гарчанде оила ин гурӯҳи хурди ҷамъиятӣ бошад ҳам, бар зиммаи он вазифаҳои муҳиму азими иҷтимоӣ гузошта шудааст. Беҳуда нест, ки оиларо донишкадаи бузург ва асосии таълиму тарбия меноманд [157,164,173]. Падару модар илова бар ин, вазифадоранд, ки дар фарзандон тарбияи ҷисмонӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, зебоипарастӣ, маънавию ахлоқӣ, динию мазҳабӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, эҳтиромгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, урфу одату анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашаҳрӣ, илмдӯстӣ, ҷаҳонбинӣ, саховатмандӣ, таҳаммулпазирӣ, тоқатфарсоӣ, ҷиддӣ будан, далерӣ ва шуҷоъ будан ва ғайраро тарбия диҳанд ва ташаккул диҳанд. Зиндагӣ ин маҷмуи каму бешиҳост ва он роҳи пурпечу тоб ва ноҳамворе дораду мушкилпай ва фақат он нафароне онро нисбатан осонтар пай менамоянд ва ба қуллаи мақсуд мерасанд, ки хислатҳои номбаршударо моликанд. Пеш аз ҳама падару модар ва баъдан дигар аъзои оила бо ибрати шахсӣ бояд нишон диҳанд, ки дар ҳолатҳои мушкили зиндагию рӯзгор наҳаросида, баръакс бо сабру таҳаммул ва кӯмаки ҳамдигарӣ, бо дастгирию ёрмандии ҳамдигарӣ, бо якдигарро фаҳмидан ва бо гузашткуниву бахшоишҳо чӣ тавр метавон муҳити оиларо аз ҷиҳати равонӣ ва маънавӣ солим гардонид ва  зиндагиро хушбахтона ва орому осоиштаву босамар гузаронид.

Ҷавдвали № 7

**Хислату сифатҳои зарурӣ, ки дар фарзандон барои омодагии оилавии ояндаи онҳо тарбия дода мешаванд (замм карда мешаванд)**

| Иҷтимоӣ | Шахсӣ |
|---|---|
| Ватандӯстӣ | Инсондӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, садоқат ба ҳар як гӯшаву канори |

| | |
|---|---|
| | он. |
| Меҳнатдӯстӣ | Таҳҳамулгароӣ, шавқу завқ ба меҳнат. |
| Соҳиби касбу ҳунар будан. | Раҳмдилӣ, кӯшишу ғайрат. |
| Фаъолнокӣ | Саховатмандӣ, ташаббускорӣ, пешқадамӣ. |
| Эҳтиромгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, урфу одату анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашаҳрӣ. | Ҷавонмардӣ, далерӣ ва шуҷоъ будан. Меҳру муҳаббат ва дӯст доштани муқаддасоти миллӣ. |
| Илмдӯстӣ | Тоқатфарсоӣ, сабру таҳаммул. |
| | Ҷиддӣ будан |
| | Тарбияи зеҳнӣ, зебоипарастӣ, маънавию ахлоқӣ. |
| Эҳтиром ба муқадассоти оилавӣ | Эҳтиром ба падару модар, ба калонсолон ва тифлон, ба анъанаҳо, суннатҳо ва расму оинҳои оилавӣ. |

Маълум аст, ки агар дар муҳити оилаи волидайн ба фарзандон муқаддас будани издивоҷу никоҳ ва оила аз хурдӣ талқин гардад ва он бо ибрати шахсии падару модар, бобову бибӣ ва дигар аъзои оиладори хонавода амалан нишон дода шавад, фарзандон ин арзишҳоро дарк ва қадр карда, дар оянда оилаи солим метавонанд бунёд созанд. Мусаллам аст, ки донистани қадри дигарон аз қадру қимат ва мақоми хешро дар оила ва дар ҷомеа донистану шинохтан манша мегирад. Никоҳ суннат аст. Агар падару модар суннатҳои оиладориро ба фарзандон фаҳмонанд, аз хурдсолӣ то ба синни оиладорӣ расидан онҳо аллакай омода мешаванд. Мо шоҳиди бисёре аз никоҳҳои шариатӣ будем, ки муллои никоҳгар дар муддати кӯтоҳ хутбаи никоҳро хонда, навхонадоронро

зану шавҳар эълон мекунад ва ҷавонон бошад, аз хутбаи никоҳ чизеро нафаҳмидаанд. Ҳол он, ки мулло вазифадор аст, ки ҳар як калима, нуқтаи никоҳро ба арусу домод фаҳмонад, шарҳу эзоҳ диҳад. Ба фикри мо, дар муҳити оила ба фарзандон омӯзонидан ва талқини ин гуна хислатҳо аз ҷониби падару модар ва дигар аъзоёни калонсоли оила дар кори муҳими ба зиндагии оилавӣ омода намудани наврасону ҷавонон муфид ва самаровар хоҳад буд. Зеро шахсе, ки худшинос нест ва иззати худро, қадри меҳнат ва мақому манзалати хешро  намедонад, ба ҳеҷ ваҷҳ ба қадри иззату эҳтироми дигарон, ба шахсияти дигарон арҷгузорӣ карда наметавонад. Ба андешаи мо, дар замони ҳозира бинобар ба як қатор сабабҳои объективию субъективӣ дар ҷомеа миёни одамон, бахусус ҷавонон, як навъ сардшавии меҳру муҳаббат ва сангдилӣ нисбат ба якдигар эҳсос мешавад, ҳангоми ба зиндагии оилавӣ, ба ҳаёти ҳамсарӣ омода намудани насли наврасу ҷавон масъалаи аз рӯйи ишқу муҳаббат ва дӯстдорию писандидагӣ ташкил кардани оиларо дар мадди аввал бояд гузошт. Албатта, агар ин ишқу муҳаббату дӯстдорӣ на сохтаю ғаразнок ва бо мақсади ҳосил намудани манфиати шахсӣ, балки самимию ҳаққонӣ бошад. *Ба саволи “Оё Шумо дар оянда бо меҳру муҳаббат мехоҳед оила барпо намоед?” дар анкета-пурсишномаи мо ба хонандагон, 35% хонандагон ҷавоби “Ҳа, бо меҳру муҳаббат” додаанд.* Миллати тоҷик мақоли хубу арзишмаъное дорад, ки «Хишти аввал гарниҳад меъмор кaҷ, то ба охир меравад девор кaҷ». Ин ҳикмати ниёгони мо ҳушдор аз он медиҳад, ки дар кори тарбияи фарзандон ва насли наврас ҳанӯз аз лаҳзаҳои аввалини ба тарбияи кӯдак даст задан бибояд, ки дар оила падару модар ва дигар аъзои он масъулияти баланд эҳсос намоянд ва ҳамеша бар он кӯшанд, то ин ки дар ягон самту ҷанбаҳои тарбия ва омода намудани насли наврасу ҷавон ба ҳаёти оилавӣ - ичтимоӣ, маънавӣ-эстетикӣ, ҳуқуқӣ, рӯҳӣ, физиологӣ-гигиенӣ, хоҷагӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ба ҷузъитарин, ба хурдтарин саҳву хато роҳ надиҳанд. Бинобар ин омилҳо, аз омода набудан ба ҳаёти

оилавӣ вайроншавии оилаҳо, афзудани талоқ дар тамоми ҷумҳурӣ ба назар мерасад.

Дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон омили муҳим ин интихоби фарзандон ҳамсариояндаи худ мебошад. Дар аксари оилаҳои имрӯзаи тоҷик барои фарзандон домод ва ё арӯсро бе розигӣ ва майлу хоҳиши фарзанд падару модар ва ё хешовандон интихоб мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо падару модар масъулияти калонро бар дӯши худ мегиранд ва боварӣ доранд, ки онҳо барои фарзандашон ҳамсари хуб интихоб карданд. Интихоби зан ва ё шавҳар барои фарзанд кори хело мушкилу мураккаб ба ҳисоб меравад, чунки тақдириояндаи вай ҳалл шуда истодааст. Дар ин кор саросемагии падару модар ва ё фарзанд метавонад ба хатогӣ оварад. Дар интихоби ҳамсари оянда падару модар бояд хоҳишу майли фарзанд, ҷиҳатҳои равонию ҷисмонии ӯро, синну сол, имкониятҳои иҷтимоӣ ва касбу ҳунари ӯро ба инобат гиранд. Албатта, дар бисёр ҳолатҳо интихоби падару модар натиҷаҳои дуруст медиҳад, вале ба инобат гирифтани хоҳиши фарзанд басо зарур аст. Мо ба он андешаем, ки бисёре аз оилаҳои бе хоҳиши фарзандон бунёдёфта то ба охир намерасанд ва ё хушбахт нестанд ва падару модарашонро ва ё хешони наздикашонро дар ин гунаҳкор меҳисобанд. Мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст, ки духтарони 17-18 соларо ба шахсони калонсол ба шавҳар медиҳанд ва ё ҷавононро барои сарвату мол шуда ба духтарони аз ҷиҳати ҷисмонӣ носолим хонадор мекунанд ва ё барои вайрон нашудану малол накардани хешу таборон фарзандонро, ки хешутабории наздик доранд, хонадор мекунанд ва оқибатҳои нохуши онро мо ҳама хуб медонем. Аз ин рӯ, падару модар ҳатман бояд бо фарзандони худ дар бобати оиладоршавии онҳо маслиҳат кунанд, мабодо худи онҳо шояд шахси дилхоҳ ва ё дӯстдошта дошта бошанд, ба фарзандон муҳлате ҷудо кунанд, то ки онҳо интихоби дуруст кунанд ва бо одобу ахлоқ, рафтору амал, касбу ҳунари ҳамсариояндаи худ шинос шаванд. *Масалан, ба*

*саволи мо “Шумо ҳамсари ояндаи худро чигуна интихоб мекунед?” дар анкета-пурсишнома, бисёре аз ҷавонон чунин ҷавоб доданд: “Бо хоҳиши худам” (40%).*

Яке аз шарту шароитҳои муносиб ва зурур дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон ба андешаи мо, ин таъмини иқтисодии аҳли хонавода, таъмини шароитҳои моддиву иҷтимоӣ, таъмини шароитҳои хуби зиндагӣ, сару либоси шинам, хӯроку таомҳои боллазат, таъмини хушҳоливу сайругашти аҳли хонавода, таъмини асбобу анҷомҳои лозимии хонавода, таъмини алоқаву телевизион ва асбобҳои мусиқишунавӣ, ҳавасмандкунии фарзандон барои рафтору амалҳои шоиста, барои бо баҳои хубу аъло хонаданашон, таъмини асбобу лавозимотҳои мактабӣ, навовариҳои техникӣ, компютер ва интернет, ташкили иду шабҳои хурсандӣ, тухфаҳо дар рӯзи таваллуд ва идҳо ва ғайра мебошад. Шароитҳои хуби зиндагӣ, таъмини ҳаматарафаи оила барои солиму бардам ба воя расидани фарзандон мусоидат карда, дар омодагии онҳо ба ҳаёти оилавии оянда замина мегузорад. Фарзанди дар шароитҳои хуби иқтисодии оилавӣ ба воя расида, агар кӣ ӯ дуруст таълиму тарбия ёфта бошад, аз ҷиҳати равонӣ, физиологӣ, ҷисмонӣ, ақлонӣ ва ғайра дуруст ташаккул ёфтааст. Чунин фарзандон аз бисёр ҷиҳат аллакай ба ҳаёти оилавӣ омода мешаванд. Ороиши дурусти хона бо асбобу анҷомҳои лозима шакли эстетикии хонаро зебо гардонида, дар фарзандон сифатҳои маънавию эстетикиро пайдо мекунад. Тамошои саривақтии филму барномаҳои таълимӣ бо аҳли хонавода ва танзими он барои фарзандон ва кӯдакон хушҳолӣ, хурсандӣ ва кайфияти равониро пайдо мекунад. Агар ҳавливу хона тозаву ороста, дару тирезаҳо покиза, ҷиҳози рӯзғор – мизу курсиҳо, телевизору магнитофон, палосу қолинҳо, рафу ҷевонҳо бо тартиб ҷобаҷо карда шуда бошанд, табъи аъзоёну сокинони он оиларо болида намуда, фарзандони солимро тарбия медиҳад. Хонаву ҳавлиро доимо озодаву покиза нигоҳ доштан, дар зарурӣ асбобу анҷомҳои хонаро ба нав иваз

кардан, мувофиқи ранг ва намудашон аз нав ҷобаҷо гузоштан, асбобҳои рушноидиҳиро бо хона мувофиқ кунонидан, барои баланд бардоштани завқу рағбати эстетикии тамоми аъзоёни оила, махсусан ҷавонон аҳамияти бузурги педагогӣ дорад. Ин тарзи зиндагӣ ибратомӯз буда, дар хона духтарони ба воя расида намунаи ибрат шуда метавонанд ва вақте, ки онҳо ба шавҳар мебароянд, аллакай ба ҳаёти оилавӣ омода шудаанд. Ба ин кор ҷалб намудани ҷавонон аз манфиат низ холӣ нест. Ақидаву фикру фарзандонро дар таъмини шароитҳои оилавӣ ва хона ба назар гирифтан, мувофиқи табъу хоҳиши онҳо ба онҳо либосу асбобҳои мактабӣ харидан, мувофиқи хоҳиши онҳо хонаи хоби онҳоро оростан, хурокҳои бомазза пӯхтан, ба сайру тамошо бурдан низ аз манфиат холӣ нест. Чуноне ки дар урфият мегӯянд: “Мо барои фарзандон зиндагӣ ба сар мебарем!”. *Масалан, ба саволи мо дар анкета-пурсишнома “Ба фикри Шумо устувории оила дар чист?” бештари пурсидашудагон ҷавоби “Дар таъмини иқтисодии оила” додаанд.*

Бисёре аз падару модаронро номбар кардан мумкин аст, ки бо ҷойи кору фаъолият таъминанд, маоши хуб мегиранд, вале аҳли хонаводаашро пурра аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин карда наметавонанд. Онҳо ба майнушиву ишқварзӣ, ба қиморзанию ошнобозӣ машғул шуда, аз фарзандон ва оилаи худ фаромуш мекунанд. Онҳо такя ба оне, ки “зиндагӣ як маротиба насиб мегардад” ва ё “аз фарзандон фоидае нест” карда, даст ба амалу корҳои ношоиста мезананд. Ҳоло он ки таъмини пурраи иқтисодии аҳли хонавода, таълиму тарбияи фарзандон ин вазифаи аввалиндараҷаи онҳо ҳам дар назди аҳли хонавода, ҳам дар назди давлату Ҳукумат, ва ҳам дар назди Худо мебошад [87;м.7,8]. Куҷост он мардиву номуси марди тоҷик? Аксари падару модаронро мушоҳида кардан мумкин аст, ки фарзандонашон ба бисёр чизҳои зиндагӣ, сумкаю китобҳои хуб, либосу пояфзоли хуб, телевизору компютер, бо хуроку таомҳои босиффат эҳтиёҷ доранд. Вале падару модаронашон доимо ба хароҷотҳои нолозима машғуланд, онҳо хароҷоти

калон карда ё ба айёдати касе мераванд, ё ба туйю тамошо мераванд, ба хешовандонашон ёриву кӯмаки пулӣ медиҳанд ва ё барои таъмини хоҳишҳои шахсии худ машғуланд. Албатта, кӯмак намудан ба касе хуб аст, вале дар урфият мегӯянд: “Аввал ба хеш, баъд ба дарвеш”. Ба андешаи мо, аввал бояд фарзандони худамонро бо шароитҳои хуби зиндагӣ таъмин кунему, баъд ба қонеъ кардани хоҳишҳои худ машғул шавем. Зиндагӣ чархи фалак аст, чӣ амалеро иҷро мекунӣ, онро дар ҷавоб мебинӣ! Оё шумо фарзанди солим тарбия мекунед, оё шумо фардо аз ин фарзандон чизе талаб карда метавонед, оё шумо барои фарзандонатонояндаи хуб месозед? Ин ва дигар саволҳо ҷавобҳои мушаххасро интизоранд.

Ба андешаи мо, таъмини иқтисодии оила, таъмини фарзандон бо шароитҳои хуби зиндагӣ ин азояндаи хуби фарзандон ҳарф мезанад. Чунин кӯдакон ҳангоми бунёди оилаи худ низ аз ин анъанаҳое, ки дар оилаи худашон дида буданд, истифода мебаранд. Онҳо фарзандони худро бо шароитҳои хуби зиндагӣ таъмин мекунанд, онҳо фарзандонашонро таълиму тарбияи хуб медиҳанд, ба онҳо касбу ҳунарҳои лозима меомӯзонанд, ҷомеаиояндаи солимро месозанд. Фарзандонояндаи мо мебошанд ва чӣ гунае, ки мо онҳоро имрӯз тарбия медиҳем, фардо онҳо фарзандони худашонро, наслиояндаро чунин таълиму тарбия медиҳанд. Дар чунин кӯдакон хислату сифатҳои мардонагӣ, далерӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, саховатмандӣ, тарбияи эстетикӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ, зебоипарастӣ пайдо мешаванд, онҳо донишу малакаҳои хуб, касбу ҳунарҳои гуногунро аз худ мекунанд, фарзандониояндаи худро таълиму тарбияи дуруст медиҳанд ва ҳеҷ гоҳ аз падару модари худ норозигӣ нишон намедиҳанд.

Бояд гуфт, ки дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар ҳамкории дуҷонибаи падару модар ва фарзандон масъулиятнокӣ, ҷавобгӯйии фарзандон низ аз аҳамият холӣ нест. Падару модар, кӣ ба таълиму тарбияи фарзандон машғуланд, онҳоро бо тамоми шароитҳои

хуби зиндагӣ таъмин мекунанд, ба онҳо касбу ҳунарҳо меомӯзанд, вазифаҳо ва уҳдадориҳои худро иҷро мекунанд, фарзандон низ ба тамоми амалу рафторҳои волидайни худ бояд ҷавобгӯй бошанд, яъне онҳо низ уҳдадоранд, ки серталаб, ҷиддӣ, дар кӯшиши донишомӯзӣ, азхудкунии касбу ҳунарҳо бошанд, дар ҳама корҳои хоҷагидории оиладорӣ саҳми худро гузоранд, ба бекорагардиву кӯчагардӣ, ҷӯрабозӣ машғул нашаванд, ба майнушиву нашъамандӣ машғул нашуда, аз итоати падару модари худ берун набароянд. Падару модар, хешу ақрабо, дигар калонсолони оиларо ҳурмату иззат намоянд, ба кӯдакони хурдии оила кӯмак кунанд, духтарон ба модарон дар тамоми корҳои хоҷагидорӣ, дар либосшӯӣ, дар пухтани хӯроку таомҳо, дар тоза нигоҳ доштани хона саҳми худро гузоранд, ёрӣ расонанд, аз кӯчаву ҷӯраю дугонаҳои худ танҳо сифатҳои хубу солимро ба худ гиранд, ба хона урфу одатҳои бегонаро ворид накунанд, доимо маслиҳату машварату ҳикматҳои падару модари худро гуш диҳанд. Аз таҷрибаи зинадгии онҳо баҳра баранд, он таҷрибаҳоро аз худ кунанд ва ба андешаи мо, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо баҳои хубу аъло хонанд, худро доимо тозаву ороста нигоҳ доранд, ба фиребгарӣ, дуздӣ даст назананд, қадри падару модар, муаллиму ҳамсинф, ҳамсояву хешу табор, бобою бибиашнро донанд, урфу одатҳои миллии тоҷикиро риоя намоянд. Ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои ҷангҷуёнаи бегона даст назананд, бо онҳо ҳамроҳ нашаванд, дарсҳои иловагӣ гиранд, забонҳои хориҷӣ омӯзанд, либосу пойяфзол, асбобу анҷомҳои лозимаи худро доимо тозаву ороста нигоҳ доранд, сари вақт тармим кунанд, китобу маҷаллаҳо зиёд хонанд, ба хароҷотҳои калон машғул набошанд. Аз падару модар ғайр аз чизи зарурии лозима, зиёдатиро талаб накунанд, барои худ реҷаи рӯз тартиб диҳанд, вақтро ғанимат шуморанд, онро беҳуда нагузаронанд, накӯкорӣ, саховатмандӣ, инсонгарой, инсондӯстӣ, доной, зиракӣ, далерӣ, мардонагӣ, меҳнатдӯстиро биёмӯзанд, одилу тавоно бошанд, ба варзиш машғул бошанд, дар корҳои ҷамъиятӣ доимо фаъолона иштирок кунанд.

Таърихи ватану миллати худро донанд, ҷаҳонбинии худро васеъ кунанд, дар худ сифатҳои бадро нест карда, сифатҳои хуби мусбиро ташаккул диҳанд, доимо ба худтакмилдиҳӣ, худомӯзӣ машғул бошанд ва ғайра. Танҳо он вақте ки ин амалҳо иҷро шаванд, метавон оиди ояндаи хуби фарзандон ва натиҷаи самараноки меҳнати падару модарон сухан ронд. Мо ҳамеша бояд бо падару модари худ накурафтору хушмуомила, мушфиқу меҳрубон, ҳалиму қадрдон бошем, то он ки дар зиндагӣ соҳиби обрӯю эътибор ва баракати рӯзгор насиб гардем. Ба қавли мутафаккир Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: "Накӯӣ ба падару модар фозилтар аз намоз ва рӯза, ва ҳаҷи умра аст. Ризои падар бузургтарин дари биҳишт аст. Агар биҳишт мехоҳӣ, ин дарро муҳофизат намо" [112;с.54].

## 2.3. Ҷамъбасти корҳои озмоишию таҳқиқотӣ оид ба муайян намудани дараҷаи омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ

Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ яке аз қисматҳои муҳими тамоми раванди таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Чи тавре ки педагоги бузурги рус В.А. Сухомлинский баён кардааст, - тарбия намудани модар ва падари хуб ин ҳалли нисфи вазифаҳои мактабӣ ба ҳисоб меравад. Таҷриба ва таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар руҳияи анъанаҳои мардумии оилавии тоҷик ба сифати пешрафти корҳои педагогӣ мусоидат мекунад. Дар ин қисмати рисолаи илмӣ вазифаи асосии мо ин муайян намудани дараҷаи фаҳмиши хонандагони синфҳои болоӣ дар бораи ҳаёти оилавӣ ва бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷиши шароитҳои педагогии татбиқи анъанаҳои мардумии оилавӣ дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мебошад.

Кори таҷрибавӣ-озмоиширо мо дар се давра ба анҷом расондем: давраи I - муайянкунанда, давраи II - ташаккулдиҳанда, давраи III - таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотӣ.

**Мақсад ва вазифаҳои** асосии корҳои озмоишӣ-таҳқиқотии мо иборат буд аз:

- муайян намудани дараҷаи омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ;

- санҷиши фарзияи илмии мо оид ба омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ;

- муайян намудани сатҳи фаҳмиши хонандагони синфҳои болоӣ дар бораи анъанаҳои мардумӣ оид ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ;

- санҷиши шароитҳои педагогии татбиқи анъанаҳои мардумӣ дар омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ.

Ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ-эксперименталӣ мо аз усулҳои педагогӣ-равонӣ, озмоишӣ-таҷрибавӣ, таҳқиқотӣ-математикӣ, мушоҳида, анктета-саволнома, усули ҷумлаи давомдор ва ғайра истифода бурдем. Дар рафти кори таҳқиқотӣ-эксперименталӣ тамоми мақсад ва вазифаҳо ҳалл карда шуда, ба якдигар пайваст карда шудаанд.

Ба сифати объекти озмоиши эксперименталӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 1, 5, 8-и ш. Кӯлоб (135 хонанда), №№ 2, 20, 54- н. Ҳамадонӣ (179 хонанда) (синфҳои назоратӣ), МТМУ № 8 ва гимназияи “Боғи Ҳабиб”-и н. Муъминобод (82 хонанда) (синфҳои озмоишӣ) интихоб карда шудаанд. Дар таҳқиқоти озмоишӣ-эксперменталии мо зиёда аз 396 хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11) ҷалб карда шудаанд.

Мо, ба хонандагон пай дар пай анкета-саволномаҳоро[7] пешниҳод намуда, дараҷаи омодагии онҳоро ба ҳаёти оилавӣ ва сатҳи фаҳмиши онҳоро дар бораи анъанаҳои мардумии тоҷик оид ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ муайян намудем.

Дар оғози тадқиқот бо мақсади муайян кардани мушкилотҳои маъмулӣ, ки дар татбиқи анъанаҳои мардумии оилавӣ дар корҳои таълиму тарбияи насли наврас ва омода кардани хонандагони синфҳои

---

[7] Намунаҳои анкета-саволномаҳо дар замиммаҳо оварда шудаанд.

болоӣ барои ҳаёти оилавӣ пурсиши омӯзгорони муассисаҳои миёна гузаронида шуд.

Пурсишҳои мо ба муаллимон аз чунин саволҳо иборат буданд:

1. Шумо аз кадом методҳои таълимӣ истифода мебаред?

2. Оё Шумо дар бораи анъанаҳои оиладории мардумӣ оид ба омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ хабардор ҳастед?

3. Ғайр аз китоби дарсӣ Шумо аз кадом маводҳо истифода мебаред?

4. Шумо ба таълими ҳамин фанни дарсӣ (Маърифати оиладорӣ) чӣ дархостҳо доред?

Ҷавобҳои муаллимон нишон дод, ки асосан онҳо аз методҳои анъанавии таълим истифода мебаранд 80%; оид ба анъанаҳои оиладории омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ каму беш хабардоранд 20%, ё дар куҷое шунидаанд 30%, медонанд вале оид ба мафҳуми он чизе хабардор нестанд 35%; асосан дар рафти таълим аз китоби дарсӣ истифода мебаранд 80%; каму беш мехоҳанд дар маводҳо тағйиротҳо дароранд 58%. Маълум гашт, ки дар муассисаҳои таълимӣ дар соатҳои беруназсинфӣ корҳо барои ҷалб намудани хонандагон ба фарҳанги маънавӣ ва моддии мардумӣ: ҷашни идҳои миллӣ, озмунҳои фестивали мусиқии халқӣ, намоишҳои маҳсулотҳои мардумӣ, ярмаркаҳо, мусобиқаҳои варзишии миллӣ ва ғайра ташкил карда мешаванд. Мутаассифона, фаъолияти муаллимон танҳо барои фаъолнокии донишҳо, малака ва қобилиятҳои хонандагон бе инкишоф додани фикрҳои эҷодӣ, фаҳмиши арзишҳои анъанавии оила ва никоҳ маҳдуд аст. Ҷавобҳо нишон медиҳанд, ки муаллимон зарурати омодасозии хонандагони муассисаҳои миёнаро барои ҳаёти оилавӣ дар асоси педагогикаи халқӣ ва анъанаҳои оиладории омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мефаҳманд, гарчанде ки онҳо мундариҷа, шакл ва усулҳои ин корро равшан намефаҳманд.

Пурсиши пешакӣ ва суҳбатҳо бо хонандагон нишон дод, ки онҳо асосан бо мушкилотҳои муносибатҳои ҷинсӣ, роҳҳои таъсиси

муносибатҳои ҳамгиро бо дӯстон, дугонаҳо ва волидайн рӯ ба рӯ мешаванд. Муайян шуд, ки дар баробари мушкилотҳои дар боло зикршудаи хонандагон, онҳо ба масъалаҳои ҳаёти оилавииояндаи худ низ аҳамият дода, мехоҳанд, ки дар ин соҳаҳои муносибатҳои инсонӣ донишҳоро пайдо кунанд. ("Чаро бисёре аз издивоҷҳо шикаст мехӯранд?", "Дар интихоби ҳамсар чӣ тавр ба хатогиҳо роҳ дода нашавад?", "Чӣ гуна муносибатҳои хубро бо хушдоман дар оянда таъсис додан лозим аст?", "Чӣ гуна оиларо нигоҳ дошт?", "Барои чӣ никоҳҳо пештар пурқувват ва дуру дароз буданд?", "Дар кадом синну сол бояд оиларо ташкил дод?", "Чӣ тавр ба дигар кас писанд омад?" ва ғайра).

Бояд қайд кард, ки саволҳо оид ба ҳаётиояндаи оилавӣ ҳам писарон ва ҳам духтаронро ҷалб мекард. Шояд аз он сабаб бошад, ки яке аз самтҳои арзишнокии онҳо ин оиладорӣ ва ишқу муҳаббат бошад? Ин ва дигар саволҳоро мо дар шакли анкета - пурсишнома ба хонандагон пешниҳод намудем.

Дар ҷадвалҳои 1 ва 2 синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ, инчунин сатҳи фаҳмиши хонандагони ин синфҳо оид ба омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ, ки барои гузарондани озмоиши мо муҳиманд, пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали № 9.** Рӯйхати синфҳои озмоишӣ ва сатҳи ниҳоии омодагии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ.

| № | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (муассисаҳои таълимӣ) | Синфҳои озмоишӣ, ки дар таҳқиқот иштирок намуданд | Микдори хонандагон дар як синф | Сатҳи фаҳмиш ва омодагии хонандагон барои ҳаёти оилавӣ бо % |
|---|---|---|---|---|
| 1. | МТМУ №8-и н. Муъминобод | Синфи X | 25 | 33 |
| 2. | МТМУ №8-и н. | Синфи XI | 22 | 35 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Муъминобод | | | |
| 3. | Гимназияи “Боғи Ҳабиб”-и н. Муъминобод | Синфи X | 20 | 34 |
| 4. | Гимназияи “Боғи Ҳабиб”-и н. Муъминобод | Синфи XI | 15 | 37 |
| | **Аҳамияти миёна:** | | | **35,8** |

**Ҷадвали 10.** Рӯйхати муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки дар кори озмоишӣ дар доираи татбиқи вазифаҳои таҳқиқоти хулосашаванда иштирок намуданд (синфҳои назоратӣ).

| **№** | **Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (муассисаҳои таълимӣ)** | **Синфҳои назоратӣ, ки дар таҳқиқот иштирок намуданд** | **Миқдори хонандагон дар як синф** | **Сатҳи фаҳмиш ва омодагии хонандагон барои ҳаёти оилавӣ бо %** |
|---|---|---|---|---|
| 1. | МТМУ №2-и н. Ҳамадонӣ | Синфҳои X-XI | 31 | 37 |
| 2. | МТМУ №20-и н. Ҳамадонӣ | Синфҳои X-XI | 28 | 33 |
| 3. | МТМУ №54-и н. Ҳамадонӣ | Синфҳои X-XI | 30 | 31 |
| 4. | МТМУ №1-и ш.Кӯлоб | Синфҳои X-XI | 29 | 28 |
| 5. | МТМУ №5-и ш.Кӯлоб | Синфҳои X-XI | 33 | 26 |
| 6. | МТМУ №8-и ш. | Синфҳои X-XI | 31 | 36 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Кӯлоб | | | |
| | **Аҳамияти миёна:** | | | **33,7** |

Дар натиҷаи гузарондани даври якуми кори озмоишӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқоти хулосашаванда муайян гардид, ки сатҳи фаҳмиш ва омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ҳатто ба 50% баробар нашуд. Аҳамияти миёнаи он дар синфҳои назоратӣ **33,7%** ва дар синфҳои озмоишӣ **35,8%** буд.

Ба саволи "**Оё Шумо ба ҳаёти оилавии шахсӣ омода ҳастед?"** 30% писарон ва 38% духтарон ҷавоб додаанд, ки "Ҳа омодаам"; 45% писарон ва 42% духтарон ҷавоб додаанд, ки "Не, омода нестам"; 25% писарон ва 13% духтарон ҷавоб додаанд, ки "Ҳоло намедонам". Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ сад дар сад пурра нест ва барои зиёд намудани шумораи хонандагоне, ки барои ҳаёти оилавӣ омодаанд корҳои педагогиро ба анҷом расондан лозим аст.

Ба саволи дигари навбатии мо "**Ба фикри шумо устувории оила дар чист?"** 25% писарон ва 28% духтарон ҷавоби дар "Садоқати байни ҳамдигарии зану шавҳар" додаанд; 25% писарон ва 30% духтарон дар "Ҳурмати падару модар ва хешу ақрабои якдигар"; 20% писарон ва 22% духтарон дар "Дар оилаи солим"; 20% писарон ва 15% духтарон дар "Дар таъмини иқтисодии оила"; 10% писарон ва 5% духтарон ҷавоби "Намедонам"-ро додаанд. Маълум гашт, ки фикри хонандагон оиди устувории оила гуногунранг аст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо қисмати зиёди хонандагон оиди устувории оила корҳои иловагӣ гузаронидан лозим аст.

Ба саволи "**Оё Шумо дар оянда бо меҳру муҳаббат мехоҳед оила барпо кунед?"** 25% писарон ва 35% духтарон ҷавоби "Ҳа, бо меҳру муҳаббат"; 35% писарон ва 20% духтарон ҷавоби "Бо хоҳиши падару модарам"; 25% писарон ва 23% духтарон ҷавоби "Чизе ки аз тақдир бошад"; 25% писарон ва 22% духтарон ҷавоби "Намедонам"-ро додаанд. Маълум

гашт, ки байни писарону духтарон масъалаҳои гузошташуда якранг нест ва дар ин самт гузаронидани баъзе корҳои педагогии махсус зарурият дорад.

Ба саволи “**Шумо дар синни чандсолагӣ мехоҳед оиладор шавед?”** 25% писарон ва 25% духтарон ҷавоби дар синни “18 солагӣ”; 28% писарон ва 30% духтарон дар “20 солагӣ”; 30% писарон ва 38% духтарон дар синни “23-25 солагӣ”; 10% писарон ва 8% духтарон ҷавоби дар синни “30”-ро додаанд. Аз ҷавобҳо маълум гашт, ки бештари хонандагон оиди масъалаҳои синнусолии оиларо ташкил додан мушкилот доранд ва дар ин самт бо онҳо корҳои иловагии педагогӣ гузаронидан лозим аст.

Ба саволи “**Шумо дар оянда чанд фарзанд доштан мехоҳед?”** 25% писарон ва 30% духтарон ҷавоби “1 ё 2 фарзанд”; 30% писарон ва 25% духтарон “3 фарзанд”; 40% писарон ва 35% духтарон “5 фарзанд”; 4% писарон ва 9% духтарон “Зиёда аз 5 фарзанд”; 1% писарон ва 1% духтарон ҷавоби “Фарзанд доштан намехоҳам”-ро додаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки агар чӣ қисмати зиёди хонандагон масъалаҳои демографиро каме ҳам дарк кунанд, лекин бо ин масъала корҳоро анҷом додан лозим аст, чунки бештари онҳо чун пештара фарзандони бисёрро мехоҳанд.

Ба саволи “**Вазифаи оиларо дар ҳаёт аз чӣ иборат медонед?”** 25% писарон ва 30% духтарон ҷавоби “Тарбия намудани фарзандони солеҳу доно”; 15% писарон ва 25% духтарон ҷавоби “Ҳурмату иззати падару модар, хусуру хушдоман ва хешу акрабо”; 17% писарон ва 18% духтарон ҷавоби “Оила ҳамчун ячейкаи ҷамъият”; 38% писарон ва 27% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро доданд. Аз ҷавобҳои аксари хонандагон маълум гашт, ки онҳо АГАРЧӢ каму беш вазифаи оиларо дар ҳаёт дарк кунанд ҲАМ, вале оиди ин масъала бо онҳо корҳои педагогиро анҷом додан лозим меояд.

Ба саволи “**Ба фикри Шумо оилаи намунавӣ чӣ гуна аст?”** 20% писарон ва 20% духтарон ҷавоби “Сарфакору озода”; 22% писарон ва

23% духтарон ҷавоби “Сазовори обрую эътибори атрофиён”; 23% писарон ва 22% духтарон ҷавоби “Сазовори дуои неки падару модар”; 25% писарон ва 26% духтарон ҷавоби “Оилае, ки дар он якдигарфаҳмӣ, сулҳу субот ва оромӣ ҳукмфармост”; 10% писарон ва 9% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро доданд. Аз ҷавобҳои пурсидашудагон маълум гашт, ки фикрҳои ҷавонон оиди оилаи намунавӣ гуногун аст. Ки баъзе масъалаҳо дар ин самт бояд коркард карда шаванд.

Ба саволи **“Шумо ҳамсари ояндаи худро чигуна тасаввур мекунед?”** 23% писарон ва 27% духтарон ҷавоби “Тавонно, пурзӯр ва саломату бардам”; 35% писарон ва 40% духтарон “Оқилу доно, зирак ва маълумоти олӣ дошта”; 30% писарон ва 21% духтарон ҷавоби “Аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин”; 12% писарон ва 13% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро доданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки фикрҳои ҷавонон оиди ҳамсари ояндаи худ миёна буда, онҳо омилҳои ҷисмонӣ, маълумоти олӣ, ҷиҳати таъмини иқтисодиро асосан қайд кардаанд.

Ба саволи “**Оё Шумо ҳуқуқҳои оилавии худро медонед?”** 35% писарон ва 38% духтарон ҷавоби “Ҳа, медонам”; 45% писарон ва 42% духтарон ҷавоби “Не, намедонам”; 20% писарон ва 20% духтарон ҷавоби “Оиди ин чизе ҳам бохабар нестам”-ро додаанд. Аз ҷавобҳои пурсидашудагон маълум гашт, ки аксарияти (67%) онҳо оиди ҳуқуқҳои оилавии худ бохабар нестанд ва ин боиси нигаронист, аз ин ҷо корҳои фаҳмондадиҳӣ ва беруназсинфӣ оиди ин масъалаи муҳим гузаронидан зарур аст.

Ба саволи “**Доир ба ҳаёти оилавӣ чанд китоб хондаед?”** 20% писарон ва 30% духтарон ҷавоби “1-2 китоб”; 10% писарон ва 18% духтарон ҷавоби “2-3 китоб”; 70% писарон ва 52% духтарон ҷавоби “Ягон китоб нахондаам”-ро додаанд. Дар ин масъала низ пурсидашудагон ҷавобҳои ғайриқаноатбахш додаанд ва аксарияти (63%) онҳо ҷавоби “Ягон китоб нахондаам”-ро доданд, ки корҳои фаҳмондадиҳии иловагиро талаб мекунад.

**Ҷадвали №11**

Натиҷаҳои ҷавобҳои хонандагон ба анкета-пурсишномаи №1

| № т/т | Саволҳо аз анкета | Шумораи умумии пурсидашудагон 396 нафар – 100% | |
|---|---|---|---|
| | | қаноатбахш | ғайриқаноатбахш |
| 1 | Оё Шумо ба ҳаёти оилавии шахсӣ омода ҳастед? | 32% | 68% |
| 2 | Ба фикри шумо устувории оила дар чист? | 40% | 60% |
| 3 | Оё Шумо дар оянда бо меҳру муҳаббат мехоҳед оила барпо кунед? | 35% | 65% |
| 4 | Шумо дар синни чандсолагӣ мехоҳед оиладор шавед? | 35% | 65% |
| 5 | Шумо дар оянда чанд фарзанд доштан мехоҳед? | 35% | 65% |
| 6 | Вазифаи оиларо дар ҳаёт аз чӣ иборат медонед? | 30% | 70% |
| 7 | Ба фикри Шумо оилаи намунавӣ чӣ гуна аст? | 35% | 65% |
| 8 | Шумо ҳамсари ояндаи худро чигуна тасаввур мекунед? | 38% | 62% |
| 9 | Оё Шумо ҳуқуқҳои оилавии худро медонед? | 40% | 60% |
| 10 | Доир ба ҳаёти оилавӣ чанд китоб хондаед? | 38% | 62% |

Чӣ тавре ки аз ҷадвали мазкур бармеояд, дар бештари саволномаҳои анкета-пурсишномаи №1 бахшида ба омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ пурсидашудагон ҷавобҳои ғайриқаноатбахш

додаанд, ки ин аз сатҳи миёнаи (36%) омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ хабардор мекунад. Аз ин рӯ оид ба баъзе масъалаҳои омодагии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва педагогӣ гузаронидан зарур аст, то ки хонандагон оид ба ин масъала хабардор шаванд ва китобу маҷалаҳоро оиди ҳаёти оилавӣ биомӯзанд.

Барои санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон дар бораи анъанаҳои мардумии оилавии тоҷик оиди омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мо аз "Анкета-пурсишномаи №2" истифода бурдем, ки аз даҳ савол иборат буд.

Ба саволи "**Оё Шумо дар бораи анъанаҳои оиладории мардуми тоҷик оид ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ чизе хабардор ҳастед?"** 15% писарон ва 20% духтарон ҷавоби "Ҳа, хабардорам"; 59% писарон ва 42% духтарон ҷавоби "Не, хабардор нестам"; 18% писарон ва 27% духтарон ҷавоби "Каме хабардорам"; 8% писарон ва 11% духтарон ҷавоби "Дар китобҳо хондаам"-ро додаанд. Боиси нигаронист, ки аксарияти писарону духтарон (55%) дар бораи анъанаҳои оиладории омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ чизе хабардор нестанд ва танҳо як қисмати (20%) пурсидашудагон оиди ин масъала каме хабардор ва ё дар кучое шунида будааст. Барои ҳамин ба ин масъала диққати махсус бояд дода шавад ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ва педагогӣ гузаронидан лозим аст.

Ба саволи "**Оё Шумо дар зиндагии ояндаи оилавии худатон ба анъанаҳои оиладории оид ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ такя мекунед?"** 20% писарон ва 25% духтарон ҷавоби "Ҳа, такя мекунам"; 50% писарон ва 48% духтарон ҷавоби "Не, такя намекунам"; 30% писарон ва 27% духтарон ҷавоби "Намедонам"-ро додаанд. Вобаста ба ҷавобҳои пурсидашудагон маълум гашт, ки фикрҳои онҳо дар ин бобати масъала гуногун буда, 50% пурсидашудагон ҷавоби такя намекунамро додаанд, ки ин боиси нигаронист. Бо ин масъала низ корҳои педагогӣ гузаронидан заруру муҳим аст.

Ба саволи “**Оё Шумо таҷрибаи оиладории падару модари худро дар зиндагии ояндаи оилавии худатон истифода мебаред?”** 30% писарон ва 35% духтарон ҷавоби “Ҳа, истифода мебарам”; 35% писарон ва 25% духтарон ҷавоби “Не, истифода намебарам”; 20% писарон ва 20% духтарон “Қисман истифода мебарам”; 15% писарон ва 20% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро доданд. Баъзе аз пурсидашудагон (35%) мехоҳанд аз таҷрибаи оиладории падару модари худ дар зиндагии ояндаи оилавиашон истифода баранд. Мутаасифона, баъзе аз қисмати писарон ва каме аз духтарон (40%) намехоҳанд аз таҷрибаи падару модари худ истифода баранд, шояд ин бо сабабҳои норозӣ будан аз тарзи зиндагии оилавии волидайни худ бошад ва ё аз нокифоягии таҷрибаи педагогии оиладории падару модарашон. Оиди ин масъала корҳои педагогиро ба анҷом расондан заруру муҳим аст.

Ба саволи “**Оё ҳаёти якҷоя гузаронида истодаи падару модар ва наздикони Шумо ба Шумо писанд аст?”** 28% писарон ва 24% духтарон ҷавоби “Ҳа, писанд аст”; 35% писарон ва 38% духтарон ҷавоби “Не, писанд нест”; 35% писарон ва 33% духтарон ҷавоби “Мехоҳам, ки дар ҳаёти онҳо дигаргуниҳо ворид карда шавад”; 2% писарон ва 5% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро додаанд. Тақрибан 26% пурсидашудагон аз ҳаёти оилавии волидайни худ розӣ ҳастанд, миқдори 35% мехоҳанд, ки дар ҳаёти онҳо дигаргуниҳо ворид шаванд, ва 35% пурсидашудагон ҷавоби писанд нест-ро доданд, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳаёти оилавии ҳозираи тоҷик дар сатҳои гуногун қарор гирифтааст ва баъзе аз ҷавонон аз он норозӣ ҳастанд ва ё ҳаёти якҷоя гузаронидаи волидайнашон ба онҳо писанд нест. Аз ин рӯ оиди ин масъала бо хонандагон корҳои иловагии педагогӣ гузаронидан зарур аст.

Ба саволи “**Кадом хислатҳои падару модаратон ба Шумо писанд аст?”** 55% писарон ва 53% духтарон ҷавоби “Ғамхорӣ ва меҳрубонӣ, меҳру муҳаббат”; 25% писарон ва 30% духтарон ҷавоби “Дӯстию рафиқӣ, самимият”; 18% писарон ва 15% духтарон ҷавоби “Тамоман писанд

нест”; 2% писарон ва 2% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро додаанд. Аз ҷавобҳои пурсидашудагон (75%) маълум мешавад, ки ба аксарияти онҳо чунин хислатҳои падару модари худ, ба монанди ғамхорию меҳрубонӣ, меҳру муҳаббат ва дӯстию рафиқиро писанд аст. Танҳо 20% пурсидашудагон ҷавоби тамоман писанд нестро додаанд, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар оилаи онҳо камбудиҳо дар муносибатҳо вуҷуд дорад.

Ба саволи “**Оё Шумо дар оянда ба корҳои хоҷагии оилавӣ машғул мешавед?”** 30% писарон ва 35% духтарон ҷавоби “Ҳа, мешавам”; 35% писарон ва 25% духтарон ҷавоби “Не, намешавам”; 30% писарон ва 37% духтарон ҷавоби “Ба ман фарқаш нест”; 5% писарон ва 3% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро додаанд. Аз ҷавобҳои пурсидашудагон маълум гашт, ки 33% пурсидашудагон мехоҳанд дар оянда ба корҳои хоҷагии оилавӣ машғул шаванд, 30% онҳо дар оянда бо корҳои хоҷагӣ намехоҳанд машғул шаванд, шояд аз сабаби тараққиёти илму техника бошад ва вазъи ҷамъияти имрӯза? Аз ин рӯ, оиди ин масъала низ баъзе аз корҳои педагогӣ гузаронидан лозим аст.

Ба саволи “**Оё дар оилаи Шумо тақсимоти корҳои хоҷагӣ дуруст ба роҳ монда шудааст?”** 28% писарон ва 37% духтарон ҷавоби “Ҳа, дуруст ба роҳ монда шудааст”; 40% писарон ва 28% духтарон ҷавоби “Не, нодуруст ба роҳ монда шудааст”; 28% писарон ва 35% духтарон ҷавоби “Корҳои хоҷагӣ дар оила бояд баробар тақсим карда шуда бошанд”; 4% писарон ва 7% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро додаанд. Аз ҷавобҳо маълум мешавад, ки хонандагон ба корҳои хоҷагии оилавӣ таваҷҷуҳи хоса медиҳанд ва мехоҳанд, ки дар оилаҳои онҳо дар корҳои хоҷагидорӣ дигаргуниҳо ба амал оянд.

Ба саволи “**Оё Шумо дар оила масъулиятро нисбат ба ғамхории падару модар ҳис мекунед?”** 75% писарон ва 83% духтарон ҷавоби “Ҳа, ҳис мекунам”; 20% писарон ва 15% духтарон ҷавоби “Не, ҳис намекунам”; 5% писарон, 2% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро додаанд.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки аксарияти пурсидашудагон (80%) нисбат ба ғамхорию парастории падару модари худ, ки яке аз хусусиятҳои анъанавии мардуми тоҷик аст, масъулиятро аз ҷониби худ ҳис мекунанд. Танҳо 18% пурсидашудагон масъулиятро дар худ оид ба ин масъала ҳисс намекунанд, шояд ин аз нофаҳмӣ ва ё норозӣ будан аз оилаҳои худ бошад.

Ба саволи «**Ба фикри Шумо дар оила сарвари оила кӣ бояд бошад?”** 70% писарон ва 65% духтарон ҷавоби “Мард”; 1% писарон ва 5% духтарон ҷавоби “Зан”; 28% писарон ва 27% духтарон ҷавоби “Ҳарду”; 1% писарон ва 3% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро додаанд. Сарварии падар ва ё мард дар оила, ки яке аз рукнҳои асосии анъанаҳои оиладории мардуми тоҷик мебошад, дар ҷавобҳои пурсидашудагон афзалиятро нишон дод (67%), танҳо 30% пурсидашудагон тарафдори онанд, ки дар оила бояд ҳам мард ва ҳам зан сарвар бошанд.

Ба саволи “**Агар дар оянда соҳиби оила гардед, Шумо бо гуфтаҳои падару модаратон рафтор мекунед?”** 50% писарон ва 60% духтарон ҷавоби “Ҳа, ба гуфтаи онҳо”; 45% писарон ва 37% духтарон ҷавоби “Не, ба фикри худам”; 5% писарон ва 3% духтарон ҷавоби “Намедонам”-ро додаанд. Аз ҷавобҳои пурсидашудагон маълум мешавад, ки дар 55% ҷавобҳои онҳо таъсири падару модар ва ё ҳурмату иззати сухани онҳо афзалият дорад ва онҳо мехоҳанд дар оянда аз маслиҳату гуфтаҳои падару модари худ истифода баранд. Вале 40% пурсидашудагон мехоҳанд дар зиндагии оилавииояндаи худ аз фикрҳои шахсии худ истифода баранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон доданд, ки 35-40% хонандагони синфҳои болоӣ барои ба ҳаёти оилавӣ қадам гузоштан омодаанд, 55-60% онҳо омодагии хуб надоранд ва ё қисман омодаанд ва бо онҳо корҳои педагогии махсус гузаронидан зарур аст. Боиси нигаронист, ки муаллимони пурсидашуда оиди анъанаҳои оиладории омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавиро хуб дарк намекунанд ва ё медонанд, вале ба мафҳуми

он сарфаҳм намераванд (70%). Дар муносибат ба ҷавобҳои хонандагон оид ба сатҳи фаҳмиши онҳо оид ба анъанаҳои оиладории омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ низ метавон ҷавоби ғайриқаноатбахш дод. Қисми зиёди хонандагон оиди анъанаҳои оиладорӣ шунидаанд, бо онҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ру ба ру мешаванд, вале дарк намекунанд, ки ин анъанаҳо чӣ тавр ва дар кадом дараҷа барои омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ таъсир мерасонанд (65%).

Ғайр аз саволномаҳо-анкета, мо ба тариқи суҳбату гуфтугуҳо, фаҳмондадиҳову тавсияномаҳо ва бо иншои хаттӣ ба хонандагон паҳлуҳои зиёди омодагии онҳоро ба ҳаёти оилавӣ пешкаш намудем сатҳи фаҳмишу дарки онҳоро оид ба омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ бо воситаи усулҳои педагогии фаъол тезонида, натиҷаҳо гирифтем. Натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон доданд, ки аксарияти хонандагони синфҳои болоӣ ба масъалаҳои маърифати оиладорӣ, паҳлуҳои педагогии оиладорӣ, ҳурмату иззати ҳамсарон, таълиму тарбияи фарзандон, синну соли оиладоршавӣ, пеш бурдани ҳаёти ҳаррӯза, хоҷагидорӣ, сатҳи донишмандии ҳамсар, яъне маълумоти олӣ доштани яке аз ҳамсарон, саломатии якдигар, омилҳои иқтисодии оиларо ташкил кардан аҳамияту диққати махсус медиҳанд. Бештари хонандагон мехоҳанд ин ва дигар паҳлуҳои чунин масъалаҳои оиладориро ба хубӣ дарк кунанд, омода бошанд ва дар оянда ба хатогиҳои гуногуни оилавӣ дучор нашаванд.

Масалан, хонандаи синфи $11^{а}$ мактаби таҳсилоти умумии №5 ш. Кӯлоб Сарахонова Насиба дар иншои худ "Ҳаёти оилавииояндаи ман" чунин посух додааст: "Дар оилаиояндаи худам мехоҳам якдигарфаҳмиву ҳурмату иззати якдигар, хусуру хушдоман, падару модари якдигарро бинам. Мехоҳам, ки дар оилаиояндаи худам ду-се фарзанд дошта бошам, бо хонаи алоҳидаи шахсии худам таъмин бошам. Орзу дорам, ки фарзандони ботарбияву бонангу ватандӯстро тарбия диҳам ва доимо осмони софу покиза болои сари онҳо бошад....". Хонандаи синфи $10^{б}$-и мактаби таҳсилоти умумии №2 н. Ҳамадонӣ Хоҷаева Муниса дар иншои

бо мавзӯи “Анъанаҳои оиладории омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ” чунин навиштааст: “Яке аз анъанаҳои мардумии оилавии миллати тоҷик ин ҳурмату иззати падару модари якдигари ҳамсарон, хешу табори якдигар, никоҳи мусалмонии хонадоршавандагон, барпо намудани туйи арусӣ, бурдани ҳафти арус ва ғ. мебошанд. Оила ин арзишмандтарин ҳодисаи ҳаёт буда, ба он ҷиддӣ омода шудани ҳам духтарон ва ҳам писарон зарур аст. Ба анъанаҳои оиладории мардумӣ ва таҷрибаи калонсолону гузаштагон такя намудан дар давоми зиндагии оилавии оянда ба мо дар бисёр мушкилиҳои зиндагӣ кӯмак карда, зиндагии ҳаррӯзаи моро пуррангу хушбахт мегардонад....”.

Албатта, аксари пурсидашудагон оиди паҳлуҳои дигари ҳаёти оилавӣ, сатҳи зиндагии оилаҳои ҳозираи тоҷик, масъалаҳои зиддияту нофаҳмиҳо дар оила, сифатҳои манфии шахсияти ҳамсарон (дурӯғгӯӣ, фиреб, бахилӣ, пинҳон доштани чизе ва ғ.), масъалаҳои рӯзғордорӣ, масъалаҳои мушкилталаби муносибати байни ҳамсарони оянда, байни келину хушдоман ва дигар хешу таборони наздики шавҳар, дахолат намудани беҷойи дигарон (акаву амак, тағову хола, апаву хоҳар, келини калонӣ) ба зиндагии шахсии навхонадоршавандагон, масъалаҳои саломатии хонадоршавандагон, тарси бемор шудан ба ягон бемории вирусӣ, тарси бекорхуҷагии шавҳари оянда ва бо маводи мухаддир машғул будани он, нобоварии аксари писарон ба духтарони ҳозира, булҳавасии ҷавонон дар интихоб намудани ҳамсариояндаи худ, масъалаҳои мушкилталаби бо ҷойи кор ва бо манзил таъмин будани навхонадоршавандагон ва бисёр дигар масъалаҳои равонӣ ва рӯҳӣ таваҷҷуҳи хоса медиҳанд ва аз онҳо нигаронанд.

Бо ёрии усулҳои махсуси педагогӣ, такмили раванди таълиму тарбия, инноватсияҳои педагогӣ ва дидактикӣ, таълими фаъол ва таълими инкишофёбанда, моделҳои таълим, технологияҳо ва усулҳои таъминкунандаи фаъолгардонии фаъолияти таълимии хонандагони синфҳои болоӣ мо дар таҳқиқоти дисертатсионии худ марҳилаҳои

мобайнии назоратиро ба анҷом расонида, натиҷаҳоро ба даст овардем. Натиҷаҳои таҳқиқот дар гурӯҳои назоратӣ ва озмоишӣ , ки солҳои 2017-2018-ро дар бар мегирад, омодагии хонандагони синфҳои болоиро ба ҳаёти оилавӣ ва сатҳи фаҳмиш ва дарки онҳоро ба паҳлуҳои гуногуни ин масъала муайян кард. Натиҷаҳои таҳқиқот онро нишон дод, ки сатҳи фаҳмиш ва омодагии хонандагони синфҳои озмоишӣ нисбат ба синфҳои назоратӣ афзоиш ёфта, таъсири усулҳои махсуси педагогӣ бенатиҷа намонд. Нишондодҳои натиҷаи таҳқиқоти мобайнӣ дар ҷадвали 12 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали №12.** Муқоисаи натиҷаҳои мобайнии таҳқиқоти озмоишӣ.

| **Саволҳои назоратӣ** | **Синфҳои озмоишӣ** | **Микдор бо %** | **Синфҳои назоратӣ** | **Микдор бо %** |
|---|---|---|---|---|
| Шарҳи маънои ибораҳои “омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ” ва “устувории оила” | Синфҳои X | 69 | Синфҳои XI | 50 |
| Муқоисаи ибораҳои “меҳру муҳаббат дар оила” ва “якдигарфаҳмӣ” | Синфҳои XI | 72 | Синфҳои XI | 52 |
| Шарҳи маънои “синну соли оиладлоршавӣ” | Синфҳои X | 68 | Синфҳои X | 49 |
| Вазифаи оиларо дар ҳаёт аз чӣ иборат медонед? | Синфҳои XI | 73 | Синфҳои X | 49 |
| Оилаи намунавиро дар чӣ мебинед? | Синфҳои X | 72 | Синфҳои X | 48 |
| Ҳамсари ояндаи худро чи гуна тасаввур мекунед? | Синфҳои X | 70 | Синфҳои X | 50 |
| “Ҳуқуқҳои оилавӣ”. Маънои ибораро шарҳ диҳед? | Синфҳои X | 67 | Синфҳои XI | 49 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Дар бораи ҳаёти оилавӣ чӣ мефаҳмед? | Синфҳои X | 71 | Синфҳои XI | 51 |
| Кадом мавзӯъҳо дар бораи ҳаёти оилавӣ дар фанни “Маърифати оиладорӣ” ҷой доранд ва ин мавзӯъҳо ба чӣ бахшида шудаанд? | Синфҳои XI | 69 | Синфҳои XI | 48 |
| Шумораи фарзандон дар хона ба фикри шумо? | Синфҳои XI | 72 | Синфҳои X | 50 |
| Калимаи “ҳурмату иззатро”-ро шумо чӣ хел мефаҳмед? | Синфҳои XI | 73 | Синфҳои X | 50 |
| “Тарзи ҳаёти оилаи имрӯзаро” чи тавр мефаҳмед? | Синфҳои XI | 70 | Синфҳои X | 49 |
| Мафҳуми “анъанаҳои миллӣ” чӣ маъно дорад? | Синфҳои XI | 68 | Синфҳои XI | 48 |
| Ибораи “дӯстӣ дар оила” барои шумо чӣ аҳамият дорад? | Синфҳои XI | 69 | Синфҳои X | 50 |
| | **Аҳамияти миёна** | **70,2** | **Аҳамияти миёна** | **50,0** |

Муқоисаи аҳамиятҳои миёнаи нишондиҳандаҳо аз он далолат медиҳад, ки ташаккулёбии мафҳумҳои асосӣ оид ба омодагии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ  – тасаввурот дар бораи оиладорӣ, шумораи фарзандон дар оила, меҳру муҳаббат дар оила, ҳуқуқҳои оилавӣ ва ғ. дар синфҳои озмоишӣ нисбат ба синфҳои назоратӣ **20,2%** зиёдтар аст.

Аз рӯи натиҷаҳои соли таҳсили 2018-2019 мо санҷиши ниҳоии натиҷаҳои озмоиш – марҳилаи ҷамъбастиро доир намудем. Натиҷаҳои ин таҳқиқот бо нишондиҳандаҳои ҷадвали 13 тавсиф мегарданд.

**Ҷадвали 13.** Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои марҳилаи муқаррарии кори озмоишӣ ва марҳилаи назоратии ҷамъбастӣ дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ бо %.

| **Синфҳо** | **Натиҷаҳои таҳқиқот дар синфҳои озмоишӣ (СО)** | | **Натиҷаҳои таҳқиқот дар синфҳои назоратӣ (СН)** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Марҳилаи муқарраркунанда** | **Марҳилаи назоратӣ** | **Марҳилаи муқаррар-кунанда** | **Марҳилаи назоратӣ** |
| **XI** | 36 | 78 | 34 | 57 |
| **XI** | 35 | 76 | 32 | 56 |
| **XI** | 34 | 75 | 30 | 54 |
| **X** | 32 | 78 | 29 | 57 |
| **X** | 36 | 78 | 33 | 57 |
| **X** | 33 | 74 | 36 | 55 |
| **Аҳамияти миёна** | **35,8** | **70,2** | **33,7** | **50,0** |

Аз маълумоти омории пешниҳодшуда дида мешавад, ки дар натиҷаи ташкили таъсири мақсадноки педагогӣ сатҳи ташаккулёбии фаҳмиши хонандагон ва омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ дар синфҳои озмоишӣ бештар афзудааст (34,4%). Дар синфҳои назоратӣ нишондиҳандаҳо дар давраи гузарондани кори озмоишӣ танҳо 16,3% зиёд шудааст.

Ҷараёни рушди таҳсилоти имрӯза истифодаи моделҳои гуногуни таълим – таълими фаъол ва таълими инкишофёбандаро талаб менамояд, ки кори таҳқиқотии мо дар асоси онҳо таҳия шудааст. Аз ин рӯ, дар

раванди таълим барои таҳлили мустақилонаи падидаҳо шароит фароҳам овардан лозим аст.

Ҷавобҳои муаллимони пурсидашудаи мо нишон медиҳанд, ки муаллимон дар кам будани соатҳои дарсии фанни “Маърифати оиладорӣ”, ки асоси омодагии хонандагони синфҳои болоӣ барои зиндагии ояндаи оилавӣ мебошад, мушкилиҳо мекашанд. Саволномаи мо ба муаллимон ва омӯзиши нақшаҳо ва барномаҳои таълимии онҳо нишон медиҳад, ки аксари омӯзгорон (78%) маводи дарсиро на бо мақсади омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ, ошкор намудани мазмуни арзишноки никоҳ ва зиндагии оилавӣ, тарбияи маърифатию ҷинсии хонандагон истифода мебаранд. Мушоҳидаҳо ва омӯзиши фанни дарсии “Маърифати оиладорӣ” аз ҷониби мо муайян кард, ки дар мавзӯҳои ин фанни дарсӣ оид ба анъанаҳои оиладории омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ маводи кам гузошта шудааст, танҳо дар ду се мавзӯъи ин фанни дарсӣ дар бораи ҳурмату иззати ҳамсарон, бо ишқу муҳаббат оиладор шудан, каме оиди ҳурмату иззати падару модар, тарбияи фарзандон, хоҷагидории оиладорӣ ва масъулияти фарзандон нисбат ба ғамхории падару модар оварда шудааст, ки ин барои пурра фаҳмондани анъанаҳои оиладории мардумии тоҷик ба омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ кофӣ нест. Қисмати дигари муаллимон оид ба бетаҷрибагии худ ва надонистани методу усулҳои таълим дар ин хусусро қайд кардаанд. Онҳо мехостанд, ки ғайр аз китоби дарсӣ боз аз дигар сарчашмаҳо маводи иловагиро барои хубтару беҳтар фаҳмондану азхудкунии мавзӯи “Оила ва оиладорӣ, анъанаҳои оиладории омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ”-ро дастрас кунанд. Татбиқу фаҳмондадиҳии масъалаҳои муҳими оила ва оиладорӣ, муносибатҳои зану шавҳар, тарбияи фарзандон, танзими оила, масъалаҳои хоҷагидорӣ ва рӯзғор ва дигар масъалаҳои муҳим ба хонандагон бо сабабҳои гуногуни синнусолӣ, равонӣ ва ҷисмонии хонандагон аз корҳои осон нест, ва барои муаллими

таълимдиҳанда мушкилиҳои зиёдеро пеш меорад, чунки ҳоло худи хонандагон то охир ин масъалаҳоро дарк ва аз худ карда наметавонанд, худи муаллимони фаннӣ то охир имконияти пурра расонидани мавзӯи дарсиро ба хонанда надоранд.

Дар натиҷаи истифодаи тавсияҳои таҳиянамудаи муаллиф аз тарафи омӯзгорон дар кори педагогии озмоишӣ дар синфҳои озмоишӣ раванди бештар самараноки ташаккули фаҳмиши хонандагон ба унсурҳои гуногуни омодагии хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси анъанаҳои миллӣ ба роҳ монда шуд. Ҳангоми истифодаи тавсияҳои методии муаллифи таҳқиқоти хулосашаванда хонандагон фикрронии фаврӣ, таҳлили вазъиятҳои ҳаёт, таҳияи қарорҳои мустақилона ва баёни мухтасару возеҳи андешаҳои худро аз худ намуданд. Фаъолнокии онҳо дар раванди таҳсил ва ҳавасмандии онҳо ба ин раванд зиёд шуд. Хонандагон маводи омӯзиширо беҳтар аз худ намуданд, ки афзоиши нишондиҳандаҳо ҳангоми гузарондани корҳои назоратӣ дар синфҳои озмоишӣ тасдиқи ин гуфтаҳоянд.

Истифодаи тавсияҳои муаллифи таҳқиқоти хулосашаванда дар синфҳои озмоишӣ ба натиҷаҳои зерин боис гашт:

- фаъолнокии хонандагон ҳангоми омӯхтан ва устувор намудани мавод зиёд гардид;
- сатҳи донишҳои хонандагон хеле баланд бардошта шуд;
- қобилияти хонандагон барои дуруст асоснок намудани мулоҳизаҳои худ зиёд гардид;
- мустақилият ҳангоми иҷрои корҳои амалӣ ва супоришҳо ба вуҷуд омад;
- дараҷаи омодагии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ тағир ёфт.

Таҳлили натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ нишон дод, ки истифодаи усулҳои психологию педагогӣ дар раванди таълим аҳамияти худро аз даст намедиҳад ва ба инкишофи ташаббускорӣ, фаъолнокӣ, фикрронии танқидӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва

ҳамкорӣ мусоидат менамояд. Таҳқиқоти ба анҷом расонидашуда бовар кунонид, ки ҳатто тағироти ҷузъӣ дар ташкили фаъолияти таълимӣ - ба вуҷуд овардани вазъиятҳои мушкил, татбиқи ҷиҳатҳои нав ва вазъиятҳои эҷодӣ ба хонандагони синфҳои болоӣ таъсири мусбӣ мерасонанд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти дидактикӣ, психологию педагогӣ ва таҷрибаи омӯзгорони синфҳои озмоишӣ, инчунин маводи амалӣ мо маҷмуи идеяҳои асосиро муайян намуда, ҳамзамон талаботи асосиро ба ташаккули фаҳмиши хонандагон ба ҳаёти оилавиро муайян намудем:

- ташаккули қобилияти таҳсили муттасил, худтарбиякунӣ ва мақсади универсалии маънавию ахлоқии "инкишофёбии беҳтар";
- муҳайё намудани муҳити ҳавасмандии умумимактабӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ёрии ҳамдигарӣ;
- ҷалби оила оид ба омодагии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ ва таҳкими обрӯю эътибори оила;
- муҳайё намудани муҳити мусоиди муаассир дар синф, ки ба инкишофу ташаккули ҳар як хонандаи синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ мусоидат менамояд;
- ҷалби падару модар ба раванди таълиму тарбия барои ошкор намудану рушд додани сифатҳои арзандаи хонандаи синфи болоӣ, ки барои омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ заруранд;
- ташаккули коллективи синф ва инкишофи худидоракунии хонандаҳо дар синф.

Мушоҳида ва таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон дод, ки барои боз ҳам сайқал додану ворид намудани усули таъсири "анъанаҳои оиладории мардумӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ" аз дигар фаннҳои таълимӣ дар мактаб низ бояд истифода бурд. Ин аз як тараф ба баландшавии самаранокии ин кор оварда мерасонад, ва аз тарафи дигар вақти ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагон беҳуда сарф намешавад. Махсусан, имкониятҳои калон барои омодагии хонандагони

синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ бо истифода аз анъанаҳои оиладории мардумии омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар алоқамандии байни фаннҳои гуминатарӣ, таббии ва технологӣ доранд.

Фанҳои таълимии “Адабиёти тоҷик”, “Таърихи халқи тоҷик”, “Забон ва адабиёти хориҷӣ”, “Таълими меҳнат”, “Рассомӣ-Санъат”, “Биологияи инсон”, “Ҷамъиятшиносӣ”, “Асосоҳои давлат ва ҳуқуқ”, “Ҳуқуқи инсон”, “Мусиқӣ” ва дигар метавонанд барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ саҳми арзанда гузоранд.

Ҳангоми омӯзиши фанни адабиёт, муаллим дар як марҳилаи муайян хонандагонро бо баъзе фаҳмишҳои ахлоқии алоқаманд бо муносибатҳои байни ҷавонон, ҷиҳати ахлоқии ишқу муҳаббат, бо этикаи оилавӣ ва ғ. мусаллаҳ мегардонад. Дарсҳои адабиёт ин бедоршавии маърифати маънавӣ мебошанд. Маҳз дар ин дарсҳо бузургии зан-модар ва мард-падар аз худ карда мешавад. Мавзӯи модарӣ ва падарӣ, ки аз синфҳои поёнӣ сар карда мешавад, метавонад дар синфҳои болоӣ давом дода шавад. Дар дарсҳои забон ва адабиёти хориҷӣ (рус ва дигар халқҳои дунё) хонандагон имкониятҳои бо анъанаҳои оиладории мусбати мардумии ин халқиятҳо оид ба омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ аз наздик шинос шуданро пайдо мекунанд. Омилҳои муқоисавӣ, муқоиса кардани унсурҳои фарҳанги моддӣ ва маънавии дигар кишварҳо бо фарҳанги ватанӣ имконият медиҳанд, ки тассавуротҳои гуногунрангии фарҳангҳо, хусусиятҳои зоҳирёбии фарҳангӣ, аз ҷумла хусусиятҳои рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ин мардумҳо, муносибатҳо бо интиқолдиҳандагони дигар фарҳангҳо, ҳисси эҳтиром ба дастовардҳои фарҳангии мардуми дигар, иштирок дар мушкилот ва душвориҳои дигаронро хонандагон дарк кунанд.

Фаннҳои таълимии “Ҷамъиятшиносӣ”, “Асосоҳои давлат ва ҳуқуқ”, “Ҳуқуқи инсон”, “Таърихи халқи тоҷик” имкон медиҳанд, ки хонандагон оид ба рушди фарҳанги моддӣ ва рӯҳонии инсоният тассавурот пайдо кунанд, рӯйдодҳо ва зуҳуротро дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ

фаҳманд ва муносибатҳои байни онҳоро дарк кунанд. Омӯзгорон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ гуна тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар рушди муассисаи (донишкадаи) оилавӣ дар сатҳи маҳаллӣ баён карда мешаванд, ба онҳо омӯзонанд, ки чӣ тавр ин мушкилотҳоро аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баррасӣ ва таҳлил кунанд. Зарур аст, ки ба онҳо тассавуротҳои хусусиятҳои умумии рушди муносибатҳои оиладории никоҳӣ, гуногунии онҳоро бо сабабҳои табиӣ-ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, сиёсӣю иҷтимоӣ, маданию фарҳангӣ, робитаҳои мутақобилаи этникӣ ва ғайра дода шаванд. Хонандагон метавонанд дар дарсҳои "Ҳуқуқи инсон" бо заминаи ҳуқуқҳои оилавии худ шиносоӣ пайдо кунанд ва дарк кунанд, ки оила ин як ҷузъи нотакрори давлату ҷамъият мебошад. Фанҳои ҷамъиятӣ ба хонандагон ҷиҳати фаҳмидани фикру ақидаҳои олимон оиди асосҳои ахлоқии издивоҷ ва оила, алалхусус ба фаҳмиши онҳо дар бораи алоқаи мутақобилаи ҳаёти иҷтимоӣ ва оилавӣ, муносибати инкишофи иҷтимоӣ ва биологӣ дар ташаккули шахсият мусоидат мекунанд. Дарсҳои ҷамъиятӣ ба фаҳмидани ҷиҳати иҷтимоӣ-таърихии издивоҷ ва муносибатҳои оиладории никоҳӣ, ҳисси ахлоқии қонун дар бораи оила ва издивоҷ, вазифаҳои иҷтимоии оила кӯмак мекунанд. Хонандагон дар ин дарсҳо бояд на танҳо донишҳои ҳуқуқӣ, инчунин фаҳмиши амиқи меъёрҳои ахлоқиро, ки хати рафтори онҳоро муайян мекунанд, аз худ кунанд.

Дарсҳои таърих – масалан, "Таърихи халқи тоҷик" ба хонандагон имкон медиҳад, ки нақши бузурги оиларо дар ҳаёти иқтисодӣ-сиёсии кишвар, сохтмони давлати ҷавони тоҷик, сулҳу ваҳдат тассавуротҳо пайдо кунанд, муносибатҳои дурусту эҳтиромонаи писарон ба духтаронро, ҳамчун занону модарони оянда ташаккул диҳанд. Онҳо ба рушди шавқу ҳавас ва муносибатҳои мусбат ба анъанаҳои оиладорӣ, фарҳангӣ ва динии халқҳои дигар мусоидат мекунанд. Дарсҳои таърих барои ташаккул додани тассавуротҳо дар бораи гуногунрангии фарҳангҳо дар саросари дунё, инкишоф додани муносибатҳои мусбат

оид ба фарқиятҳои фарҳангӣ, ки пешрафти инсоният ва шароитҳои худрушддиҳии шахсро таъмин мекунанд, мусоидат мекунанд. Ҳангоми омӯзиши фанни таърих, имконияти ошкор намудани дар фарҳангҳои халқҳои дунё унсурҳои умумии анъанаҳои оиладории никоҳии онҳо вуҷуд дорад, ки дар рӯҳияи сулҳ, таҳаммулпазирӣ, муоширати гумманистии байни миллатҳо тарбия намудани хонандагонро имкониятҳо фароҳам меорад.

Дарсҳои таърих барои омӯхтани таърихи ташаккул ва таъсиси донишкадаи оилавӣ, хусусиятҳои муносибати байни ҷинсҳо ва наслҳо дар ин ё он давру замон имкониятҳои бузург фароҳам меоваранд. Шаклҳои никоҳ, тартиби меросӣ, мавқеи мардон ва занон дар ҷамъият ва оила ва дигар масъалаҳои муҳим метавонанд дар дарсҳои таърихӣ амиқ таҳқиқ ва омӯзиш карда шаванд. Ҳангоми омӯзиши мавод оид ба фарҳанги маънавӣ ва моддӣ, тасвири идеали зебогии зан ё мард, рафтори одамон дар санъат, намуна-идеали инсонҳои бузург ва ғ. дар рушди таърихии онҳо бояд ҷои худро пайдо кунанд. Ин идеалҳои зебогӣ дар тамоми таърихи инсоният ба тағйиротҳо дучор шудаанд. Падар ва шавҳари меҳрубон, зан ва модари ғамхор, корманди бовиҷдон, дӯсти боэътимод будан - ин як навъ қаҳрамонӣ ва намунаву идеал, вазифаи ҳаётии душвортарин назар ба қаҳрамонӣ дар ҷанг, дастовардҳо дар соҳаи касбӣ, варзиш, санъат ва илм мебошад.

Масъалаҳои ҷинсӣ-гендерӣ дар омӯзиши фанни биология мақоми хосаеро ишғол мекунанд. Дар дарсҳои биология, муаллим фикру ақида, тассавуротҳои хонандагонро оид ба гигиенаи ҷинсӣ, хусусиятҳои анатомӣ- физиологии организми мард ва зан, дар бораи аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои рушди муқаррарӣ ва таҳкими бадани инсон, ташаккул медиҳад. Дарсҳои биология инчунин ба ташаккули муносибати эҳтиромона ва пешгирикунанда нисбат ба духтарон, ки дар оянда вазифаи масъулиятнок ва душвореро ба уҳда мегиранд - ин таваллуд кардан, хӯрондан ва тарбияи наслҳои нави инсонҳо мебошад,

мусоидат мекунанд. Донишҳои биологӣ бояд ҳамчун асосҳои табиию илмӣ барои гузаронидани гуфтугӯҳо оид ба масъалаҳои санитарӣ ва гигиенӣ пеш аз издивоҷ ва никоҳ хизмат кунанд. Омӯзиши ҷинсии ҷавонон дар дарсҳои биология бояд хонандагонро бо андешаҳои мақсаднок оид ба табиати муносибатҳои инсонӣ муҷаҳҳаз гардонад, он бояд ба кӯмаки оқилона ба кӯдак дар рушди равонӣ-ҷинсӣ ва маънавии он табдил ёбад.

Нақши дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ барои мусоидат намудан ба рушди ҳамаҷонибаи организми афзоянда, мустаҳкам намудани саломатии модарону падарони оянда равона карда шудааст. Истифодаи бозиҳои мардумии ҷисмонӣ ва варзишӣ дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули чунин хислатҳои шахсӣ ҳамчун далерӣ, истодагарӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтироми дигарон ва ғайра мусоидат мекунад, малакаҳои рафторҳои ҷинсӣ ва ҳамкории гурӯҳӣ беҳтар карда мешаванд. Илова бар ин, ба воситаи бозиҳои мардумӣ, фарҳанги ҷисмонӣ кӯдаконро ба фарҳанги мардумӣ ҷалб мекунад, зеро чунин машқҳо бо тезгӯякон, ҳикояҳо, сурудҳои миллӣ, унсурҳои рақси миллӣ, костюмҳои миллӣ, афсонаҳо ва достонҳо - ҳамаи он чизе, ки дорои боигарии дилхоҳ миллат, решаҳои он ва пайдоиши он мебошад, зич алоқаманданд.

Ташаккул додани шахсияти инсони оиладор дар дарсҳои таълими меҳнат аз имкониятҳо берун нест. Дар мафҳуми таълими технологӣ ва омодагии политехникии ҷавонон, мақсади асосии омӯзиш дар соҳаи таълимии «Технология» (технология, таълими меҳнат, нақшакашӣ, рассомӣ, дизайнерӣ) – ин омода кардани хонандагон барои фаъолияти касбӣ, рушд ва тарбияи шахсияти маълумотнок, бофарҳанг, эҷодкор, ташаббускор ва ғайра мебошад. Ин дарсҳо бояд хонандагонро барои иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъият, ташкил ва кори коллективҳои меҳнатӣ ва дар оила, ҳамчун воҳиди асосии ҷамъият омода намояд. Дар шароитҳои муосир, омода ва шинос намудани хонандагон бо навъҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ дар дарсҳои технологӣ мақсаднок ва

манфиатнок мебошад. Дарки онҳо барои рушди фарҳанги ҷамъият ва этносҳо заруру муҳим аст.

Ҳамин тариқ, дар ин ҷо, роҳҳо ва имкониятҳо барои омода кардани писарону духтарон ба ҳаёти оилавӣ дар раванди таълимӣ қисман оварда шудаанд, фақат ҳамон чизро бояд қайд кард, ки ҳалли ин масъала аз муносибати эҷодкоронаи муаллим вобастагии калон дорад. Корҳои таҷрибавӣ-таҳқиқотии мо нишон медиҳанд, ки агар ба ин масъала таваҷҷӯҳи кофӣ дода шавад, пас бо талошҳои ҳамаи муаллимони эҷодкор дар ҷараёни таълимӣ хеле зиёд корҳоро ба анҷом расондан мумкин аст, то ки дар оянда писарону духтарон бо мушкилотҳои гуногуни оилавӣ бо сабабҳои маълумот надоштан рӯбарӯ нашаванд.

Тарбияи ахлоқӣ ва ҷинсии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умум, на танҳо дар ҷараёни дарсҳои таълимӣ ва на танҳо аз ҷониби омӯзгорони фанҳои таълимӣ анҷом дода мешавад. Нақши муҳимро дар ҳалли ин масъала роҳбари синф, бо қобилиятҳои истифода бурдани шаклҳои мухталифи корҳои иловагӣ дар ташаккул додани таҷрибаи маънавии хонандагон мебозад. Ин кор бояд дар тамоми сатҳҳо дуруст ба нақша гирифта шуда бошад: мактабӣ, синфӣ, оилавӣ, фардӣ.

Барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавии оянда гузаронидани дар муассисаҳои таълимӣ конференсияҳо, шабнишиниҳо бахшида ба анъанаҳои оиладории мардумӣ, намоишҳои санъати мардумӣ, санначаҳои ҳаҷвӣ аз ҳаёти оилавии ҳозираи мардуми мо, вохуриҳо бо оилаҳои намунавӣ, бо арбобони таърихӣ, санъаткорон, олимон, кормандони пешқадам, дарсҳои иловагии бахшида ба анъанаҳои оиладории мардумӣ оид ба омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, намоиши консерту спектаклҳо бахшида ба анъанаҳои мардумии тоҷик аз аҳамият холӣ нест. Самаранокии тарбиявии ин чорабиниҳо инчунин дар он аст, ки онҳо ба хонандагон барои аз худ кардан, эҳсос намудан, бо рӯҳияи мардумӣ, бо фарҳанги ҳазорсолаи худ шинос шудан ва ба пайдо кардани эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ мусоидат мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро ба анҷом расонда, мехоҳем якчанд пешниҳод, дархосту тавсияҳоро нисбат ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар руҳияи анъанаҳои оиладории мардумӣ пешкаш кунем.

1. Бо сабаби ҷавобҳои муаллимон оид ба кам будани соатҳои дарсӣ ба мавзӯи "Анъанаҳои оиладории мардумӣ оид ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ" зиёд намудани соатҳои дарсии фанни "Маърифати оиладорӣ" дар муассисаҳои таҳсилоти умум.

2. Бо сабаби ҷавобҳои муаллимон оид ба камтиҷрабагӣ дар таълими фанни "Маърифати оиладорӣ" ва мавзӯҳои бахшида ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ҷалб намудани омӯзгорони ботаҷриба дар таълими фанни мазкур; равон кардани муаллимони фанни мазкур ба курсҳои махсуси баланд бардоштани ихтисос оид ба таълими фанни "Маърифати оиладорӣ".

3. Ворид намудани мавзӯҳои иловагӣ дар таълими фанни "Маърифати оиладорӣ" бахшида ба "анъанаҳои оиладории омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ"; ворид намудани дарсҳои иловагӣ ва соатҳои беруназсинфӣ бахшида ба мавзӯи мазкур.

4. Баланд бардоштани салоҳиятнокӣ ва талабот ба муаллимон дар таълими фанни "Маърифати оиладорӣ"; баланд бардоштани салоҳиятнокӣ ва талабот ба хонандагони синфҳои болоӣ дар омӯзиш ва азхудкунии фанни "Маърифати оиладорӣ" ва мавзуҳо бахшида ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар руҳияи анъанаҳои оиладории мардумӣ; гузаронидани корҳои педагогии иловагӣ оид ба сайқал додани фанни "Маърифати оиладорӣ" ва таҷрибаи омӯзгорон, дарк ва азхудкунии хонандагон мавзӯҳои бахшида ба "анъанаҳои оиладории омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ".

5. Бо сабаби ҷавоби муаллимон ва хонандагон оид ба кам будани маводҳо, бахшида ба мавзӯи "анъанаҳои оиладории омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ" истифодаи маводҳои иловагӣ, бахшида ба мавзӯъҳои "анъанаҳои оиладории омода намудани ҷавонон ба ҳаёти

оилавӣ” аз тариқи шабакаи интернет, маҷаллаву китобҳои бадеӣ, аз ҳаёти оилаҳои намунавӣ ва маводҳо бахшида ба анъанаҳои мардумии оиладории миллати тоҷик оид ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ.

6. Гузаронидани чорабиниҳо, ба монанди шабнишиниҳо, конференсияҳо, озмунҳо ва вохӯриҳо бахшида ба анъанаҳои оиладории омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ; гузаронидани вохӯриҳо бо оилаҳои намунавӣ, бо арбобони барҷастаи давлатӣ, таърихӣ, олимону дигар мутахассисони соҳаи мазкур; гузаронидани виставкаву намоишҳо бахшида ба педагогикаи мардумӣ, анъанаҳои мардумии миллати тоҷик, аллалхусус, бахшида ба анъанаҳои оиладории омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ; шинос намудани ҷавонон бо касбу ҳунарҳои мардумӣ; гузаронидани бозиву спектаклҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва дарсҳо, бахшида ба педагогикаи халқӣ, анъанаҳои мардумии миллати тоҷик оид ба омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ.

7. Шароитҳои зерини педагогикӣ барои баланд бардоштани самаранокии омодагии хонандагони мактаби таҳсилоти умумӣ ба ҳаёти оилавӣ мусоидат мекунанд: дохил намудан ба мазмуни таълиму тарбияи омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ хусусиятҳои минтақавӣ ва этникии муҳити фарҳангиву иҷтимоӣ, анъанаҳои никоҳӣ-оилавии миллӣ; ҳамгироии технологияҳои замонавии педагогӣ бо анъанаҳо, усулҳо ва воситаҳои педагогикаи халқӣ; рушди фаъолияти фардии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар тамоми фаъолиятҳои он, ҳавасмандгардонӣ ба худомӯзӣ, эҷодкунӣ, худшиносӣ ва худтарбиякунӣ; самтҳои таҳқиқотӣ ва эҷодии раванди таълим; ҳамкорӣ байни муассисаҳои таълимӣ, оилаҳо ва ҷамъият барои беҳбудии фарҳанги педагогии волидон, таҳкими оила ва робитаҳои хешутаборӣ, таблиғ ва пешбурди тарзи ҳаёти солим ва ғ.

Ҳамин тариқ, қайд карданием, ки ҳеҷ як рисолаи таҳқиқотӣ тамоми масъала ва мушкилоти мавҷударо пурра баррасӣ ва ҳал карда наметавонад. Барои ин корҳои зиёдеро бояд ҳалл намуд. Дар ин ҷода садҳо саҳифаҳои дигарро навиштану дохил намудан аз имкон холӣ нест,

дида баромадану таҳлили паҳлуҳои гуногуни ин масъала аз олимону таҳқиқотчиён кӯшишу ғайрати иловагиро талаб мекунад. Масъалаҳо ва мушкилотҳо хело ҳам зиёданд ва дар оянда оид ба ин корҳои иловагии таҳқиқотию педагогиро гузаронидан шарту зарур аст.

## Хулосаи боби дуюм

Дар боби мазкур мо имкониятҳои иҷтимоию педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик, алоқаи мутақобилаи падару модарон ва фарзандонро дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, корҳои озмоишию таҳқиқотиро оид ба муайян намудани дараҷаи омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавиро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода, аз ҷиҳати илмӣ баррасӣ намудем.

Дар натиҷаи таҳлилу мушоҳидаҳои илмӣ маълум гардид, ки:

- имкониятҳои иҷтимоиву педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик хеле зиёд буда, бо боварии комил гуфта метавонем, ки оилаи имрӯзаи тоҷик барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ омода аст;

- яке аз имкониятҳои иҷтимоии оилаи имрӯзаи тоҷик барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ин фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат мебошад;

- баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии ҷавонон дар омода намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ нақши зиёд дорад;

- сулҳу субот, тинҷиву оромӣ, ваҳдату якдигарфаҳмӣ дар кишвар, муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистон бо дигар кишварҳо яке аз имкониятҳои иҷтимоии оилаи имрӯзаи тоҷик дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба ҳисоб меравconfigured;

- танзими ҷашну маросимҳо ва урфу одатҳо дар ҷумҳурӣ, танзими маъракаҳои туй ва дигар урфу одатҳои хос ба ин маъракаҳо имкониятҳои дигари иҷтимоии оилаи имрӯзаи тоҷик барои омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба ҳисоб меравад;

- рушди иқтисоди давлат, имкониятҳои машғул шудан ба соҳибкорӣ, сафар ба хориҷи давлат, бунёди беморхонаву таваллудхонаҳои замонавӣ, марказҳои машваратдиҳии ройгон, дастгирии оилаҳои ҷавон, ҷойҳои кор бо музди кофӣ ва дигар таъминоти иқтисодӣ яке аз имкониятҳои дигари оилаи имрӯзаи тоҷик дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба ҳисоб меравcovered;

- вуҷуд доштани анъанаҳои миллии оиладории тоҷик имконияти дигари оилаи имрӯзаи тоҷик дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мебошад, ки ҷавонон дар такя ба онҳо метавонанд оилаҳои солиму бардавом бунёд созанд.

Барои омодагии ҷавонон дар алоқаи мутақобилаи падару модарон ва фарзандон ба якчанд омилу принсипҳо такя бояд кард:

- дар алоқаи мутақобилаи падару модарон ва фарзандон нақши зиёдро дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ обрӯю эътибор ва намунаи ибрати шахсии волидайн, мақоми онҳо дар ҷамъият, кору фаъолияти онҳо, шакли педагогии тарбия (авторитарӣ ё демократӣ), сатҳи маърифату ахлоқи онҳо, рафтору кирдори онҳо, муносибату муоширати онҳо дар оила, муносибат бо фарзандон, бо ҳамсояҳо ва хешу табор мебозад;

- дар алоқаи мутақобилаи падару модар ва фарзандон дар омодагии фарзандон ба ҳаёти оилавӣ шарту омилҳо, ба монанди муҳит ва фазои психологии ором дар оила, тарбияи ҷисмонӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, зебоипарастӣ, маънавию ахлоқӣ, динию мазҳабӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, эҳтиромгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, урфу одату анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ, илмдӯстӣ, ҷаҳонбинӣ, саховатмандӣ, таҳаммулпазирӣ, тоқатфарсоӣ, ҷиддӣ будан, далерию шуҷоат ва ғайра нақши босазо дорад;

- дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ муносибатҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандон дар масъалаҳои хоҷагидорӣ, тақсими меҳнат ва вазифаҳо нақши бориз дорад. Ҷавонон харҷу сарфи

оила, раванди иқтисодии оиладорӣ, ҷобаҷогузории анҷому асбоби рӯзгор, меҳнатдӯстӣ ва ба меҳнат машғул шудан, касбу ҳунар аз худ кардан, неъматҳои моддиро ҷамъ кардан, танбал набудан, аз гуруснагӣ ва ночорӣ худро ҳифз намудан, маърифати рӯзгордориро аз худ кардан ва ғайраро аз худ карда, ба ҳаёти оилавии оянда омода мешаванд;

- падару модар вазифадоранд, ки ба фарзандон дар бораи масъалаҳои оила ва оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, қоидаҳои муошират, рафтору кирдор, муносибат бо дигар одамон, масъалаҳои рӯзгордорӣ, тартибу интизом дар оила, вазифаҳои иҷтимоии марду зан, ҳам аз ҷиҳати қонун ва ҳам дин, итоати зан ва фарзандон ба сарвари оила, нақши модар дар оила, нақши падар дар оила, қоидаҳои нигоҳубини тифли навзод, қоидаҳои тарбияи кӯдакон, муқаддас будани оила дар ҷамъият ва назди Худо, тартибу қоидаҳои меҳмондорӣ, ҳурмату иззати падару модар, дигар калонсолони оила, хусуру хушдоман, муносибат бо дигар хешу табор, риоя намудани анъанаҳои миллӣ дар раванди бунёди оила ва дигар масъалаҳои муҳими оиладориро бояд таълим диҳанд, омӯзонанд ва доимӣ сухбатҳо гузаронанд.

Таҳлилу озмоиши педагогӣ нишон дод, ки қисме аз ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ омода нестанд ва оид ба бунёди оилаи солим маълумоти нокифоя доранд, бинобар ин, тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд:

- ҷавонон бояд аз ҷиҳати психологию педагогӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳаёти оилавии оянда омода бошанд, дар онҳо ҳисси масъулиятшиносии бунёди оила, ҳифзи он, тарбияи фарзандон ва таъминоти онҳо пайдо шавад;

- омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ҳатман бояд дар аввал аз ҷониби падару модар ва баъд мактабу ҷамъият таъмин карда шавад, барои ҷавонон имконияту шарту шароитҳои иқтисодиву маънавӣ фароҳам оварда шавад;

- ҳатман ба ҷавонон касбу ҳунарҳои гуногуни замонавӣ омӯзонда шаванд ва дар ин замина ба онҳо имкониятҳои мувофиқро фароҳам овардан аз аҳамият холӣ нест;

- таълиму тарбияи оиладорӣ, шиносоӣ бо он, омодагии педагогӣ барои тарбияи фарзандон, шиносоӣ бо оилаҳои хушбахту пешқадам, риояи урфу одатҳо, шиносоӣ бо асосҳои қонунгузории оилаи тоҷик, донишоомӯзии гигиенӣ ва санитарӣ, ҷинсӣ, анатомӣ ва физиологии инсон, азхудкунии малакаҳои гигиенаи шахсӣ ва оилавӣ, шиносоӣ бо баъзе ҷиҳатҳои ҳаёти маҳрамона дар оила, мактаб ва ҷамъиятро ба роҳ мондан зарур аст;

- ба инобат гирифтани хоҳишу ниёзҳои ҷавонон дар интихоби ҳамсар, муоинаи тиббии домоду арӯс пеш аз хонадоршавӣ, барои муайян намудани бемориҳо, ба инобат гирифтани синну соли ҷавонон, сифату хислат, дахолат накардани калонсолон, хешу таборон ба ҳаёти ҷавонони навхонадоршуда, танзими оила ва оиладорӣ, додани муҳлат ба ҷавонон барои қабули қарори дуруст ва ғайра.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти дидактикӣ, психологию педагогӣ ва таҷрибаи омӯзгорони синфҳои озмоишӣ, инчунин маводи амалӣ мо маҷмуи идеяҳои асосиро муайян намуда, ҳамзамон талаботи асосиро ба ташаккули фаҳмиши хонандагон ба ҳаёти оилавиро муайян намудем.

# ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО

Дар раванди кор аз болои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дар асоси натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада ба хулосаҳои зерин расидем:

